# فتاوي في الصيام

# ФАТВОҲО ДАР БОРАИ РӮЗА

اللغة الطاجيكية

**ЗАБОНИ ТОҶИКӢ**


الله
بسم الله الرحمن الرحيم

## Рӯза аз хусусиятҳои ин уммат намебошад

**Савол**

Оё Рамазон яке аз хусусиятҳои ин уммат аст ва ё дар умматҳои пешин низ вуҷуд дошт?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُتِبَ عَلَيْكُمُ الصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى الَّذِينَ مِنْ قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ

(سورة البقرة: ١٨٣).

**«Эй касоне, имон овардаед, рӯза бар шумо фарз шуд, чунон ки бар касоне, ки пеш аз шумо буданд, фарз шуда буд, то парҳезгор шавед».** (Сураи Бақара: 183).

Ин ояти карима далолат мекунад, ки рӯза ибодати қадимиест, ки бар умматоне, ки пеш аз мо буданд, фарз шуда буд, чуноне ки бар мо фарз шудааст. Вале ба онҳо дастур шуда буд, ки дар моҳи Рамазон рӯза бигиранд ва ё дар вақти дигар? Дар ин бора ягон нассеро аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) намедонам. Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Шайх Ибни Боз (7/15).

## Оё мардумоне, ки дар минтақаҳои хеле гарм зиндагӣ мекунанд, гарчанде ки рӯза барои онҳо душвор ҳам бошад, бояд рӯза бигиранд?

**Савол**

Дар минтақаи Саҳрои бузург, шояд моҳи Рамазон дар тобистон фаро расад ва рӯза гирифтан барои онон душвор мегардад ва шояд рӯза гирифтан (дар ин вақт) ғайриимкон бошад. Ин якчанд сол идома хоҳад ёфт. Онҳо чӣ гуна бояд рӯза бигиранд?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳар гоҳ моҳи Рамазон фаро расад, бояд ҳар як мусулмони мукаллаф, муқиму солим рӯза бигирад.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

فَمَنْ شَهِدَ مِنْكُمُ الشَّهْرَ فَلْيَصُمْهُ وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِّنْ أَيَّامٍ أُخَرَ

(سورة البقرة: ١٨٥).

**«Пас ҳар касе аз шумо ин моҳро дарёбад, пас бояд онро рӯза бигирад ва ҳар кас бемор ва ё дар сафар бошад, бояд ба теъдоди рӯзҳои фавтшуда дар рӯзҳои дигар рӯза бидорад».** (Сураи Бақара: 185).

Рӯза гирифтан дар вақти гармӣ ҳам фарз аст, зеро рӯзаи Рамазон яке аз рукнҳои Ислом аст. Агар шахсе рӯза бигирад ва сипас ба ташнагии шадиде рӯбарӯ шавад, ки дар он хавфи ҳалокат вуҷуд дошта бошад, дар ин ҳолат метавонад бо тановул намудани чизе (хӯрок ва ё нӯшокие), ки ӯро

зинда нигоҳ медорад, ифтор бикунад, сипас (дар боқимондаи рӯз) аз хӯрдану нӯшидан худдорӣ мекунад ва қазои он рӯзро дар вақти дигар адо менамояд. Аллоҳ донотар аст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз. Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён. Солеҳ Ал-Фавзон. Шайх Абдулазиз Оли Шайх. Шайх Бакр Абузайд.

"Фатово-л-лаҷнату-д-доима" - маҷмӯаи дуввум (9/145).

## Ӯ намоз мехонад, вале Рамазонро рӯза намегирад, пас оё ӯ кофир ҳисобида мешавад?

**Савол**

Оё рӯзахӯре, ки бидуни беморӣ ва бе ягон узр рӯза намегирад, модоме ки намоз мехонад, кофир мешавад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Касе ки рӯзаро аз рӯи инкор намудани воҷибияташ тарк кунад, бо иҷмои донишмандон кофир аст. Касе ки рӯзаро аз рӯи танбалию бепарвоӣ тарк кунад, дар ин ҳолат, баъзе аз донишмандон ӯро кофир шумориданд, аммо дидгоҳи саҳеҳ ин аст, ки ӯ кофир намебошад, вале ба хотири тарк

намудани рукне аз рукнҳои Ислом, ки бар воҷиб будани он донишмандон иҷмоъ кардаанд, бар хатари бузург буда, мустаҳиққи муҷозоту танбеҳ аз ҷониби ҳокими мусулмон мебошад, то аз ин гуноҳ даст кашад. Бар ӯ зарур аст, қазои рӯзаҳоеро, ки тарк кардааст, анҷом бидиҳад ва ба сӯи Аллоҳ таъоло тавба намояд. Аллоҳ донотар аст.

Ниг: "Фатово-л-лаҷна" (10/143).

## Оё ӯ қазои рӯзҳое аз Рамазонро, ки пеш аз мусулмон шуданаш фавт шуда буд, бояд адо намояд?

**Савол**

Оё ӯ қазои рӯзҳое аз ин моҳро, ки пеш аз мусулмон шуданаш фавт шуда буд, бояд адо намояд?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Бар ӯ лозим нест, ки қазои рӯзҳоеро, ки пеш аз мусалмон шуданаш аз ӯ фавт шуда буд, адо намояд, зеро дар он вақт амри рӯза ба ӯ равона нашуда буд ва ӯ аз аҳли вуҷуби рӯза набуд, то ин ки қазои он бар ӯ лозим гардад". Поёни сухан.

Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод).

"Ал-Иҷоботу ало асъилати-л-ҷолиёт" (1/8).

## Ҳадиси (Хоби рӯзадор ибодат аст) заиф мебошад

**Савол**

Яке аз хатибон (воизон)-ро шунидам, ки ҳадисеро аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) зикр мекард: (Хоби рӯзадор ибодат аст). Оё ин ҳадис саҳеҳ аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин ҳадис саҳеҳ нест, аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит нашудааст.

Байҳақӣ дар "Шуабу-л-имон" (3/1437) аз Абдуллоҳ ибни Абуавфо (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Хоби рӯзадор ибодат, сукути ӯ тасбеҳ, дуояш қабул ва (савоби) амалаш дучандон аст».**

Байҳақӣ санади ин ҳадисро заиф дониста, гуфтааст: Маъруф ибни Ҳассон (яке аз ровиёни ҳадис) заиф аст ва Сулаймон ибни Амри Нахаӣ аз ӯ заифтар аст. Ироқӣ дар "Тахриҷу эҳёи улуми-д-дин" (1/310) гуфтааст: Сулаймони Нахаӣ яке аз дурӯғгӯён аст. Муновӣ ӯро дар "Файзу-л-қадир" (9293) заиф донистааст. Албанӣ онро дар "Силсилату-л-аҳодиси-з-заифа" (4696) зикр карда, гуфтааст: (Ин ҳадис) заиф аст.

Бар мусулмонон ба таври умум ва бар хатибону воизон махсусан воҷиб аст, ки пеш аз он ки ҳадисро ба расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нисбат диҳанд, таҳқиқу баррасӣ кунанд. Ба паёмбар нисбат додани сухане, ки

нагуфтааст, ҷоиз нест. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Дурӯғ бастан бар ман мисли дурӯғ бастан ба дигарон нест. Касе, ки огоҳона бар ман дурӯғ бибандад, пас ҷойгоҳи худро дар оташи дӯзах омода кунад».** Ривояти Бухорӣ (1391) ва Муслим дар "Муқаддимату-с-саҳиҳ"-и худ (4).

Аллоҳ донотар аст.

## Ӯ ба балоғат расидааст, вале қувваи рӯза гирифтан надорад

**Савол**

Ҷавондухтаре дар синни ёздаҳсолагӣ ҳайз дидааст. Оё бар ӯ рӯза гирифтан зарур аст? Бояд қайд кард, ки вазъи саломатии ӯ чандон хуб нест ва агар ӯ рӯза гирифта натавонад, чӣ чиз бар ӯ лозим аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Агар воқеият ҳамон тавре ки шумо зикр кардед, бошад, пас ӯ бояд рӯза бигирад, зеро ҳайз яке аз нишонаҳои балоғат барои занон аст, модоме ки он (ҳайз) дар синни нӯҳсолагӣ ва болотар аз нӯҳсолагӣ биёяд. Агар ба рӯзадорӣ тавоноӣ дошта бошад, бар ӯ воҷиб мебошад, ки онро дар вақташ адо намояд. Агар рӯза дошта натавонад ва ё дар анҷоми ин кор ба мушкилии сахте дучор шавад, пас дар ин ҳолат рӯза

намегирад, вале қазои рӯзҳое, ки дар ҳангоми тавоноӣ онро рӯза нагирифтааст, бар ӯ воҷиб мебошад". Поёни сухан.

"Фатово-л-лаҷнату-д-доимату ли-л-буҳуси-л-илмийяти ва-л-ифто" (10/145).

## Ӯ сездаҳ сола шуд, аммо дар Рамазон рӯза намегирад.

**Савол**

Ҷавондухтаре ба синни дувоздаҳ ё сездаҳ солагӣ расид, аммо дар Рамазон рӯза намегирад. Оё бар ӯ ё хонаводааш чизе лозим аст? Оё ӯ бояд рӯза бигирад ва агар ӯ рӯза нагирад, пас оё бар ӯ чизе лозим аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Зан бо шартҳои зерин мукаллаф мегардад: Ислом, ақл ва балоғат. Нишонаҳои балоғат (нисбати занон) инҳоянд: Ҳайз, баромадани нутфа бо шаҳват ва эҳтилом ҳар гоҳ нутфаеро пас аз бедор шудан (дар либоси худ) мушоҳида кунад, ё сабзидани мӯи сахт дар атрофи шармгоҳ ё ба синни понздаҳ солагӣ расидан. Агар дар ин ҷавондухтар шартҳои мукаллаф шудан комил гарданд, пас рӯза бар ӯ воҷиб аст ва бар ӯ қазои рӯзае, ки дар вақти мукаллаф будан тарк кардааст, воҷиб мебошад. Агар шарте аз шартҳо халалдор гардад, пас ӯ мукаллаф ҳисобида намешавад ва бар ӯ чизе лозим намебошад.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз. Шайх Абдураззоқ Афифӣ. Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён. Шайх Абдуллоҳ ибни Қаъуд.

"Фатово-л-лаҷнату-д-доимату ли-л-буҳуси-л-илмийяти ва-л-ифто" (10/146,147).

## Оё бадӣ ва некӣ дар Рамазон дучанд мешаванд?

**Савол**

Оё дуруст аст, ки бадӣ дар Рамазон дучанд мешавад, чуноне ки некӣ дучанд мешавад? Оё далеле бар он омадааст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ. Бале, некӣ ва бадӣ дар замону макони бофазилат дучанд мешаванд. Вале байни дучанд шудани некӣ ва бадӣ фарқе вуҷуд дорад. Некӣ ҳам дар адад ва ҳам дар сифат дучанд мешавад. Некӣ дар адад дучанд мешавад, як некӣ даҳ баробар ё зиёда аз он мегардад. Аммо аз ҷиҳати сифат бошад, савоби он бузург ва бисёр мешавад. Бадӣ бошад, дучанд шудани он танҳо дар сифат мебошад, яъне гуноҳи он бузургтар ва ҷазои он шадидтар мегардад. Вале аз ҷиҳати адад як бадӣ, як бадӣ боқӣ мемонад ва ҳеҷ гоҳ аз он зиёд намешавад.

Дар "Матолибу ули-н-нуҳо" (2/385) омадааст: "Некӣ ва бадӣ дар макони бофазилат, ба монанди Макка, Мадина, Байту-л-мақдис ва дар масҷидҳо дучанд мешаванд. Инчунин дар замони бофазилат, ба монанди рӯзи ҷумъа, моҳҳои ҳаром ва Рамазон дучанд мегарданд. Оиди дучанд шудани некӣ ҳеҷ ихтилофе нест. Аммо дар мавриди дучанд шудани бадӣ, гурӯҳе аз донишмандон ба Ибни Аббос ва Ибни Масъуд пайравӣ намуда, гуфтаанд, ки бадӣ низ дучанд мешавад. Баъзе аз муҳақиққон гуфтаанд: Сухани Ибни Аббос ва Ибни Масъуд (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) оиди дучанд шудани бадиҳо, ин дучанд шудани сифати он аст, на адади он. Поёни сухан.

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсида шуд: "Оё мусулмон бо сабаби рӯза каффораи гуноҳҳои сағира ва кабираро ба даст меорад? Оё гуноҳи амали бад дар Рамазон дучанд мешавад?"

Дар ҷавоб гуфт: "Барои мусаумон дар Рамазон ва ғайри Рамазон машрӯъ аст, ки бо нафси худ, ки ба корҳои бад амр мекунад, мубориза барад, то нафси ӯ нафси ором, амркунанда ба амалҳои нек ва дӯстдори он гардад. Бар ӯ воҷиб аст, ки бо душмани Аллоҳ, Иблис мубориза барад, то аз бадиву васвасаҳояш эмин монад. Мусулмон дар ин дунё дар муборизаи бузурги доимӣ бо нафс, ҳавову ҳавас ва шайтон қарор дорад. Бар ӯ зарур аст, ки ҳама вақт тавбаву истиғфори зиёд намояд. Вале вақтҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Моҳи Рамазон беҳтарин моҳи сол аст. Он моҳи

раҳмату мағфират ва наҷот аз дӯзах аст. Ҳар гоҳ моҳ бофазилат бошад ва инчунин макон ҳам бофазилат бошад, некиҳо дар он дучанд мешаванд ва гуноҳи бадиҳо дар он бузургтар мешавад. Гуноҳи бадиҳо дар Рамазон аз гуноҳи бадии моҳҳои дигар бузургтар аст, чуноне ки савоби тоатҳо дар Рамазон назди Аллоҳ аз савоби тоатҳои моҳҳои дигар бузургтар аст. Чун Рамазон дорои чунин мақоми баланд аст, тоатҳо дар ин моҳ фазилати бузург доранд ва савобҳо якчанд маротиба зиёд мешаванд. Ҳамчунин гуноҳи бадиҳо нисбат ба дигар вақт бузургтар ва шадидтар аст. Бар мусаумон воҷиб аст, ки ин моҳи муборакро бо анҷом додани корҳои накӯ ва шоиста ғанимат бигирад ва аз бадиҳо дур бошад, шояд ки Аллоҳ таъоло аз ӯ бипазирад ва ӯро бар ҳақиқат устувор намояд. Вале бадӣ ҳамеша ба як бадӣ баробар аст ва адади он дар Рамазон ва дар дигар моҳҳо низ дучанд намешавад. Аммо савоби некӣ бо даҳ баробар ва бештар аз он дучанд мешавад, зеро Аллоҳ таъоло дар сураи Анъом фармудааст:

مَنْ جَاءَ بِالْحَسَنَةِ فَلَهُ عَشْرُ أَمْثَالِهَا وَمَنْ جَاءَ بِالسَّيِّئَةِ فَلا يُجْزَى إِلا مِثْلَهَا وَهُمْ لا يُظْلَمُونَ الأنعام / 160

**«Ҳар кас кори неке анҷом бидиҳад, пас даҳ баробар ба ӯ подош диҳанд ва ҳар кас кори баде анҷом бидиҳад, танҳо монанди он ҷазо бинад ва ба онон ситаме нахоҳад шуд».** (Сураи Анъом: 160).

Оятҳо дар ин маъно зиёданд.

Инчунин некиҳо дар макони бофазилат, ба монанди ду ҳарам (Маккаву Мадина) ҳам дар адад ва ҳам дар сифат

якчанд баробар зиёд мешаванд. Аммо бадиҳо бошанд, аз ҷиҳати адад дучанд намешаванд, вале аз ҷиҳати сифат вобаста ба замону макони бофазилат дучанд мешаванд, чуноне ки қаблан ишора карда шуд. Аллоҳ соҳиби тавфиқ аст.

Поёни сухан аз китоби "Маҷмӯу фатово ва мақолотун мутанаввиа" (15/446).

Шайх Ибни Усаймин дар "Аш-шарҳу-л-мумтиъ" (7/262) гуфтааст:

Некию бадӣ вобаста ба макону замони бофазилат дучанд мешаванд.

Некӣ ҳам дар адад ва ҳам дар сифат дучанд мешавад. Аммо бадӣ бошад, дар сифат дучанд мешавад, на дар адад, зеро Аллоҳ таъоло дар сураи Анъом, ки он дар Макка нозил шудааст, мефармояд:

مَنْ جَاءَ بِالْحَسَنَةِ فَلَهُ عَشْرُ أَمْثَالِهَا وَمَنْ جَاءَ بِالسَّيِّئَةِ فَلا يُجْزَى إِلا مِثْلَهَا وَهُمْ لا يُظْلَمُونَ الأنعام / 160

**«Ҳар кас кори неке анҷом бидиҳад, пас даҳ баробар ба ӯ подош диҳанд ва ҳар кас кори баде анҷом бидиҳад, танҳо монанди он ҷазо бинад ва ба онон ситаме нахоҳад шуд»**. (Сураи Анъом: 160).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمَنْ يُرِدْ فِيهِ بِإِلْحَادٍ بِظُلْمٍ نُذِقْهُ مِنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ . الحج/25

**«Ва ҳар ки дар он ҷо қасди каҷравӣ ё ситамкорӣ дошта бошад, аз азоби дардовар ба ӯ мечашонем»**. (Сураи Ҳаҷ: 25).

Аллоҳ нагуфтааст, ки гуноҳашро дучанд мегардонем, балки гуфтааст: **«аз азоби дардовар ба ӯ мечашонем»**. Аз ин рӯ, дучанд шавии бадӣ дар Макка ё дар Мадина дучанд шавӣ дар сифат мебошад. Ба ин маъно аст, ки дарду алами он сахттар мебошад, зеро Аллоҳ фармудааст:

وَمَنْ يُرِدْ فِيهِ بِإِلْحَادٍ بِظُلْمٍ نُذِقْهُ مِنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ . الحج/25

**«Ва ҳар ки дар он ҷо қасди каҷравӣ ё ситамкорӣ дошта бошад, аз азоби дардовар ба ӯ мечашонем»**. (Сураи Ҳаҷ: 25).

Поёни сухан. Аллоҳ донотар аст.

## Кай рӯза фарз шуд?

**Савол**

Дар кадом сол рӯза бар мусулмонон фарз карда шуд?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рӯзаи моҳи Рамазон дар соли дуввуми ҳиҷрӣ фарз карда шуд. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нӯҳ Рамазонро рӯза гирифтааст.

Нававӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (6/250) гуфтааст:

Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) Рамазонро нӯҳ сол рӯза гирифт, зеро он дар моҳи шаъбани соли дуввуми ҳиҷрӣ фарз карда шуда буд. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар моҳи рабиъу-л-аввали соли ёздаҳами ҳиҷрӣ вафот кард. Поёни сухан.

Аллоҳ донотар аст.

## Чаро мусулмонон рӯза медоранд?

**Савол**

Ман дар Британиё зиндагӣ мекунам. Ғайримусулмонон аз ман бисёр мепурсанд, ки чаро мусулмонон рӯза медоранд. Ман ба онҳо чӣ гӯям?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аввал: Мо, мусулмонон дар моҳи Рамазон рӯза медорем, чунки Аллоҳ таъоло моро ба он амр кардааст. Чуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُتِبَ عَلَيْكُمُ الصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى الَّذِينَ مِنْ قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ

البقرة/183.

**"Эй касоне, имон овардаед, рӯза бар шумо фарз шудааст, ҳамчунон ки бар касоне, ки пеш аз шумо будаанд, фарз шуда буд, то парҳезгор шавед".** (Сураи Бақара: 183).

Пас мо бо ин ибодате, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва ба он амр кардааст, Аллоҳ таъолоро мепарастем.

Мӯъмин бо ояти зерин амал намуда, ба адо намудани амри Аллоҳ таъоло ва паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шитоб мекунад:

إِنَّمَا كَانَ قَوْلَ الْمُؤْمِنِينَ إِذَا دُعُوا إِلَى اللَّهِ وَرَسُولِهِ لِيَحْكُمَ بَيْنَهُمْ أَنْ يَقُولُوا سَمِعْنَا وَأَطَعْنَا وَأُولَئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ. النور/51.

**"Чун мӯъминонро ба Аллоҳ ва паёмбараш даъват кунанд, то миёнашон ҳукм кунад, суханашон ғайри ин нест, ки мегӯянд: "Шунидем ва итоат кардем", инҳо наҷотёфтагонанд".** (Сураи Нур: 51).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمَا كَانَ لِمُؤْمِنٍ وَلا مُؤْمِنَةٍ إِذَا قَضَى اللَّهُ وَرَسُولُهُ أَمْراً أَنْ يَكُونَ لَهُمُ الْخِيَرَةُ مِنْ أَمْرِهِمْ وَمَنْ يَعْصِ اللَّهَ وَرَسُولَهُ فَقَدْ ضَلَّ ضَلالاً مُبِيناً. الأحزاب /36

**"Барои ҳеҷ мард ва зани мӯъмине шоиста нест, ки чун Аллоҳу расулаш ба коре фармон диҳанд, дар иҷрои он фармон ихтиёре дошта бошанд ва ҳар ки аз Аллоҳу расулаш нофармонӣ кунад, ба таҳқиқ дар гумроҳии ошкоре гирифтор шудааст".** (Сураи Аҳзоб: 36).

**Дуввум:**

"Яке аз ҳикматҳои Аллоҳ ин аст, ки Аллоҳ таъоло ибодатҳоро гуногун кардааст, то бандагонашро имтиҳон намояд, ки ба ҳар як намуди ибодатҳо чӣ гуна фармонбардорӣ хоҳанд кард. Оё танҳо агар мувофиқи табъаш бошад, ба он фармонбардорӣ мекунад ва онро

қабул менамояд, ё ба ҳар он чи ки дар он розигии Аллоҳ аст, фармонбардорӣ мекунад? Агар ба ибодатҳои панҷгона, шаҳодат ва намозу рӯза ва закоту ҳаҷ тааммул намоем, дармеёбем, ки баъзе аз он ибодатҳо, танҳо ҷисмонӣ аст ва баъзеи дигари он фақат молӣ аст ва баъзе аз он, аз якчанд чиз иборат аст, то шахси бахил аз саховатманд ҷудо шавад. Шояд барои баъзе аз мардумон ҳазор ракъат намоз хондан аз як дирҳам сарф кардан осонтар бошад. Шояд барои баъзе аз мардумони дигар ҳазор дирҳам сарф кардан аз як ракъат намоз хондан осонтар бошад.

Аз ин хотир, шариат тақсимот ва намудҳои гунонгуни ибодатро муқаррар кардааст, то муайян шавад, ки чӣ касе холис ба хотири Аллоҳ амал мекунад ва чӣ касе мувофиқи ҳавову ҳаваси худ.

Масалан намоз як ибодати комилан ҷисмонӣ аст, вале муқаддамоти он баъзе хароҷотро талаб мекунад, ба монанди об барои вузӯ ё либос барои пӯшидани аврат, ки инҳо асоси ибодат намебошанд.

Закот комилан ибодати молӣ аст ва ҳар он амалҳои ҷисмонӣ, ки барои амалӣ кардани он зарур аст, ба монанди ҳисоб кардани мол ва интиқол додани закот ба камбағалону ниёзмандон, тобеи он аст, вале асоси ибодат намебошад.

Ҳаҷ ибодати молӣ ва ҳам ҷисмонӣ аст, ба истиснои мардуми Макка, мумкин аст, ки (барои адои ҳаҷ) ба мол ниёз паёдо накунанд, вале он хеле кам ва аҳёнан ба

иттифоқ меафтад, ё ин ки хароҷоти онҳо дар муқоиса бо касоне, ки дар Макка зиндагӣ намекунанд, камтар аст.

Ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ низ ибодати молӣ ва ҷисмонӣ аст. Гоҳо мол ва гоҳо ҷисмро талаб менамояд.

Таклиф (масъулият ва амрҳои Аллоҳ таъоло) ба ду қисм тақсим мешаванд: Худдорӣ аз чизҳои дӯст доштташуда, хароҷоти чизҳои дӯст дошташуда. Ин низ қисме аз таклиф аст.

Мисоли худдорӣ аз чизҳои дӯст дошташуда, рӯза аст. Мисоли хароҷоти чизҳои дӯст дошташуда, закот аст, зеро нафс молро дӯст медорад ва моли дӯст дошташударо танҳо ба хотири чизе сарф мекунад, ки аз он ҳам маҳбубтар бошад.

Инчунин худдорӣ аз чизҳои дӯст дошташуда. Гоҳо барои шахс осон аст, ки ҳазор дирҳам нафақа намояд, аммо як рӯз рӯза нагирад ё баръакс". Поёни сухан. Ин суханонро Шайх Ибни Усаймин дар китоби "Ашшарҳу-л-мумтиъ" (6/190) гуфтааст.

**Саввум:**

Дар машрӯияти рӯза ҳикматҳои бузургест, ки баъзеи он дар ҷавоби саволи рақами (**26862**) зикр шудаанд.

Аз Шайх Ибни Усаймин ҳикмати фарз шудани рӯзаро пурсиданд. Дар ҷавоб гуфт:Агар ояти зеринро бихонем:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُتِبَ عَلَيْكُمُ الصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى الَّذِينَ مِنْ قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ

البقرة/183.

**"Эй касоне, имон овардаед, рӯза бар шумо фарз шудааст, ҳамчунон ки бар касоне, ки пеш аз шумо будаанд, фарз шуда буд, то парҳезгор шавед".** (Сураи Бақара: 183), дармеёбем, ки ҳикмат аз фарз шудани рӯза чист. Ҳикмат аз он тақвову парҳезгорӣ ва ибодати Аллоҳ таъоло аст. Тақво тарк кардани ҳаромҳо буда, ҳангоми умумӣ зикр шудан, анҷом додани амрҳо ва тарк кардани манъ шудаҳоро дарбар мегирад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Ҳар касе сухани дурӯғ ва амал бо он ва ҷаҳолатро тарк накунад, Аллоҳ ба тарки хӯрдану нӯшидани ӯ, ҳеҷ ниёзе надорад".** Ривояти Бухорӣ (6057).

Лутфан ба саволи рақами (**37658**) ва (**37989**) нигаред.

Аз ин рӯ, бар рӯзадор таъкид мешавад, ки воҷибҳоро адо намояд ва аз суханҳову амалҳои ҳаром дурӣ ҷӯяд, мардумро ғайбат накунад, дурӯғ нагӯяд, суханчинӣ накунад, моли ҳаром нафурӯшад ва аз тамоми ҳаромҳо дур шавад. Агар инсон чунин амалҳоро дар моҳи Рамазон пурра адо намояд, нафси ӯ дар давоми сол низ дар ин роҳ устувор боқӣ хоҳад монд. Вале мутаассифона, бисёре аз рӯзадорон байни рӯзҳои рӯзадорӣ ва ғайри он фарқе намегузоранд. Чун одат воҷибҳоро тарк мекунанд ва ба ҳаром даст мезананд. Эҳсос намекунӣ, ки онҳо вақору тамкини рӯзаро доранд. Чунин амалҳо рӯзаро ботил намекунад, вале савоби онро кам мекунад ва шояд ҳангоми муқойиса чунин амалҳо аз аҷри рӯза вазнинтар баромада, савоби онро барбод намояд. Поёни сухан.

"Фатово аркони-л-ислом" (саҳ: 451).

## Баъзе аз суннатҳои рӯза, ки барои рӯзадор муҳофизат кардани он мустаҳаб мебошад.

**Савол**

Суннатҳои рӯза кадомҳоянд?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рӯза аз бузургтарин ибодатҳост. Аҷру савоби рӯзадори боихлосро танҳо Аллоҳ медонад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: Аллоҳ таъоло фармудааст: "Ҳар як амали фарзанди одам барои ӯст, ба ҷуз рӯза, ки барои Ман аст ва Ман мукофоти онро медиҳам". Ривояти Бухорӣ (1904) ва Муслим (1151)

Рӯзаи Рамазон рукне аз рукнҳои дин аст, ки бояд мусулмон бар рӯзааш муҳофизат кунад ва новобаста аз он, ки рӯзаи фарзӣ аст ё нафлӣ эҳтиёт намояд, то ин ки Аллоҳ мукофоти олиеро барои ӯ ато кунад.

Рӯза суннатҳои зиёде дорад. Ин ҷо ба чанде аз он ишора хоҳем кард:

**Аввал:**Агар бандаи рӯзадореро касе дашном диҳад, ё бо ӯ ситеза кунад, бар ӯ суннат аст, ки дар муқобили бадӣ бо накӯӣ посух диҳад ва бигӯяд: Ман рӯзадорам.

**Дуввум:**Саҳарихӯрӣ барои рӯзадор суннат аст, зеро саҳарихӯрӣ барака аст.

**Саввум:**Зуд ифтор намудан ва дер саҳархӯрӣ кардан суннат аст.

**Чаҳорум:**Суннат аст, ки бо рутаб (хурмои тар) ифтори худро оғоз намояд, агар онро пайдо накунад, бо тамр (хурмои хушк) ифтори худро шрӯъ кунад, агар онро ҳам пайдо накунад, бо об ифтори худро оғоз намояд.

**Панҷум:**Барои рӯзадор мустаҳаб аст, ки ҳангоми ифтор дуои зеринро бигӯяд:

ذَهَبَ الظَّمَأُ، وَابْتَلَّتِ الْعُرُوقُ، وَثَبَتَ الْأَجْرُ إِنْ شَاءَ اللَّهُ

**"Заҳаба-з-замаъу ва-б-таллати-л-ъуруқу ва сабата-л-аҷру иншоаллоҳ".**

(Ташнагӣ рафт, рагҳо тар гардид, агар Аллоҳ хоста бошад, мукофот сабт гардид).

Барои ошноӣ бо далелҳои ворид шуда ба масъалаҳои мазкур, ба ҷавоби саволи рақами (39462) нигаред.

**Шашум:**Барои рӯзадор бисёр дуо кардан мустаҳаб аст. Чуноне ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Дуои се гурӯҳ рад карда намешавад. Дуои пешвои одил, дуои рӯзадор то ин ки ифтор кунад ва дуои мазлум". Ривояти Аҳмад (8043). Муҳаққиқони "Муснад" ин ҳадисро бо ҳамаи туруқ ва шавоҳиди он саҳеҳ номидаанд.

Нававӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Барои рӯзадор мустаҳаб аст, ки дар ҳоли рӯзадорӣ муҳимтарин хостаҳои ухравӣ ва дунявиро барои худ ва барои касоне, ки онҳоро

дӯст медорад ва барои мусулмонон дуо кунад". Поёни сухан аз китоби "Ал-Маҷмуъ" (6/375).

**Ҳафтум:**Оиди рӯзаи Рамазон, амалҳои зерин мустаҳаб аст:

- Нишастан дар масҷид ба хотири тиловати Қуръон ва зикри Аллоҳ.

- Эътикоф дар даҳаи охири Рамазон.

- Намози таровеҳ.

- Бисёр садақа кардан ва зиёд иҷро намудани амалҳои хайр.

- Мудорасаи Қуръон.

Бухорӣ (6) ва Муслим (2308) аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки гуфтааст: "Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) саховатмандтарини мардум буд ва беш аз ҳама дар Рамазон ҳангоме, ки Ҷабраил (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) бо ӯ дидор мекард, саховатмандтар мегардид. Ҷабраил (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳар шаби Рамазон бо ӯ дидор мекард ва бо ӯ Қуръонро мудораса мекард. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) (дар моҳи Рамазон) аз боди ваззанда низ саховатмандтар буд".

-Рӯзадор вақти худро бо корҳои беҳудаву бефоида нагузаронад, зеро хоби зиёд, шӯхии зиёд ва ингуна амалҳо ба рӯзааш таъсир хоҳад гузошт. Инчунин тамоми фикру хаёлашро ба хӯрдани хӯрокҳову нӯшокиҳои рангоранг банд

насозад, зеро ин гуна хаёлот ӯро аз бисёр корҳои нек дар айёми рӯзадорӣ боз медорад.

Барои фоидаи бештар ба ҷавоби саволи рақами (**12468**) ва (**26869**) нгаред. Аллоҳ таъоло донотар аст.

## Хусусиятҳои моҳи Рамазон

**Савол**

Рамазон чӣ моҳест?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рамазон яке аз моҳҳои дувоздаҳгонаи арабӣ аст. Рамазон моҳи бузургвор дар дини ислом аст. Ин моҳ бо хусусиятҳо ва фазилатҳо аз моҳҳои дигар фарқ мекунад, аз ҷумла:

1. Аллоҳ таъоло рӯзаи Рамазонро рукни чаҳоруми аркони Ислом қарор додааст. Чуноне ки мефармояд:

**شَهْرُ رَمَضَانَ الَّذِي أُنْزِلَ فِيهِ الْقُرْآنُ هُدىً لِلنَّاسِ وَبَيِّنَاتٍ مِنَ الْهُدَى وَالْفُرْقَانِ فَمَنْ شَهِدَ مِنْكُمُ الشَّهْرَ فَلْيَصُمْهُ** .البقرة / 185

"Моҳи Рамазон моҳест, ки Қуръон дар он нозил шудааст, ки ҳидоят барои мардум ва далоили ошкоре аз ҳидоят ва ҷудокунанда (-и ҳаққу ботил) аст. Пас ҳар касе аз шумо ин моҳро дарёбад, пас бояд онро рӯза бидорад". (Сураи Бақара: 185).

Дар "Саҳиҳ"-и Бухорӣ (8) ва Муслим (16) ҳадисе аз Ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) собит шудааст, ки

паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Ислом бар панҷ рукн бино шудааст: Гувоҳӣ додан бар ин ки ҷуз Аллоҳ дигар маъбуде (бар ҳақ) нест ва Муҳаммад бандаи Аллоҳ ва паёмбари Ӯст ва барпо доштани намоз ва додани закот ва рӯзаи Рамазон ва ҳаҷҷи хонаи Каъба".

2. Аллоҳ таъоло Қуръонро дар ин моҳ нозил кардааст. Чуноне ки Аллоҳ таъоло дар ояти пешгузашта фармудааст:

شَهْرُ رَمَضَانَ الَّذِي أُنْزِلَ فِيهِ الْقُرْآنُ هُدىً لِلنَّاسِ وَبَيِّنَاتٍ مِنَ الْهُدَى وَالْفُرْقَانِ

البقرة / 185

**"Моҳи Рамазон моҳест, ки Қуръон дар он нозил шудааст, ки ҳидоят барои мардум ва далоили ошкоре аз ҳидоят ва ҷудокунанда (-и ҳаққу ботил) аст".** (Сураи Бақара: 185).

Инчунин Аллоҳ таъоло фармудааст:

إِنَّا أَنْزَلْنَاهُ فِي لَيْلَةِ الْقَدْرِ

**"Албатта мо он (Қуръон)-ро дар шаби қадр нозил кардем".** (Сураи Қадр: 1).

3. Аллоҳ таъоло шаби қадрро, ки беҳтар аз ҳазор моҳ аст, дар ин моҳ қарор додааст. Чуноне ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

إِنَّا أَنْزَلْنَاهُ فِي لَيْلَةِ الْقَدْرِ . وَمَا أَدْرَاكَ مَا لَيْلَةُ الْقَدْرِ . لَيْلَةُ الْقَدْرِ خَيْرٌ مِنْ أَلْفِ شَهْرٍ . تَنَزَّلُ الْمَلائِكَةُ وَالرُّوحُ فِيهَا بِإِذْنِ رَبِّهِمْ مِنْ كُلِّ أَمْرٍ . سَلامٌ هِيَ حَتَّى مَطْلَعِ الْفَجْرِ

القدر / 1-5

**"Албатта мо он (Қуръон)-ро дар шаби қадр нозил кардем. Ва ту чӣ донӣ шаби қадр чист? Шаби қадр беҳтар аз ҳазор**

**моҳ аст. Фариштагон ва Рӯҳ (Ҷабраил) дар он шаб бо фармони Парвардигорашон барои (анҷоми) ҳар коре ба замин мефароянд. (Он шаб) То дамидани субҳ саломат (ва раҳмат) аст".** (Сураи Қадр).

Инчунин Аллоҳ таъоло фармудааст:

إِنَّا أَنْزَلْنَاهُ فِي لَيْلَةٍ مُبَارَكَةٍ إِنَّا كُنَّا مُنْذِرِينَ

الدخان / 3 .

**"Албатта Мо он (Қуръон)-ро дар шаби муборак нозил кардем. Бешак Мо бимдиҳанда будаем".**

(Сураи Духон: 3).

Аллоҳ таъоло Рамазонро бо шаби қадр бартарӣ дод. Сураи Қадр дар баёни манзалати ин шаби муборак нозил гардидааст ва дар фазли шаби қадр ҳадисҳои зиёде омадааст, аз ҷумла, ҳадиси Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод), ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Моҳи Рамазон бароятон фаро расидааст, моҳи мубораке, ки Аллоҳ таъоло рӯзаашро бар шумо фарз гардонидааст. Дарҳои осмон дар ин моҳ боз мешаванд ва дарҳои ҷаҳаннам баста мешаванд. Шайтонҳои саркаш дар он занҷирбанд мешаванд. Аллоҳ дар ин моҳ шабе дорад, ки аз ҳазор моҳ беҳтар аст. Ҳар касе, ки аз хайри он маҳрум шавад, (аз хайри зиёд) маҳрум шудааст".** Ривояти Насоӣ (2106) ва Аҳмад (8769). Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-т-тарғиб" (999) саҳеҳ хондааст.

Инчунин Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)

фармудааст: **"Касе, ки шаби қадрро аз рӯи имон ва талаби савоб шабзиндадорӣ кунад, гуноҳони пешинаи ӯ бахшида мешавад".** Ривояти Бухорӣ (1910) ва Муслим (760).

4. Аллоҳ таъоло рӯза ва шабзиндадории ин моҳро, ки аз рӯи имон ва талаби савоб анҷом дода шавад, сабаби мағфирати гуноҳон қарор додааст. Чуноне ки дар "Саҳиҳ"-и Бухорӣ (2014) ва Муслим (760) аз Абуҳурайра собит шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Касе, ки Рамазонро аз рӯи имон ва талаби савоб рӯза гирад, гуноҳони пешинаи ӯ бахшида мешавад".**

Инчунин Бухорӣ (2008) ва Муслим (174) аз Абуҳурайра ривоят кардаанд, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Касе, ки Рамазонро аз рӯи имон ва талаби савоб шабзиндадорӣ кунад, гуноҳони пешинаи ӯ бахшида мешавад".**

Мусулмонон бар суннат будани қиёми шабҳои Рамазон иҷмоъ намудаанд. Нававӣ зикр кардааст, ки мақсад аз қиёми шабҳои Рамазон, намози таровеҳ аст. Яъне, бо барпо доштани намози таровеҳ, мақсуд аз қиёми шабҳои Рамазон ҳосил мегардад.

5. Аллоҳ таъоло дар ин моҳ дарҳои биҳиштро мекушояд, дарҳои дӯзахро мебандад ва шайтонҳоро занҷирбанд мекунад. Чуноне ки дар "Саҳиҳ"-и Бухорӣ (1898) ва Муслим (1079) аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят омадааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Ҳаргоҳ Рамазон ояд, дарҳои биҳишт боз**

**мегардад ва дарҳои дӯзах баста мешавад ва шайтонҳо занҷирбанд мегарданд".**

6. Аллоҳ таъоло дар ҳар шаби ин моҳ нафаронеро аз оташи дӯзах озод мекунад. Имом Аҳмад (5/256) аз Абуумома ривоят кардааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Аллоҳ ҳангоми ҳар ифтор озодшудагоне дорад".** Мунзирӣ гуфтааст: Дар санади ин ҳадис (дар шахсияти ровиён) ҷои шубҳа вуҷуд надорад. Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-т-тарғиб" (987) саҳеҳ шуморидааст.

Баззор дар (Кашф 262) аз Абусаид ривоят кардааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Аллоҳ таъоло дар ҳар рӯзу шаб (яъне, дар Рамазон) озодшудагоне дорад. Дуои ҳар як шахси мусулмон дар ҳар як рӯзу шаби Рамазон иҷобат карда мешавад".**

7. Рӯзаи Рамазон сабаби кафорати гуноҳоне, ки пеш аз Рамазон иҷро шудаанд, ба шарте ки аз гуноҳони кабира иҷтиноб варзад. Чуноне ки дар "Саҳиҳ"-и Муслим (233) собит шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Намозҳои панҷгона ва ҷумъа то ҷумъа ва Рамазон то Рамазон, поккунандаи гуноҳонест, ки дар миёни онҳо рух дода буд, агар аз гуноҳони кабира дурӣ шавад".**

8. Рӯзаи Рамазон ба рӯзаи даҳ моҳ баробар аст. Чи гунае ки ҳадиси Абуайюби Ансорӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) бар он далолат мекунад ва он дар "Саҳиҳ"-и Муслим (1164) собит шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)

фармудааст: **"Касе, ки Рамазонро рӯза гирад, сипас онро бо шаш рӯз аз шаввол идома диҳад, (яъне шаш рӯзи дигар дар моҳи шаввол рӯза гирад) монанди рӯзаи даҳр аст (гуё, ки як сол рӯза гирифтааст)".**

Аҳмад (21906) ривоят кардааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Касе, ки Рамазонро рӯза гирад, пас ин як моҳ ба андозаи даҳ моҳ аст ва рӯзаи шаш рӯзи дигар баъд аз Фитр, як соли комил аст".**

9. Касе, ки дар ин моҳ ҳамроҳи имом дар намоз (яъне дар намози таровеҳ) истад, то он ки имом намозашро ба охир расонад, барояш савоби қиёми як шаби комил навишта мешавад. Чуноне ки дар Сунани Абудовуд (1370) ва дигарон собит шудааст, ки Абузар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) гуфтааст: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Касе, ки ҳамроҳи имом дар намоз истад, то он ки намозаш ба поён расад, барояш савоби қиёми як шаб навишта мешавад". Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Салоту-т-таровеҳ" (саҳ: 15) саҳеҳ шумоaccess.**

10. Умра дар ин моҳ баробари як ҳаҷ аст. Бухорӣ (1782) ва Муслим (1256) аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба яке аз занҳои ансорӣ гуфт: Чӣ туро боздошт, ки ҳамроҳи мо ҳаҷ накунӣ? Он зан гуфт: Мо танҳо ду шутур дорем, ки падари фарзандонам ва писарам бар як шутур ба ҳаҷ рафтаанд, ба мо як шутурро боқӣ монданд, то ки бо он об биёварем. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **Пас ҳар гоҳ, ки Рамазон ояд, умра бикун, зеро**

**умра дар Рамазон баробари як ҳаҷ аст.** Дар ривояти Муслим омадааст: **"Баробари як ҳаҷ ҳамроҳи ман аст".**

11. Эътикоф дар ин моҳ суннат аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бардавом онро анҷом медод. Чуноне ки дар ҳадиси Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) омадааст, ки Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар даҳаи охири Рамазон, то охири ҳаёти хеш эътикоф менишаст. Баъди вафоти паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳамсаронаш эътикоф менишастанд. Ривояти Бухорӣ (1922) ва Муслим (1172).

12. Мудорасаи Қуръон ва бисёр тиловат кардани он дар Рамазон мустаҳаби муаккада аст. Мудорасаи Қуръон, ин тавр аст, ки Қуръонро ба ҳамдигар бихонанд. Далели мустаҳаб будани мудорасаи Қуръон ин аст, ки Ҷабраил (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳар шаби Рамазон бо паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дидор мекард ва Қуръонро бо ӯ мудораса мекард. Ривояти Бухорӣ (6) ва Муслим (2308).

Қироати Қуръон мутлақан мустаҳаб аст, вале дар Рамазон бар он таъкиди бештар шудааст.

13. Ифтор додани рӯзадор дар Рамазон мустаҳаб аст. Зеро Зайд ибни Холиди Ҷуҳанӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) гуфтааст: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Шахсе, ки рӯзадореро ифтор диҳад, ба мисли рӯзадор савоб мегирад, аммо аз аҷри рӯзадор чизе кам намешавад".** Ривояти Тирмизӣ (807) ва Ибни Моҷа (1746).

Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" (647) саҳеҳ шумоdoes. Лутфан ба саволи рақами (**12598**) нигаред.

Аллоҳ таъоло донотар аст.

## Ҳоли мусулмон дар Рамазон

**Савол**

Ба муносибати фаро расии моҳи Рамазон барои мусулмонон чӣ гуфтание доред?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

شَهْرُ رَمَضَانَ الَّذِي أُنْزِلَ فِيهِ الْقُرْآنُ هُدىً لِلنَّاسِ وَبَيِّنَاتٍ مِنَ الْهُدَى وَالْفُرْقَانِ فَمَنْ شَهِدَ مِنْكُمُ الشَّهْرَ فَلْيَصُمْهُ وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِّنْ أَيَّامٍ أُخَرَ يُرِيدُ اللَّهُ بِكُمُ الْيُسْرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ الْعُسْرَ وَلِتُكْمِلُوا الْعِدَّةَ وَلِتُكَبِّرُوا اللَّهَ عَلَىٰ مَا هَدَاكُمْ وَلَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ البقرة / 185

**"Моҳи Рамазон моҳест, ки Қуръон дар он нозил шудааст, ки ҳидоят барои мардум ва далоили ошкоре аз ҳидоят ва ҷудокунанда (-и ҳақу ботил) аст. Пас ҳар касе аз шумо ин моҳро дарёбад, пас бояд онро рӯза бидорад ва ҳар ки бемор ё дар сафар бошад, метавонад дар рӯзҳои дигар рӯза бидорад. Аллоҳ таъоло барои шумо осонӣ мехоҳад ва душворӣ намехоҳад, то рӯзҳои Рамазонро комил кунед ва Аллоҳро барои он ки ҳидоятатон кардааст, ба бузургӣ ёд кунед, бошад, ки шукр гузоред".** (Сураи Бақара: 185).

Ин моҳи муборак мавсими бузургест барои ба даст овардани хайру баракат ва тоату ибодат.

Ин моҳи бузург ва мавсими арзишманд аст. Моҳест ки некиҳо дар он дучанд мешаванд ва ба бадиҳо иқоби бузургтар дода мешавад. Дар ин моҳ дарҳои биҳишт боз мегарданд ва дарҳои дӯзах баста мешаванд. Дар он тавбаи гунаҳкорону бадкорон қабул карда мешавад.

Пас, ба он неъматҳое, ки Аллоҳ ба шумо арзонӣ додааст, шукр кунед ва инчунин барои мавсими хайру баракате, ки ба шумо ато кардааст ва барои васоили фазл ва неъматҳои бузурге, ки ба шумо баргузидааст, шукргузорӣ кунед. Ин вақтҳои шарофатманд ва мавсимҳои беҳтаринро бо анҷоми тоатҳо ва тарки ҳаромҳо ғанимат гиред, хушиҳои ҳаётро ба даст меоред ва баъд аз марг саодатманд мешавед.

Барои мӯъмини содиқ тамоми моҳҳо мавсимҳои ибодат ва тамоми умр мавсими тоат аст. Аммо дар моҳи Рамазон ҳиммати ӯ барои ба даст овардани хайру некӣ дучанд мешавад ва қалби ӯ барои анҷом додани ибодат фаолтар мешавад. Ӯ ба сӯи Парвардигори худ рӯй меоварад. Парвардигори Карим (саховатманд)-и мо, барои мӯъминони рӯзадор аз саховату карами хеш лутфу марҳамат кардааст ва дар ин мақоми пурарзиш савобро дучанд намудааст ва бахшоиш ва подоши фаровонеро бар амалҳои солеҳ ато кардааст.

Ин шаб ба шаби гузашта монанд аст .

Ин рӯзҳо хеле зуд мегузаранд, гӯё чанд лаҳзае бошанд. Воқеан Рамазонро пешвоз гирифта ва сипас бо он хайру хуш карда будем. Ва муддати кӯтоҳе гузашт ва боз Рамазонро бори дигар пешвоз гирифта истодаем. Бар мо лозим аст, ки барои анҷоми амалҳои солеҳ дар ин моҳи бузург шитоб намоем ва кӯшиш намуда онро бо амалҳое, ки аз он Аллоҳ розӣ аст ва моро дар рӯзи мулоқот бо Ӯ хушбахт мегардонад, гузаронем.

## Чӣ гуна барои Рамазон омодагӣ бубинем?

Омодагӣ ба Рамазон бо ҳисобу китоби нафс бар кӯтоҳиҳояш дар таҳқиқ намудани калимаи шаҳодат ва ё тақсиру кӯтоҳӣ дар воҷибҳо ва ва ё тақсиру кӯтоҳӣ дар тарк накардани шаҳватҳову шубҳаҳо аст.

Банда рафтори худро ислоҳ ва беҳтар кунад, то дар Рамазон ба дараҷаи баланди имон даст ёбад. Имон зиёду кам мешавад. Имон бо тоат зиёд мешавад ва бо гуноҳу маъсият кам мешавад. Аввалин тоате, ки бояд банда онро амалӣ намояд, ин таҳқиқи бандагӣ танҳо барои Аллоҳ ва дониста бошад, ки маъбуде барҳақ ба ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад. Ҳамаи намудҳои ибодатро танҳо барои Аллоҳ анҷом диҳад ва ҳеҷ касеро дар ибодати Ӯ шарик насозад. Ҳар яке аз мо бояд яқин дошта бошад, ки он чи ки ба ӯ расид, ӯро хато карданӣ набуд ва он чи ки ба ӯ нарасид, ба ӯ расиданӣ набуд. (яъне ончӣ ки бояд ба ӯ бирасад, ҳатман расиданӣ аст ва ончӣ ки бояд ба ӯ нарасад, ҳатман намерасад). Ҳама чиз дар тақдир навишта шудааст.

Аз ҳар амале, ки бар зидди калимаи шаҳодат аст, ба воситаи дурӣ аз бидъатҳову навоварӣ дар дин, бояд худдорӣ кард. Бар амалӣ намудани ақидаи вало (дӯстӣ) ва баро (душманӣ), мӯъминонро ба худ дӯст гирем ва бо кофирону мунофиқон душманӣ намоем ва ба ғалабаи мусулмонон алайҳи душман шодмон шавем ва ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва саҳобагони ӯ пайравӣ намоем ва ба суннат ва роҳу равиши паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва хулафои рошидине, ки баъди ӯ аз ҷумлаи роҳнамоён буданд, чанг зада амал кунем ва он (суннат)-ро дӯст дорем ва касеро, ки онро пайравӣ мекунад ва аз он дифоъ мекунад, дар кадом гӯшаву канори замин бошад ва кадом ранге, ки дошта бошад ва шаҳрванди кучоое, ки бошад, дӯст дорем.

Баъд аз он нафсҳоямонро бар кӯтоҳиҳо, дар анҷом додани тоатҳо, ба монанди кӯтоҳӣ дар адо намудани намозҳои ҷамоат, зикри Аллоҳ таъоло, адо намудани ҳақуқи ҳамсоягону хешовандону мусулмонон, салом додан ба ҳамдигар, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, васият ба ҳақ, сабр бар он, сабр аз анҷом додани мункарот ва сабр бар иҷро кардани тоатҳо ва сабр бар тақдирҳои Аллоҳ таъоло, ҳисобу китоб намоем.

Ҳисобу китоб намудан бар маъсиятҳо ва пайравии шаҳватҳо бо манъ намудани нафсҳои худ аз давом додани он анҷом дода мешавад, кадом маъсияте набошад, хоҳ хурд бошад, ё бузург, хоҳ бо чашм назар намудан ба чизҳои ҳаром кардаи Аллоҳ бошад, ё бо гӯш шунидани мусиқӣ бошад, ё бо пой рафтан ба ҷойҳое, ки Аллоҳ аз он розӣ нест, ё бо даст ламс

кардани чизҳое, ки Аллоҳ аз он розӣ нест, ё бо хӯрдани ҳаром бошад, ба монанди судхӯрӣ ва порахӯрӣ ва ғайр аз он, чизҳое ки аз боби хӯрдани амволи мардум ноҳақона ба шумор раванд.

Бояд дар пеши назарамон бошад, ки Аллоҳ таъоло дасташро рӯзона боз мекунад, то тавбаи бадкори шабро бипазирад ва дасташро шабона боз мекунад, то тавбаи бадкори рӯзро қабул намояд. Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَسَارِعُوا إِلَىٰ مَغْفِرَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ وَجَنَّةٍ عَرْضُهَا السَّمَاوَاتُ وَالْأَرْضُ أُعِدَّتْ لِلْمُتَّقِينَ . الَّذِينَ يُنفِقُونَ فِي السَّرَّاءِ وَالضَّرَّاءِ وَالْكَاظِمِينَ الْغَيْظَ وَالْعَافِينَ عَنِ النَّاسِ وَاللَّهُ يُحِبُّ الْمُحْسِنِينَ . وَالَّذِينَ إِذَا فَعَلُوا فَاحِشَةً أَوْ ظَلَمُوا أَنفُسَهُمْ ذَكَرُوا اللَّهَ فَاسْتَغْفَرُوا لِذُنُوبِهِمْ وَمَن يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلَّا اللَّهُ وَلَمْ يُصِرُّوا عَلَىٰ مَا فَعَلُوا وَهُمْ يَعْلَمُونَ . أُولَٰئِكَ جَزَاؤُهُم مَّغْفِرَةٌ مِّن رَّبِّهِمْ وَجَنَّاتٌ تَجْرِي مِن تَحْتِهَا الْأَنْهَارُ خَالِدِينَ فِيهَا وَنِعْمَ أَجْرُ الْعَامِلِينَ .

**"Ба сӯи бахшиши Парвардигоратон ва ҷаннате, ки паҳнии он ба андозаи осмонҳову замин аст, биштобед, зеро он барои парҳезгорон омода гардидааст. Онҳое, ки дар ҳоли тавонгарӣ ва тангдастӣ нафақа мекунанд ва онҳое, ки хашмашонро фурӯ мебаранд ва аз мардум дармегузаранд. Ва Аллоҳ накӯкоронро дӯст медорад. Ва онҳое, ки чун кори фаҳш анҷом додаанд ё ба нафсашон зулм намуданд, Аллоҳро ба ёд меоранду барои гуноҳашон истиғфор мепурсанд. Кист, ки гуноҳонро ба ҷуз Аллоҳ бубахшад? Ва дар гуноҳоне, ки мекарданд, исрор наменварзанд, дар ҳоле, ки медонанд (гунаҳкоранд ва Аллоҳ таъоло бахшоянда ва тавбапазир аст). Мукофоти онҳо мағфират аз ҷониби Парвардигорашон ва ҷаннатҳоест, ки дар зери (дарахтони) он дарёҳо ҷорӣ аст.**

**Онҳо дар он ҷаннатҳо абадӣ мемонанд. Ин қадар хуб аст мукофоти амалкунандагон".** (Сураи Оли Имрон: 133-136)

Аллоҳ таъоло фармудааст:

قُلْ يَا عِبَادِيَ الَّذِينَ أَسْرَفُوا عَلَىٰ أَنفُسِهِمْ لَا تَقْنَطُوا مِن رَّحْمَةِ اللَّهِ ۚ إِنَّ اللَّهَ يَغْفِرُ الذُّنُوبَ جَمِيعًا ۚ إِنَّهُ هُوَ الْغَفُورُ الرَّحِيمُ

**"(Эй паёмбар) Ба бандагонам, ки (дар иртикоби гуноҳон) зиёдаравӣ кардаанд, бигӯ: Аз раҳмати Аллоҳ ноумед набошед. Албатта Аллоҳ тамоми гуноҳонро мебахшад, зеро Аллоҳ бахшандаву меҳрубон аст".** (Сураи Зумар: 53).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمَن يَعْمَلْ سُوءًا أَوْ يَظْلِمْ نَفْسَهُ ثُمَّ يَسْتَغْفِرِ اللَّهَ يَجِدِ اللَّهَ غَفُورًا رَّحِيمًا

**"Ва ҳар ки амали бадеро анҷом диҳад ё ба худ зулм кунад, сипас аз Аллоҳ таъоло омурзиш бихоҳад, Аллоҳро омурзандаи меҳрубон хоҳад ёфт".** (Сураи Нисо: 110).

Бо ин гуна ҳисобу китоб ва тавбаву истиғфор, бояд Рамазонро пешвоз гирем. **"Зирак шахсест, ки нафси худро муҳосаба кунад ва барои баъди марг амал кунад. Оҷиз касест, ки ҳавову ҳаваси нафсашро пайравӣ кунад ва ва аз Аллоҳ орзуҳоеро таманно намояд".**

Моҳи Рамазон моҳи ғанимат ва фоидаҳост. Савдогари моҳир мавсимҳоро ғанимат мегирад, то ин ки фоидаҳои зиёдеро ба даст оварад. Пас, ин моҳро бо ибодат ва намози зиёд, қироати Қуръон, гузашт кардан аз мардум, некӣ ба дигарон, садақа ба фақирон ғанимат шуморед.

Дар моҳи Рамазон дарҳои ҷаннат кушода ва дарҳои дӯзах баста мегардад ва шайтонҳо занҷирбанд карда мешаванд. Нидокунандае ҳар шаб нидо карда мегӯяд: Эй талабгори хайру некӣ, боз ой ва эй талабгори шарру бадӣ, дасткӯтоҳ бош!

Эй бандагони Аллоҳ, аз аҳли хайр бошед, дар накӯкорӣ ба гузаштагони солеҳи худ пайравӣ кунед ва ба роҳу равиш ва суннати паёмбаратон (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) биравед, то ин ки аз Рамазон бо гуноҳи бахшида ва бо амали солеҳи қабулшуда бароем.

Бидонед, ки моҳи Рамазон беҳтарини моҳҳост.

Ибни Қаййим гуфтааст: "Намунаи дигари он, яъне бартарӣ байни чизҳое, ки Аллоҳ таъоло офаридааст, ин он аст, ки Рамазон нисбати дигар моҳҳо фазилати бештар дорад ва даҳаи охири Рамазон нисбати дигар шабҳои сол фазилати бештар дорад". Поёни сухан аз китоби "Зод-ул-маод" (1/56).

Ин моҳ аз дигар моҳҳо бо чаҳор чиз бартар гардонида шудааст:

**Аввал:**

Дар ин моҳ беҳтарин шабе аз шабҳои сол қарор дорад, ки он шаби қадр мебошад. Аллоҳ таъоло фармудааст:

إِنَّا أَنْزَلْنَاهُ فِي لَيْلَةِ الْقَدْرِ . وَمَا أَدْرَاكَ مَا لَيْلَةُ الْقَدْرِ . لَيْلَةُ الْقَدْرِ خَيْرٌ مِنْ أَلْفِ شَهْرٍ .
تَنَزَّلُ الْمَلائِكَةُ وَاالرُّوحُ فِيهَا بِإِذْنِ رَبِّهِمْ مِنْ كُلِّ أَمْرٍ . سَلامٌ هِيَ حَتَّى مَطْلَعِ الْفَجْرِ

القدر / 1-5

**"Албатта мо он (Қуръон)-ро дар шаби қадр нозил кардем. Ва ту чӣ донӣ шаби қадр чист? Шаби қадр беҳтар аз ҳазор моҳ аст. Фариштагон ва Рӯҳ (Ҷабраил) дар он шаб бо фармони Парвардигорашон барои (анҷоми) ҳар коре ба замин мефароянд. (Он шаб) То дамидани субҳ саломат (ва раҳмат) аст".** (Сураи Қадр).

Ибодати ин шаб, аз ибодати ҳазор моҳина беҳтар аст.

**Дуввум:**

Дар ин моҳ беҳтарини китобҳо ба беҳтарини паёмбарон (дуруди Аллоҳ бар онҳо бод) нозил шудааст. Аллоҳ таъоло фармудааст:

شَهْرُ رَمَضَانَ الَّذِي أُنْزِلَ فِيهِ الْقُرْآنُ هُدىً لِلنَّاسِ وَبَيِّنَاتٍ مِنَ الْهُدَى وَالْفُرْقَانِ

البقرة / 185

**"Моҳи Рамазон моҳест, ки Қуръон дар он нозил шудааст, ки ҳидоят барои мардум ва далоили ошкоре аз ҳидоят ва ҷудокунанда (-и ҳаққу ботил) аст".** (Сураи Бақара: 185).

Инчунин Аллоҳ таъоло фармудааст:

إِنَّا أَنْزَلْنَاهُ فِي لَيْلَةٍ مُبَارَكَةٍ إِنَّا كُنَّا مُنْذِرِينَ . فِيهَا يُفْرَقُ كُلُّ أَمْرٍ حَكِيمٍ . أَمْرًا مِّنْ عِندِنَا إِنَّا كُنَّا مُرْسِلِينَ. الدخان / 3-5.

**"Албатта Мо он (Қуръон)-ро дар шаби муборак нозил кардем. Бешак Мо бимдиҳанда будаем. Дар он шаб ҳар як амри боҳикмат муқаррар мешавад. Амр аз ҷониби Мост. Албатта Мо фиристандаи он будем".**

(Сураи Духон: 3-5).

Аҳмад ва Табаронӣ дар "Муъҷаму-л-кабир" аз Восила ибни Асқаъ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки гуфтааст: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Саҳифаҳои Иброҳим дар нахустин шаби Рамазон нозил шудааст. Таврот дар шашуми моҳи Рамазон, Инҷил дар сенздаҳуми моҳи Рамазон, Забур дар ҳаждаҳуми Рамазон ва Қуръон дар бисту чаҳоруми моҳи Рамазон нозил шудааст".** Албонӣ ин ҳадисро дар "Силсилату-с-саҳиҳа" (1575) ҳасан хондааст.

**Саввум:**

Дар ин моҳ дарҳои ҷаннат боз мегардад, дарҳои ҷаҳаннам баста мешавад ва шайтонҳо занҷирбанд мегарданд.

Аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Ҳаргоҳ Рамазон ояд, дарҳои биҳишт боз мегардад ва дарҳои дӯзах баста мешавад ва шайтонҳо занҷирбанд мегарданд".** Муттафақун алайҳ, (яъне ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Насоӣ аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Ҳаргоҳ Рамазон ояд, дарҳои раҳмат кушода мешавад ва дарҳои дӯзах баста мешавад ва шайтонҳо занҷирбанд мегарданд".** Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-л-ҷомиъ" (471) ҳадиси саҳеҳ шуморидааст.

Тирмизӣ ва Ибни Моҷа аз Ибни Хузайма ривоят кардаанд: **"Ҳар гоҳ аввалин шаби моҳи Рамазон фаро расад,**

**шайтонҳо ва ҷинҳои саркаш занҷирбанд карда мешаванд. Дарҳои дӯзах баста мешавад, ягон дари дӯзах кушода намешавад. Дарҳои ҷаннат кушода мешавад, ягон дари биҳишт баста намегардад. Нидокунандае нидо мекунад: Эй талабгори хайру некӣ, боз ой ва эй талабгори шарру бадӣ, дасткӯтоҳ бош! Аллоҳ ҳар шаби Рамазон чандин нафарро аз оташи дӯзах озод мегардонад. Аллоҳ таъоло дар ҳар шаб (яъне, дар Рамазон) озодшудагоне дорад".** Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-л-ҷомиъ" (759) ҳасан шумоҷидааст.

Агар пурсанд: Чӣ гуна бадиву маъсиятҳоро мебинем, ки дар Рамазон зиёд ба вуқӯъ мепайвандад, агар шайтонҳо занҷирбанд карда мешуданд, он воқеъ намешуд?

Ҷавоб: Аз ҷониби онҳое, ки шартҳои рӯзаро анҷом дода, одоби онро риоя мекунанд, бадиҳо кам ба назар мерасад.

Ё ин ки баъзе аз шайтонҳои саркаш занҷирбанд карда мешаванд, на ҳамаашон.

Ё ин ки мақсад аз он кам шудани бадиҳо дар ин моҳ аст, ки ин чиз дар ин моҳ эҳсос карда мешавад. Зеро бадиҳо нисбат ба дигар моҳҳо камтар воқеъ мешаванд. Гарчанде ки ҳамаи шайтонҳо занҷирбанд карда шаванд, бадиву маъсият воқеъ мешавад, чунки ба ҷуз шайтонҳо сабабҳои дигаре вуҷуд доранд, ба монанди нафсҳои нопок, одатҳои бад ва шайтонҳои инсӣ (ки аз ҷониби онҳо бадиву маъсият воқеъ мешавад). "Ал-фатҳ" (4/145).

**Чаҳорум:**

Дар он моҳ ибодатҳои зиёде вуҷуд дорад, ки баъзеи он ибодатҳо дар дигар моҳҳо вуҷуд надоранд, ба монанди рӯза, шабзиндадорӣ, таом додан, эътикоф, садақа, қироати Қуръон.

Аз Аллоҳи олимақому бузург мепурсам, ки ҳамаи моро ба он тавфиқ бидиҳад ва моро ба рӯзаву шабзиндадорӣ ва анҷоми тоатҳо ва тарки бадиҳо кӯмак намояд.

Ҳамду сипос барои Аллоҳ, ки Парвардигори ҷаҳониён аст.

## Чӣ гуна ба қудуми моҳи Рамазон омодагӣ бигирем?

**Савол**

Чӣ гуна ба қудуми моҳи Рамазон омодагӣ бигирем? Кадом амалҳо афзалтарин амал дар моҳи Рамазон ба ҳисоб меравstatic?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

**Аввал:** Бародари азизам! Воқеан саволи басо хубе пешниҳод кардӣ. Тарзи омодагӣ ба моҳи Рамазонро пурсидӣ, дар ҳоле, ки фаҳмиши бисёре аз мардум нисбати ҳақиқати рӯза мунҳариф шудааст, ки онро мавсими хӯрокҳо, нӯшикиҳо, шириниҳо ва мавсими шабнишинӣ ва тамошои барномаҳои моҳворавӣ қарор додаанд. Аз тарси тамом шудани баъзе аз хӯрокҳо ва ё гарон шудани нархи он, пеш аз омадани Рамазон барои он омодагӣ дидаанд. Бо хариди хӯрокҳо ва омодасозии нӯшикиҳо ва ҷустуҷӯи шабакаҳои

моҳвора барои донистани ин ки кадом барномаҳоеро дар Рамазон тамошо кунанд ва кадомашро тарк намоянд, барои Рамазон омода шудаанд. Онҳо аз ҳақиқати рӯзаи моҳи Рамазон ғофил монда ва ибодату тақворо аз он ҳазф кардаанд. Онҳо Рамазонро танҳо барои шикам ва чашмонашон қарор доданд. (Яъне ин моҳро махсуси хӯрдану тамошо кардан қарор додаанд).

**Дуввум:**

Аммо гурӯҳи дигар нисбати ҳақиқати моҳи Рамазон огоҳӣ пайдо карда, аз моҳи шаъбон барои Рамазон омодагӣ мебинанд, балки баъзеи онҳо, пеш аз моҳи шаъбон омода мешаванд.

Беҳтарин роҳҳои омодагӣ барои моҳи Рамазон инҳоанд:

1. Тавбаи содиқона.

Тавба ҳамеша амри воҷиб аст, вале дар моҳи бузургу муборак тавбаи хешро изҳор намудан ва бошитоб ба сӯи Аллоҳ бозгаштан афзалтар аст. Аз гуноҳоне, ки миёни банда ва Парвардигор қарор доранд ва аз гуноҳоне, ки миёни банда ва инсонҳо қарор доранд, тавба кунад, то ин ки бо фарорасии ин моҳи муборак, бо қалби солиму ором, ба тоату ибодат машғул шавад.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَتُوبُوا إِلَى اللَّهِ جَمِيعاً أَيُّهَا الْمُؤْمِنُونَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ

النور/ من الآية 31

**"Ба сӯи Аллоҳ ҳамагон тавба кунед, эй мӯъминон, шояд наҷот ёбед".** (Сураи Нур: 31).

Аз Ағар ибни Ясор (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Эй мардум, ба сӯи Аллоҳ тавба кунед, зеро ман дар як рӯз сад маротиба тавба мекунам".** Ривояти Муслим (2702).

2. Дуо.

Воқеан аз баъзе гузаштагон ривоят омадааст, ки онҳо шаш моҳ пеш аз расидани моҳи Рамазон дуо мекарданд, ки Аллоҳ таъоло онҳоро ба Рамазон расонад. Сипас, панҷ моҳ баъди гузаштани моҳи Рамазон дуо мекарданд, ки аз онҳо пазируфта шавад.

Пас, бояд мусулмон аз Парвардигораш бипурсад, ки ӯро ба моҳи Рамазон дар ҳоли диндор будану солим будан бирасонад ва дуо кунад, ки ӯро дар тоати худ кӯмак намояд ва амалашро аз ӯ бипазирад.

3. Шодмонӣ кардан ба наздикшавии ин моҳи бузург.

Фаро расидани моҳи Рамазон аз неъматҳои бузурги Аллоҳ бар бандаи мусулмон аст. Зеро Рамазон мавсими хайрест, ки дар он дарҳои биҳишт боз ва дарҳои дӯзах баста мешаванд. Рамазон моҳи Қуръон ва моҳи набардҳои сарнавиштсоз дар таърихи ислом аст.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

قُلْ بِفَضْلِ اللَّهِ وَبِرَحْمَتِهِ فَبِذَلِكَ فَلْيَفْرَحُوا هُوَ خَيْرٌ مِمَّا يَجْمَعُونَ

يونس/**58**

**"Бигӯ: Ба фазли Аллоҳ ва раҳмати Ӯ шодмон бишаванд. Ин беҳтар аст, аз он чи ки ҷамъ мекунанд".** (Сураи Юнус: 58).

4. Аз зиммаи худ рӯзаи воҷибшударо соқит кардан.

Аз Абусалама ривоят аст, ки гуфт: Аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) шунидам, ки мегуфт: **"Гоҳо рӯзаи Рамазон бар зиммаам буд ва наметавонистам қазои онро адо намоям, магар дар моҳи шаъбон".** Ривояти Бухорӣ (1849) ва Муслим (1146).

Ҳофиз Ибни Ҳаҷар (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:

Аз саъю кӯшиши Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) бар адо намудани рӯзаи қазоӣ дар шаъбон, фаҳмида мешавад, таъхир намудани рӯзаи қазоӣ то ворид шудани Рамазони баъдӣ ҷоиз нест. "Фатҳу-л-борӣ" (4/191).

5. Касб намудани илм, то ба аҳкоми рӯза иттилоъ пайдо кунад ва фазилати Рамазонро бидонад.

6. Шитоб ба ҷамъбаст намудани корҳое, ки мумкин аст мусулмонро дар моҳи Рамазон аз ибодат машғул созад.

7. Нишастан ҳамроҳи аҳли хонавода, зану фарзандон ва онҳоро аз аҳкоми рӯза хабардор кардан ва хурдсолонро ба рӯзадорӣ тағрибу ташвиқ намудан.

8. Омода намудани баъзе китобҳое, ки дар хона онро мутолиа кунанд, ё ҳадя кардани он ба имоми масҷид, то онро дар Рамазон ба мардум бихонад.

9. Рӯза гирифтан дар моҳи шаъбон ба хотири омодагӣ ба рӯзаи моҳи Рамазон.

Аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) он қадар рӯза мегирифт, ҳатто ин ки мегуфтем дигар ифтор намекунад ва он қадар ифтор мекард, ҳатто ин ки мегуфтем дигар рӯза намегирад. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро надидам, ки ба ҷуз Рамазон моҳи дигарро пурра рӯза гирифта бошад. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро надидам, ки дар моҳи дигаре аз шаъбон зиёдтар рӯза гирифта бошад. Ривояти Бухорӣ (1868) ва Муслим (1156).

Аз Усома ибни Зайд ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам, эй расулуллоҳ, надидаам, ки ягон моҳе ба монанди шаъбон рӯза гирифта бошӣ? Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **"Ин моҳест, ки бисёре аз мардум аз он ғофиланд. Ин моҳ дар мобайни раҷаб ва Рамазон қарор дорад. Дар ин моҳ амалҳо ба сӯи Парвардигори ҷаҳониён баровarda мешавад. Аз ин хотир, дӯст медорам, ки амалам, дар ҳоли рӯзадориам баровarda шавад".** Ривояти Насоӣ (2357). Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳуҳу-н-Насоӣ" ҳасан номидааст.

Дар ин ҳадис ҳикмати рӯзаи шаъбон баён шудааст, ки дар он амалҳо ба сӯи Парвардигор баровarda мешавад. Баъзе донишмандон ҳикмати дигари онро зикр намуданд ва он ин аст, ки он рӯза ба манзалаи суннати қаблии намози фарз аст, ки он нафсро барои адо намудани фарз омода ва фаол месозад. Ҳаминро метавон нисбати рӯзаи шаъбон, ки пеш аз Рамазон аст, баён дошт.

10. Қироати Қуръон.

Салама ибни Куҳайл гуфтааст: Моҳи шаъбонро моҳи қориён меномиданд.

Амр ибни Қайс бо баробари даромадани моҳи шаъбон дари дӯконашро мебаст ва худро барои қироати Қуръон фориғ мекард.

Абубакри Балхӣ гуфтааст: Моҳи раҷаб моҳи кишт аст, моҳи шаъбон моҳи об додани кишт ва моҳи Рамазон моҳи ҳосил гирифтан аст.

Инчунин гуфтааст: Мисоли моҳи раҷаб ба монанди бод аст, мисоли моҳи шаъбон монанди абр аст ва мисоли моҳи Рамазон ҳамчун борон аст. Касе, ки дар раҷаб кишт накунад ва дар шаъбон об надиҳад, чӣ гуна мехоҳад дар Рамазон ҳосил гирад? Акнун, ки моҳи раҷаб гузаштааст, агар хоҳони Рамазон ҳастӣ, дар шаъбон чӣ карданӣ ҳастӣ?

Ин аст ҳоли паёмбарат ва ҳоли гузаштагони уммат дар ин моҳи муборак. Мавқеи ту аз ин амалҳо ва дараҷаҳо чист?

**Саввум:**

Барои донистани амалҳое, ки барои мусулмон анҷом додани он дар моҳи Рамазон сазовор аст, ба ҷавоби саволи рақами (**26869**) ва (**12468**) нигаред.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

## Зан дар ҳолати пухту паз читавр метавонад аз вақти худ дар моҳи Рамазон бештар истифода барад?

**Савол**

Ман мехоҳам, амалҳое ки анҷом додани он дар моҳи Рамазони пурфазилат барои зиёд намудани аҷру савоб мустаҳаб аст, бидонам. . . Аз ҷумла зикрҳо, ибодатҳо ва дигар амалҳои мустаҳаб. . . Аз он амалҳо амалҳои зеринро медонам: Намози таровеҳ, зиёд Қуръон хондан, истиғфори бисёр ва намози шаб. . . Вале мехоҳам, ки дар ҳангоми корҳои ҳаррӯзаам, дар ҳоли пухту паз ва ё дар ҳали машғулият бо корҳои хона суханонеро такрор намоям. Ман намехоҳам, ки аҷру савобро аз даст бидиҳам.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аллоҳ таъоло ба шумо барои ин эҳтимом ва саъю кӯшишатон ба корҳои хайру некӣ дар ин моҳи гиромӣ подоши некӯ бидиҳад.

Бар амалҳои солеҳи зикршуда, амалҳои зеринро илова кардан мумкин аст: Садақа, хӯрок додан, рафтан ба умра ва эътикоф барои касе ки ин амал барояш муяссар шавад.

Аммо зикрҳое, ки метавонед дар ҳангоми кор такрор кунед, инҳоянд:

Тасбеҳ (субҳоналлоҳ), таҳлил (ло илоҳа иллаллоҳ), такбир (Аллоҳу акбар), истиғфор, дуо ва ҷавоб гардонидан ба

муаззин. Забони шумо доимо бо зикри Аллоҳ таъоло тар бошад ва аҷру подоши бузургро, ки бо сабаби такрор намудани калимоти осоне ба даст меояд, ғанимат шуморед. Ҳар тасбеҳе садақа аст, ҳар таҳмиде садақа аст, ҳар такбире садақа аст ва ҳар таҳлиле садақа аст.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар субҳ бар ҳар пайванди ҷисми инсон садақае лозим аст, пас ҳар тасбеҳе (субҳоналлоҳ) садақа аст, ҳар таҳмиде (алҳамду лиллоҳ) садақа аст, ҳар таҳлиле (ло илоҳа иллаллоҳ" садақа аст, ҳар такбире (Аллоҳу акбар) садақа аст, амр ба маъруф садақа аст ва наҳй аз мункар садақа аст. Хондани ду ракъат намози зуҳо аз ҳамаи инҳо кифоят мекунад».** Ривояти Муслим (720).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ду калимае аст, ки бар забон сабук, дар тарозу вазнин ва дар назди Аллоҳи меҳрубон маҳбуб аст: Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи ва субҳоналлоҳи-л-ъазим».** Ривояти Бухорӣ (6682) ва Муслим (2694).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар кас "Субҳоналлоҳи-л-ъазими ва биҳамдиҳи" бигӯяд, барояш нахле (дарахти хурмое) дар ҷаннат шинонида мешавад».** Тирмизӣ (3465) ин ҳадисро ривоят кардааст. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" саҳеҳ донистааст.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар кас "Астағфируллоҳа-л-ъазима-л-лазӣ ло илоҳа илло ҳува-л-ҳайя-л-қайюма ва атубу илайҳ"**

**бигӯяд, гуноҳонаш бахшида мешавад, ҳатто агар аз ҷиҳод гурехта бошад».** Абудовуд (1517) ва Тирмизӣ (3577) ин ҳадисро ривоят кардаанд. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу Абидовуд" саҳеҳ донистааст.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Дар рӯи замин мусулмоне нест, ки ба сӯи Аллоҳ дуое кунад, магар ин ки онро ба ӯ медиҳад ва ё ба монанди он бадиеро аз ӯ дур менамояд, модоме ки дуои гуноҳ ва ё қатъи силаи раҳм накарда бошад».** Марде аз қавм гуфт: Агар ин тавр бошад, зиёд дуо мекунем. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: **«Аллоҳ бештар аст».** (Яъне лутфу эҳсони Аллоҳ аз дархости шумо бештар аст ва Ӯ дуои шуморо бештар иҷобат мекунад). Тирмизӣ (3573) ин ҳадисро ривоят кардааст. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" саҳеҳ донистааст.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар гоҳ садои муаззинро шунавед, ба монанди ӯ бигӯед (яъне азонро аз паси ӯ такрор кунед) ва сипас ба ман дуруд бифиристед, зеро ҳар касе, ки ба ман як маротиба дуруд бифиристад, Аллоҳ бар ивази он ба ӯ даҳ маротиба дуруд мефиристад. Сипас аз Аллоҳ барои ман васила биҷӯед, зеро он манзалаест дар ҷаннат, ки танҳо як бандае аз бандагони Аллоҳ сазовори он мебошад. Умедворам, ки он ман бошам. Пас ҳар кас бароям васила бихоҳад, шафоат барои ӯ ҳалол мегардад».** Ривояти Муслим (384).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Ҳар кас ҳангоми шунидани азон бигӯяд:

اللَّهُمَّ رَبَّ هَذِهِ الدَّعْوَةِ التَّامَّةِ ، وَالصَّلَاةِ الْقَائِمَةِ ، آتِ مُحَمَّدًا الْوَسِيلَةَ وَالْفَضِيلَةَ ، وَابْعَثْهُ مَقَامًا مَحْمُودًا الَّذِي وَعَدْتَهُ

**"Аллоҳумма рабба ҳозиҳид-даъвати-т-томмати ва-с-салоти-л-қоимати оти Муҳаммадани-л-василата ва-л-фазилата вабъасҳу мақома-м-маҳмудани-л-лазӣ ваъадтаҳ".**

***(Эй Аллоҳ, эй Парвардигори ин даъвати комил ва намози барпошуда, ба Муҳаммад васила ва фазилатро бидеҳ ва ӯро ба мақоми сутудашудае, ки ба ӯ ваъда додаӣ, бирасон).***

Шафоати ман дар рӯзи қиёмат насиби ӯ хоҳад буд». Ривояти Бухорӣ (614).

*Аллоҳ ба мову шумо илми фоиданок ва амали солеҳро атотнамояд.*

Аллоҳ донотар аст.

## Ӯ ба балоғат расидааст, вале қувваи рӯза гирифтан надорад

**Савол**

Ҷавондухтаре дар синни ёздаҳсолагӣ ҳайз дидааст. Оё бар ӯ рӯза гирифтан зарур аст? Бояд қайд кард, ки вазъи саломатии ӯ чандон хуб нест ва агар ӯ рӯза гирифта натавонад, чӣ чиз бар ӯ лозим аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Агар воқеият ҳамон тавре ки шумо зикр кардед, бошад, пас ӯ бояд рӯза бигирад, зеро ҳайз яке аз нишонаҳои балоғат барои занон аст, модоме ки он (ҳайз) дар синни нӯҳсолагӣ ва болотар аз нӯҳсолагӣ биёяд. Агар ба рӯзадорӣ тавоноӣ дошта бошад, бар ӯ воҷиб мебошад, ки онро дар вақташ адо намояд. Агар рӯза дошта натавонад ва ё дар анҷоми ин кор ба мушкилии сахте дучор шавад, пас дар ин ҳолат рӯза намегирад, вале қазои рӯзҳое, ки дар ҳангоми тавоноӣ онро рӯза нагирифтааст, бар ӯ воҷиб мебошад". Поёни сухан.

"Фатово-л-лаҷнату-д-доимату ли-л-буҳуси-л-илмийяти ва-л-ифто" (10/145).

## Ӯ сездаҳ сола шуд, аммо дар Рамазон рӯза намегирад

**Савол**

Ҷавондухтаре ба синни дувоздаҳ ё сездаҳ солагӣ расид, аммо дар Рамазон рӯза намегирад. Оё бар ӯ ё хонаводааш чизе лозим аст? Оё ӯ бояд рӯза бигирад ва агар ӯ рӯза нагирад, пас оё бар ӯ чизе лозим аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Зан бо шартҳои зерин мукаллаф мегардад: Ислом, ақл ва балоғат. Нишонаҳои балоғат (нисбати занон) инҳоянд: Ҳайз, баромадани нутфа бо шаҳват ва эҳтилом ҳар гоҳ нутфаеро пас аз бедор шудан (дар либоси худ) мушоҳида кунад, ё сабзидани мӯи сахт дар атрофи шармгоҳ ё ба синни понздаҳ солагӣ расидан. Агар дар ин ҷавондухтар шартҳои мукаллаф шудан комил гарданд, пас рӯза бар ӯ воҷиб аст ва бар ӯ қазои рӯзае, ки дар вақти мукаллаф будан тарк кардааст, воҷиб мебошад. Агар шарте аз шартҳо халалдор гардад, пас ӯ мукаллаф ҳисобида намешавад ва бар ӯ чизе лозим намебошад.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз. Шайх Абдураззоқ Афифӣ ... Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён. Шайх Абдуллоҳ ибни Қаъуд.

"Фатово-л-лаҷнату-д-доимату ли-л-буҳуси-л-илмийяти ва-л-ифто" (10/146,147).

## Оё ҳамбистарӣ дар рӯзҳои моҳи Рамазон ҷоиз аст?

**Савол**

Оё ҳамбистарӣ дар рӯзҳои моҳи Рамазон ҷоиз аст? Оё ҳамбистарӣ дар шабҳои Рамазон ва ғусл пеш аз саҳарихӯрӣ ҷоиз аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

## Аввал:

Ҳамбистарӣ дар рӯзҳои Рамазон бар марду зане, ки рӯза бар онҳо дар он фарз аст, ҳаром мебошад. Анҷом додани ин кор гуноҳест, ки бояд каффорат дода шавад. Каффораи он озод кардани як ғулом аст. Агар наёбад, пас бояд ду моҳ пайдарпай рӯза бигирад. Касе, ки ин корро карда натавонист, бояд шаст мискинро таом диҳад.

Аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки мегӯяд: **Дар назди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нишаста будем, ки марде омада гуфт: Эй расулуллоҳ, ҳалок шудам. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Ба ту чӣ шудааст? Гуфт: Бо занам ҳамбистарӣ намудам дар ҳоле ки ман (дар Рамазон) рӯза будам. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Оё метавонӣ ғуломеро озод кунӣ? Гуфт: На. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Оё метавонӣ ду моҳ пайдарпай рӯза бигирӣ? Гуфт: На. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Оё метавонӣ шаст мискинро таом бидиҳӣ? Гуфт: На. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) каме истод. Дар ҳамин ҳол будем, ки сабаде аз хурмо назди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) оварда шуд. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Саволкунанда куҷост? Он мард гуфт: Ман. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Инро бигир ва онро садақа бикун. Он мард гуфт: Эй расулуллоҳ!**

**Оё онро бар шахси аз худам камбағалтар садақа бикунам? Ба Аллоҳ қасам, ки дар байни ҳар ду сангистон (санглохи сӯхта)-и Мадина хонаводае камбағалтар аз хонаводаи ман нест. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) хандид, ҳатто дандонҳои ашкаш намоён шуд. Сипас фармуд: Онро ба хонаводаи худ бидеҳ.**

Ривояти Бухорӣ (1834), (1835) ва Муслим (1111).

### Дуввум:

Аммо ҳамбистарӣ дар шабҳои Рамазон ҷоиз буда, мамнӯъ намебошад. Вақти ҷоиз будани ҳамбистарӣ (аз шом) то даромадани вақти субҳ идома меёбад. Ҳангоме ки субҳ дамад, ҳамбистарӣ ҳаром мегардад.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

أُحِلَّ لَكُمْ لَيْلَةَ الصِّيَامِ الرَّفَثُ إِلَى نِسَائِكُمْ هُنَّ لِبَاسٌ لَكُمْ وَأَنْتُمْ لِبَاسٌ لَهُنَّ عَلِمَ اللَّهُ أَنَّكُمْ كُنْتُمْ تَخْتَانُونَ أَنْفُسَكُمْ فَتَابَ عَلَيْكُمْ وَعَفَا عَنْكُمْ فَالآنَ بَاشِرُوهُنَّ وَابْتَغُوا مَا كَتَبَ اللَّهُ لَكُمْ وَكُلُوا وَاشْرَبُوا حَتَّى يَتَبَيَّنَ لَكُمُ الْخَيْطُ الأَبْيَضُ مِنَ الْخَيْطِ الأَسْوَدِ مِنَ الْفَجْرِ ثُمَّ أَتِمُّوا الصِّيَامَ إِلَى اللَّيْلِ سورة البقرة: ١٨٧

**«Ҳамбистарӣ бо занонатон дар шаби рӯза барои шумо ҳалол шуд. Онҳо либоси шумоянд ва шумо либоси онҳоед. Аллоҳ медонист, ки шумо бар худ хиёнат мекардед, пас, тавбаатонро пазируфт ва аз шумо даргузашт. Пас, акнун (дар шабҳои Рамазон метавонед) бо онҳо ҳамбистарӣ кунед ва он чиро, ки Аллоҳ барои шумо муқаррар кардааст, талаб намоед ва бихӯреду бинӯшед, то риштаи сафеди субҳ аз риштаи сиёҳи шаб бароятон ошкор шавад.**

**Пас рӯзаро то шаб комил бикунед».** (Сураи Бақара: 187).

Ин оят далели ҷоиз будани хӯрдану нӯшидан ва ҳамбистарӣ дар шабҳои Рамазон то субҳ мебошад.

Ғусл баъд аз ҳамбистарӣ воҷиб мебошад ва пас аз он намози бомдод.

Аллоҳ донотар аст.

## Пайваст намудани моҳи Шаъбон ба моҳи Рамазон

**Савол**

Аллоҳ маро бубахшад. Ман сигоркаширо тарк кардам. Ман аз 7-уми Раҷаб оғоз карда, то охири моҳи Шаъбон рӯза гирифтам. Шаъбон ва Рамазонро аз ҳам ҷудо накардам, зеро фатвоҳо дар ин бора гуногунанд.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳамду сано барои Аллоҳ, ки шуморо барои тарк намудани ин кори ҳаром муваффақ кардааст. Аз Аллоҳ таъоло мехоҳем, ки мову шуморо то марг дар дини худ устувор нигаҳ дорад.

Пайваст намудани шумо рӯзаи моҳи Шаъбонро ба моҳи Рамазон ҷоиз аст. Шумо бо ин амал суннатро риоя кардаед.

## Ӯ як рӯз рӯза мегирад ва як рӯз ифтор мекунад (яъне рӯза намегирад). Рӯзҳое, ки дар он рӯза доштан манъ аст, кадомҳоянд?

**Савол**

Рӯзаи Довудро оғоз кардаам, Аллоҳ кӯмаккунанда аст, иншоаллоҳ. Вале рӯзҳое, ки дар он бароям рӯза гирифтан ҷоиз нест, кадомҳоянд?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аз Аллоҳ хоҳонем, ки ба ту кӯмак кунад ва аз ту қабул намояд.

Дар фазли рӯзаи Довуд (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ҳадисе ворид шудааст, ки онро Бухорӣ (1079) ва Муслим (1159) аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Маҳбубтарин намоз назди Аллоҳ, намози Довуд (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ва маҳбубтарин рӯза назди Аллоҳ, рӯзаи Довуд (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) аст. Ӯ нисфи шабро мехобид ва сеяки онро шабзиндадорӣ мекард ва сипас шашяки дигари онро мехобид ва як рӯз рӯза медошт ва як рӯз ифтор мекард".**

Аммо рӯзҳое, ки бароят рӯза доштани он ҷоиз нест, рӯзи иди Фитр ва рӯзи иди Азҳо (Қурбон) ва айёми ташриқ аст, ки он се рӯз пас аз иди Азҳо мебошад.

Зеро Бухорӣ (1889) ва Муслим (1920) аз Убайд мавлои Ибни Азҳар ривоят кардаанд, ки гуфт: Дар рӯзи ид бо ҳамроҳии Умар ибни Хаттоб (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) будам. Ӯ гуфт: "Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз рӯзаи ин ду рӯз манъ кардааст, аввалин рӯз баъд аз моҳи Рамазон (рӯзи иди Фитр) ва рӯзе, ки аз қурбониҳоятон мехӯред (рӯзи иди Қурбон)".

Бухорӣ аз Оиша ва Ибни Умар (Аллоҳ аз онон хушнуд бод) ривоят кардааст, ки гуфтаанд: **"Дар айёми ташриқ иҷозаи рӯза гирифтан дода нашудааст, магар барои касе, ки ҳадйро (дар ҳаҷ барои қурбонӣ кардан) пайдо накунад".**

Аллоҳ донотар аст.

## Оё рӯзаи даҳ рӯзи Зулҳиҷҷа аз ҷумла рӯзи ид мустаҳаб аст?

**Савол**

Дар сомонаи шумо оиди фазилати рӯзаи Арафа хондам. Вале ман оиди фазилати рӯзаи даҳаи Зулҳиҷҷа низ хондаам. Оё ин дуруст аст? Агар дуруст бошад, оё метавонед бароям фаҳмонед, ки нӯҳ рӯз рӯза бигирем ва ё даҳ рӯз? Зеро рӯзи даҳум рӯзи ид аст.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рӯзаи нӯҳ рӯзи Зулҳиҷҷа мустаҳаб аст. Далели он сухани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аст, ки дар ҳадиси

Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) омадааст: **"Ҳеҷ рӯзҳое нест, ки амалҳои нек дар он рӯзҳо назди Аллоҳ маҳбубтар аз ин рӯзҳои даҳгона, яъне даҳаи Зулҳиҷҷа бошад. Гуфтанд: Эй расулуллоҳ! Ҳатто ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ? Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Ҳатто ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ, магар марде, ки бо ҷону молаш хориҷ шавад ва ҳеҷ якеро пас наёварад".** Ривояти Бухорӣ (969).

Аз Ҳунайда ибни Холид аз ҳамсараш аз баъзе ҳамсарони паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят шудааст, ки гуфт: **"Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нӯҳ рӯзи Зулҳиҷҷа ва рӯзи Ошуро ва се рӯз аз ҳар моҳ, аввалин душанбеи моҳ ва ду панҷшанберо рӯза мегирифт".** Ривояти Имом Аҳмад (21829) ва Абудовуд (2437). Дар "Насбу-р-рояҳ" (2/180) ин ҳадис заиф дониста шудааст ва Албонӣ ин ҳадисро саҳеҳ шумоидааст.

Аммо рӯзаи рӯзи ид ҳаром аст. Далели он ҳадиси Абусаиди Худрӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) аст: **"Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз рӯзаи рӯзи иди Фитр ва иди Қурбон манъ намудааст".** Ривояти Бухорӣ (1992) ва Муслим (827).

Донишмандон бар ҳаром будани рӯзаи рӯзи иди Фитр ва иди Қурбон иҷмоъ намудаанд.

Аз ин хотир, амали солеҳ дар ин рӯзҳои даҳгона аз дигар рӯзҳо беҳтар аст. Аммо рӯза танҳо дар нӯҳ рӯзи аввали он анҷом дода мешавад. Рӯзи даҳум рӯзи ид аст, рӯза гирифтани он ҳаром мебошад.

Бинобар ин, мақсад аз (фазилати рӯзаи даҳаи Зулҳиҷҷа) танҳо нӯҳ рӯз рӯза гирифтан аст. Истифода бурдани лафзи даҳа бар ваҷҳи тағлиб аст.

Ниг: "Шарҳи Муслим"-и Нававӣ, ҳадиси рақами (1176)

## Рӯза гирифтани рӯзи дуввуми Шаввол ҷоиз аст

**Савол**

Оё рӯзаи қазоӣ дар дуввум ё саввум рӯзи ид ҷоиз аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Иди Фитр фақат як рӯз аст. Он рӯзи аввали Шаввол мебошад. Аммо ончи дар назди мардум машҳур аст, ки иди Фитр се рӯз мебошад, ин танҳо урфест, ки дар байни мардум шӯҳрат ёфтааст ва бар он ягон ҳукми шаръие тартиб намеёбад.

Бухорӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: Боби рӯзаи рӯзи иди Фитр.

Сипас ҳадисеро дар зери шумораи (1992) аз Абусаид (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки мефармояд: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз рӯзаи рӯзи иди Фитр ва иди Қурбон манъ кардааст.

Аз ин хотир, иди Фитр фақат як рӯз аст ва рӯза гирифтани он рӯз ҳаром мебошад. Аммо рӯзаи дуввум ё саввум рӯзи Шаввол ҳаром намебошад. Дар он ду рӯз (яъне рӯзи дуввум

ва саввуми Шаввол) рӯзаи қазои Рамазон ё рӯзаи нофила ҷоиз мебошад.

Аллоҳ донотар аст.

## Оё барои эътикофнишин ҷоиз аст, ки (дар ҳангоми эътикоф) ба таълим додани дарсҳо ва ҳалқаҳои илмӣ машғул шавад?

**Савол**

Оё барои эътикофнишин дуруст аст, ки (дар ҳангоми эътикоф) ба касе таълим ё дарс бидиҳад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Барои эътикофнишин афзалтар он аст, ки ба ибодатҳои хоссе ҳамчун зикр, намоз, қироати Қуръон ва ҳамонанди онҳо машғул шавад. Аммо агар ба таълим додани касе ё омӯхтани донише ниёзе бошад, ҳеҷ боке надорад, зеро ин низ аз ҷумлаи зикри Аллоҳ таъоло ҳисобида мешавад". Поёни сухан.

Шайх Муҳаммад ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод).

Рисолаи "Аҳкому-с-сиёми ва фатово-л-иътикоф" (саҳ 43).

## Оё барои эътикофнишин ҷоиз аст, ки (дар ҳангоми эътикоф) барои адо намудани ҳоҷатҳои мусулмонон бо телефон занг бизанад?

**Савол**

Оё барои эътикофнишин ҷоиз аст, ки (дар ҳангоми эътикоф) барои адо намудани ҳоҷатҳои мусулмонон бо телефон занг бизанад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ. Бале, барои эътикофнишин ҷоиз аст, ки (дар ҳангоми эътикоф) барои адо намудани баъзе ҳоҷатҳои мусулмонон бо телефон занг бизанад, модоме ки дар дохили масҷид бошад, ки ӯ дар онҷо ба эътикоф нишастааст, зеро ӯ аз масҷид берун набаромадааст. Аммо агар дар беруни масҷид бошад, пас набояд ба хотири он берун биравад.

Агар ин шахс махсус барои ҳалли ҳоҷатҳои мусулмонон таъин шуда бошад, ба эътикоф нашинад, зеро адо намудани ҳоҷатҳои мусулмонон аз эътикоф муҳимтар аст, чунки манфиати он мутааддӣ аст. (Яъне манфиати он ҳам ба иҷрокунанда ва ҳам ба дигарон мерасад). Амалҳои хубе, ки манфиати он ҳам ба иҷрокунанда ва ҳам ба дигарон мерасад, нисбат ба амалҳои хубе, ки манфиати он танҳо ба иҷрокунанда мерасад, беҳтар аст, модоме ки он аз ҷумлаи амалҳои муҳим ва воҷибҳои Ислом набошад. Поёни сухан.

Шайх Муҳаммад ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод).

Рисолаи "Аҳкому-с-сиёми ва фатово-л-иътикоф" (саҳ 35).

## Мехоҳад, ки танҳо дар шабҳои тоқ ба эътикоф бишинад

**Савол**

Оё бароям ҷоиз аст, ки дар шабҳои тоқи моҳи Рамазон ба эътикоф бишинам, зеро ман наметавонам даҳ шаб пурра ба эътикоф бишинам, чун ман ба тозагӣ издивоҷ кардаам ва (агар ман дар масҷид ба эътикоф бишинам) ҳамсарам дар хона танҳо мемонад, гарчанде ки ман дар наздики хонаи хонаводаам зиндагӣ мекунам?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Беҳтар аст, ки мусулмон аз рӯи пайравӣ ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар даҳаи охир пурра ба эътикоф нишинад. Бухорӣ ва Муслим аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) то охири умри худ, дар даҳаи охири Рамазон ба эътикоф менишаст. Ривояти Бухорӣ (2025) ва Муслим (1171).

Аммо агар эътикофи даҳ шаби охири Рамазон бо пуррагӣ барояш муяссар нашавад ва фақат дар якчанд рӯз ё шаби он ба эътикоф бишинад, ҳеҷ боке надорад. Бухорӣ ривоят кардааст, ки Умар ибни Хаттоб (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) назр кард, то як шаберо дар Масҷидулҳаром бо эътикоф гузаронад ва паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ӯро амр намуд, то ба назри худ вафо кунад. Ривояти Бухорӣ (2042) ва Муслим (1656).

Ин ҳадис бар дурустии эътикофи як шаба далел мебошад.

Дар ҷавоби саволи (**38037**) баён шуда буд, ки барои камтарин мӯҳлати эътикоф муддати муайяне муқаррар карда нашудааст ва дар ин бора фатвои Шайх Ибни Бозро зикр намудем.

Сазовор аст, ки дар ин даҳа барои анҷом додани ибодат зиёд саъю кӯшиш карда шавад ва ба қадри имкон ҳасаноти зиёд ба даст оварда шавад.

Аллоҳ донотар аст.

## Эътикоф дуруст нест, магар дар се масҷид

**Савол**

Ман ҳадисеро шунидам, ки эътикоф ба ҷуз дар масҷидулҳаром, масҷиди Набавӣ ва масҷиди Ақсо дуруст нест. Оё ин ҳадис саҳеҳ аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

**Аввал:**Ҳадисе, ки саволдиҳанда ба он ишора кардааст, онро Байҳақӣ (4/315) аз Ҳузайфа ривоят намудааст, ки ӯ ба Абдуллоҳ ибни Масъуд (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) гуфт: Ман аз назди баъзе мардумон гузар кардам, ки дар байни хонаи шумо ва хонаи Абумусо (яъне, дар масҷид) ба эътикоф нишастаанд. Ман медонам, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Эътикоф дуруст нест, магар дар се масҷид: Масҷидулҳаром**

**...».** Абдуллоҳ ибни Масъуд гуфт: Шояд ту фаромӯш кардаӣ ва онҳо ҳифз намудаанд ва шояд ту хато кардаӣ ва онҳо дуруст кардаанд.

Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Силсилату-л-аҳодиси-с-саҳиҳа" (2876) саҳеҳ донистааст.

**Дуввум:**Аммо оиди ҳукми ин масъала (донишмандон ихтилоф кардаанд), ҷумҳури донишмандон бар ин назаранд, шарт нест, ки эътикоф дар яке аз се масҷидҳо (масҷидулҳаром, масҷиди Набавӣ ва масҷиди Ақсо) анҷом дода шавад. Бар ин сухани худ ояти зеринро далел кардаанд, ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَلا تُبَاشِرُوهُنَّ وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ البقرة/187 .

**«Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед, бо ҳамсаронатон ҳамбистар нашавед».** (Сураи Бақара: 187).

Лафзи "масҷидҳо" дар ин оят ом буда, тамоми масҷидҳоро дарбар мегирад. Ба ҷуз ин ки бар нодуруст будани эътикоф дар масҷиде далел ворид шуда бошад, ба монанди масҷиде ки дар онҷо намози ҷамоат баргузор намешавад, агар эътикофнишин аз ҷумлаи шахсоне бошад, ки бар ӯ намози ҷамоат воҷиб аст. Лутфан ба саволи рақами (48985) нигаред.

Имом Бухорӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) ба истидлоли умуми ин оят ишора намуда, фармудааст:

Боби эътикоф дар даҳаи охир ва эътикоф нишастан дар ҳамаи масҷидҳо, зеро Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَلا تُبَاشِرُوهُنَّ وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ تِلْكَ حُدُودُ اللهِ فَلا تَقْرَبُوهَا كَذَلِكَ يُبَيِّنُ اللهُ آيَاتِهِ لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَتَّقُونَ البقرة/187 .

**«Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед, бо ҳамсаронатон ҳамбистар нашавед. Ин марзҳои Аллоҳ аст, пас ба онҳо наздик нашавед. Аллоҳ ҳамчунин оёти худро барои мардум равшан месозад, бошад, ки парҳезкор шаванд».** (Сураи Бақара: 187).

Поёни сухан.

Ҳанӯз ҳам мусулмонон эътикофро дар масҷидҳои кишварҳояшон идома медиҳанд, тавре ки Таҳовӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) онро дар китоби "Мушкилу-л-осор" (4/205) зикр кардааст.

Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ таъоло бар ӯ бод) оиди ҳукми эътикоф дар масҷидҳои сегона: масҷидулҳаром, масҷиди Набавӣ ва масҷиди Ақсо пурсида шуд. Аллоҳ бароятон подоши некӯ диҳад.

Дар ҷавоб фармуд: Эътикоф дар ғайри масҷидҳои сегона, масҷидулҳаром, масҷиди Набавӣ ва масҷиди Ақсо дар вақташ машрӯъ буда, махсуси масҷидҳои сегона намебошад. Балки дар он се масҷид ва инчунин дар дигар масҷидҳо низ анҷом дода мешавад. Ин дидгоҳи имомони мусулмонон, имомони мазҳабҳое ки мардум онро пайравӣ мекунанд, ба монанди Имом Аҳмад, Молик, Шофеӣ, Абуҳанифа ва дигарон (раҳмати Аллоҳ бар онон бод) мебошад, зеро Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَلا تُبَاشِرُوهُنَّ وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ تِلْكَ حُدُودُ اللهِ فَلا تَقْرَبُوهَا كَذَلِكَ يُبَيِّنُ اللهُ آيَاتِهِ لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَتَّقُونَ البقرة/187 .

**«Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед, бо ҳамсаронатон ҳамбистар нашавед. Ин марзҳои Аллоҳ аст, пас ба онҳо наздик нашавед. Аллоҳ ҳамчунин оёти худро барои мардум равшан месозад, бошад, ки парҳезкор шаванд».** (Сураи Бақара: 187).

Лафзи "масҷидҳо" (дар ин оят) ом буда, тамоми масҷидҳои гӯшаву канори заминро дарбар мегирад. Ин ҷумла дар охири оятҳои рӯза омадааст, ки ҳукми он тамоми умматро дар ҳама гӯшаву канори дунё дарбар мегирад. Ин хитоб ба тамоми шахсоне аст, ки ба рӯза амр шудаанд. Аз ин рӯ, ин ҳукмҳо бо ояти зерин хотима меёбанд:

تِلْكَ حُدُودُ اللهِ فَلا تَقْرَبُوهَا كَذَلِكَ يُبَيِّنُ اللهُ آيَاتِهِ لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَتَّقُونَ البقرة/187

**«Ин марзҳои Аллоҳ аст, пас ба онҳо наздик нашавед. Аллоҳ ҳамчунин оёти худро барои мардум равшан месозад, бошад, ки парҳезкор шаванд».** (Сураи Бақара: 187).

Аз эҳтимол хеле дур аст, ки Аллоҳ умматро бо калимоте хитоб кунад, ки фақат теъдоди ками онҳоро дарбар гирад. Аммо оиди ҳадиси Ҳузайфа ибни Ямон (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод): **«Эътикоф дуруст нест, магар дар се масҷид».** Агар ин ҳадис аз айбҳо эмин монад, ин ба маънои нафйи камол аст. Яъне комилтарин эътикоф эътикофест, ки дар ин масҷидҳои сегона анҷом дода шавад. Ин ба хотири мақоми арҷманд ва бартарии онҳо нисбат ба дигар масҷидҳо мебошад. Чунин ибораҳо (дар ҳадисҳо) зиёданд. Яъне гоҳо манзур аз нафйи

нафйи камол мебошад, на нафйи ҳақиқат ва ё нафйи дурустӣ. Масалан паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳангоми омода будани хӯрок намозе нест».** Ва ба монанди он. Бешубҳа асос дар нафй нафйи ҳақиқати шаръӣ ё ҳиссӣ аст. Аммо агар далеле бар хилофи он вуҷуд дошта бошад, пас бояд он далелро гирифт. Ҳамонтавре ки дар ҳадиси Ҳузайфа омадааст. Ин дар ҳоле, ки ҳадис аз камбудиҳо холӣ бошад. Аллоҳ донотар аст. Поёни сухан.

"Фатово-с-сиём" (саҳ 493).

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ таъоло бар ӯ бод) пурсида шуд: Ҳадиси «**Эътикоф дуруст нест, магар дар се масҷид»** то чӣ андоза саҳеҳ аст? Агар ҳадис саҳеҳ бошад, оё ин феълан маънои онро дорад, ки эътикоф танҳо дар се масҷид дуруст аст?

Дар ҷавоб фармуд:

Эътикоф дар ғайри масҷидҳои сегона дуруст аст, ҷуз ин ки дар масҷиде, ки ба эътикоф менишинад, шарт аст, ки дар онҷо намози ҷамоат баргузор шавад. Агар дар он ҷо намози ҷамоат баргузор нашавад, эътикоф дар он масҷид дуруст нест. Аммо агар назр карда бошад, ки дар масҷидҳои сегона ба эътикоф менишинад, пас дар ин ҳолат ба хотири вафо ба назри худ бояд дар он ҷо ба эътикоф бинишинад. Поёни сухан.

"Маҷмӯи фатово"-и Ибни Боз (15/444).

## Эътикофи марду зан дуруст нест, магар дар масҷид

**Савол**

Оё барои зан ҷоиз аст, ки дар хонаи худ ба эътикоф нишинад ?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Донишмандон иттифоқ намудаанд, ки эътикофи мард танҳо дар масҷид дуруст аст, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَلا تُبَاشِرُوهُنَّ وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ البقرة/187 .

**«Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед, бо ҳамсаронатон ҳамбистар нашавед».** (Сураи Бақара: 187).

Аз ин оят фаҳмида мешавад, ки эътикоф танҳо дар масҷидҳо анҷом дода мешавад. Ниг: Ал-Муғнӣ (4/461).

Аммо дар мавриди зан, аксарияти донишмандон бар ин назаранд, ки ӯ мисли мард аст, мувофиқи ояти зикршуда эътикофи ӯ дуруст нест, магар дар масҷид. Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَلا تُبَاشِرُوهُنَّ وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ البقرة/187 .

**«Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед, бо ҳамсаронатон ҳамбистар нашавед».** (Сураи Бақара: 187).

Ҳамсарони паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз ӯ барои эътикоф нишастан дар масҷид иҷозат пурсиданд.

Паёмбар ба онон иҷозат дод. Онҳо пас аз вафоти паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар масҷид ба эътикоф менишастанд.

Агар эътикофи зан дар хонааш ҷоиз мебуд, паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳамсаронашро ба он роҳнамоӣ мекард, зеро боқӣ мондани зан дар хона аз баромаданаш ба масҷид беҳтар аст.

Баъзе аз донишмандон бар ин назаранд, ки эътикофи зан дар масҷиди хонааш, он ҷое ки дар хонаи худ онро махсуси намоз қарор додааст, дуруст аст.

Аммо аксарияти донишмандон онро манъ кардаанд (яъне бар ин назаранд, ки ин кор ҷоиз нест) ва гуфтаанд: Масҷиди хона масҷид номида намешавад, магар ба таври маҷоз ва ин дар воқеъ масҷид нест, бинобар ин аҳкоми масҷидро намегирад, аз ин рӯ барои ҷунуб ва зани ҳайздида ҷоиз мебошад, ки ба он ҷо ворид шаванд. Ниг: "Ал-Муғнӣ" (4/464). Нававӣ дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (6/505) гуфтааст:

"Эътикофи марду зан дуруст нест, магар дар масҷид. Дар масҷиди хонаи зан ва дар масҷиди хонаи мард, ки як ҷои алоҳидаи омодашуда барои намоз аст, дуруст намебошад". Поёни сухан.

Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ таъоло бар ӯ бод) дар "Маҷмӯу-л-фатово" (20/264) пурсида шуд:

Агар зан бихоҳад, ки ба эътикоф нишнад, пас дар куҷо ба эътикоф менишинад?

Дар ҷавоб фармуд: Агар зан бихоҳад, ки ба эътикоф нишнад, пас бояд дар масҷид ба эътикоф бинишинад, албатта агар дар он ягон маҳзури шаръӣ вуҷуд надошта бошад ва агар дар он ягон маҳзури шаръӣ вуҷуд дошта бошад, пас ба эътикоф нашинад. Поёни сухан.

Дар "Ал-Мавсуату-л-фиқҳия" (5/212) омадааст:

"Донишмандон дар мавриди макони эътикофи зан ихтилоф кардаанд. Аксарияти донишмандон бар ин назаранд, ки ӯ мисли мард аст, эътикофи ӯ дуруст нест, магар дар масҷид. Бар асоси ин, эътикофи зан дар масҷиди хонаи худ дуруст намебошад, зеро аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят шудааст, ки ӯ оиди зане, ки назр кардааст, ки дар масҷиди хонаи худ ба эътикоф нишинад. Дар ҷавоб гуфт: Ин бидъат аст ва нафратовартарин амалҳо дар назди Аллоҳ бидъатҳост. Аз ин рӯ, эътикоф дуруст нест, магар дар масҷиде, ки дар он намоз баргузор мешавад. Масҷиди хона ҳақиқатан ва инчунин ҳукман масҷид ҳисобида намешавад. Аз ин рӯ, тағйир додани он ҷоиз аст ва барои ҷунуб дар он ҷо хобидан раво аст. Илова бар ин, агар (эътикоф нишастан дар хона барои занон) ҷоиз мебуд, модарони мӯъминон (Аллоҳ аз онон хушнуд бод) ҳадди ақҷал як бор ин корро анҷом медоданд, то ҷоиз будани онро (ба мардум) нишон диҳанд". Поёни сухан.

# Оё эътикоф дар намозхонаҳо ва марказҳои исломӣ дуруст аст?

**Савол**

Оё эътикоф дар намозхонаҳо ва марказҳои исломӣ (ки дар онҷо намозҳои панҷгона ва ҷумъаро мехонанд) ҷоиз аст, ё эътикоф танҳо дар масҷид ҷоиз аст? Аллоҳ бароятон подоши некӯ диҳад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Эътикоф танҳо дар масҷидҳо дуруст аст, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَلا تُبَاشِرُوهُنَّ وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ    البقرة/187 .

**«Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед, бо ҳамсаронатон ҳамбистар нашавед».** (Сураи Бақара: 187).

Ҳофиз Ибни Ҳаҷар (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:

"Ин оят далолат мекунад, ки агар эътикоф дар ғайри масҷид дуруст мебуд, ҳаром будани ҳамбистарӣ бо занон махсуси масҷид намегардид. Чун бо иҷмои донишмандон ҳамбистарӣ бо эътикоф мунофот дорад. Бинобар ин, аз зикр шудани масҷидҳо фаҳмида мешавад, ки манзур ин аст, ки эътикоф танҳо дар масҷидҳо анҷом дода мешавад. Ибни Мунзир иҷмои донишмандонро нақл кардааст, ки манзур аз ҳамбистарӣ дар ин оят ҷимоъ ва алоқаи ҷинсӣ мебошад. Табарӣ ва дигарон оиди сабаби нозил шудани ин оят аз

тариқи Қатода ривоят кардаанд, ки ҳар гоҳ онҳо (саҳобагон) ба эътикоф менишастанд ва марде барои ҳоҷати худ мерафт ва бо ҳамсараш рӯбарӯ мешуд, агар бихоҳад, бо ӯ ҳамбистарӣ менамуд. Сипас ин оят нозил шуд".

Поёни сухан.

Ибни Қудома (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Ал-Муғнӣ" (3/65) гуфтааст: Эътикоф ҷуз дар масҷиде, ки дар он намози ҷамоат баргузор мешавад, ҷоиз нест... Ва эътикоф дар ғайри масҷид дуруст нест, агар фарди эътикофнишин мард бошад. Мо намедонем, ки байни донишмандон дар ин масъала ихтилофе бошад. Асос дар он сухани Аллоҳ таъоло аст, ки мефармояд:

وَلا تُبَاشِرُوهُنَّ وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ البقرة/187 .

**«Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед, бо ҳамсаронатон ҳамбистар нашавед».** (Сураи Бақара: 187).

Поёни сухан бо ихтисор.

Нававӣ дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (6/505) гуфтааст:

"Эътикофи марду зан дуруст нест, магар дар масҷид. Дар масҷиди хонаи зан ва дар масҷиди хонаи мард, ки як ҷои алоҳидаи омодашуда барои намоз аст, дуруст намебошад". Поёни сухан.

Шайх Ибни Усаймин гуфтааст:

"Эътикофи шаръӣ бояд дар масҷидҳо бошад, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ البقرة/187 .

**«Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишастед».** (Сураи Бақара: 187).

Поёни сухан аз "Фатово нурун ала-д-дарб" (8/176).

Лутфан ба ҷавоби саволи рақами (**48985**) нигаред.

Бар ин асос, эътикоф дар намозхонаҳо ё марказҳои исломӣ ҷоиз нест.

Аллоҳ донотар аст.

## Эътикоф нишастани зан дар масҷид

Савол

Оё барои зан ҷоиз аст, ки дар даҳаи охири Рамазон дар масҷид ба эътикоф бинишинад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бале, барои зан ҷоиз аст, ки дар даҳаи охири Рамазон дар масҷид ба эътикоф нишинад.

Балки эътикоф барои мардону занон суннат аст. Модарони мӯъминон (Аллоҳ аз онон хушнуд бод) бо ҳамроҳи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар зиндагии ӯ ба эътикоф менишастанд ва инчунин баъди вафоти паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба эътикоф нишастанд.

Бухорӣ (2026) ва Муслим (1172) аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ҳамсари паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят кардаанд, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) то охири умри худ, дар даҳаи охири Рамазон ба эътикоф менишаст. Сипас ҳамсаронаш пас аз ӯ ба эътикоф нишастанд.

Дар китоби "Авну-л-маъбуд" гуфта шудааст:

Ин далолат мекунад, ки занон дар мавриди эътикоф ба монанди мардон мебошанд. Поёни сухан.

Шайх Абдулазиз ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:

"Эътикоф барои мардону занон суннат аст, зеро аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки ӯ дар моҳи Рамазон ба эътикоф менишаст ва дар ниҳоят эътикофи ӯ дар даҳаи охир қарор гирифт. Баъзе аз ҳамсаронаш бо ҳамроҳи ӯ ба эътикоф менишастанд ва инчунин баъди вафоти паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба эътикоф нишастанд. Ҷои эътикоф масҷидҳое мебошанд, ки дар он ҷо намози ҷамоат баргузор шавад". Поёни сухан аз сомонаи Шайх Ибни Боз дар интернет.

Аллоҳ донотар аст.

## Шартҳои эътикоф

**Савол**

Шартҳои эътикоф чӣ гунаанд ва оё рӯза яке аз шартҳои он аст? Оё барои муътакиф (эътикофнишин) ҷоиз аст, ки бемореро аёдат намояд, ё даъватро иҷобат кунад, ё ба эҳтиёҷоти оилаашро адо намояд, ё ба ҷанозае иштирок кунад, ё ба кор биравад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ. Эътикоф дар масҷиде, ки дар он намози ҷамоат баргузор мешавад, машрӯъ аст. Агар эътикофнишин яке аз онҳое бошад, ки ҷумъа барояш воҷиб аст ва мӯҳлати эътикофи ӯ рӯзи ҷумъаро низ дар бар бигирад, пас дар ин ҳолат, беҳтар аст, ки дар масҷиде, ки намози ҷумъа дар он баргузор мешавад, эътикоф бишинад.

Барои эътикоф рӯза доштан шарт нест.Суннат ин аст, ки эътикофнишин дар ҳангоми эътикофаш бемореро зиёрат нанамояд, даъватеро напазирад, ҳоҷатҳои хонаводаашро набарорад, ба ҷанозае иштирок накунад ва ба кору фаъолияти худ ба беруни масҷид наравад. Зеро аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) собит шудааст, ки мегӯяд: **«Бар эътикофнишин суннат аст, ки бемореро аёдат накунад, ба ҷанозае иштирок наварзад, занеро ламс накунад, бо ӯ ҳамбистарӣ нанамояд ва барои баровардани ниёзе хориҷ нашавад, магар дар ҳолати зарурӣ».** Ривояти Абӯдовуд (2473).

## Эътикоф дар ҳуҷрае дар дохили масҷид

**Савол**

Оё ҳуҷраи посбон ва ҳуҷраи кумитаи закот дар дохили масҷид барои эътикоф қобили қабул аст? Лутфан таваҷҷӯҳ дошта бошед, ки дарҳои ин ҳуҷраҳо дар дохили масҷид мебошанд.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳуҷраҳое, ки дар дохили масҷид ҳастанд ва дарҳояшон ба масҷид кушода мешаванд, ҳукми масҷидро доранд. Бар асоси он, эътикоф дар он ҳуҷраҳо ҷоиз аст, зеро он ҳуҷраҳо бахше аз масҷид мебошанд.

Аммо агар бинои ҳуҷраҳо дар беруни масҷид бошад, пас эътикоф дар он ҳуҷраҳо дуруст намебошад, ҳатто агар ҳуҷра ба дохили масҷид даре дошта бошад.

## Эътикоф дар моҳи Рамазон ва инчунин дар дигар моҳҳо ҷоиз аст

**Савол**

Оё эътикоф дар ҳар вақт ҷоиз аст? Ё танҳо дар моҳи Рамазон ҷоиз аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Эътикоф дар ҳар вақт, дар моҳи Рамазон ва дар ғайри Рамазон суннат аст, вале дар моҳи Рамазон беҳтар аст ва дар даҳаи охири моҳи Рамазон муаккадатар аст.

Умуми далелҳои мустаҳаб будани эътикоф бар он далолат мекунад ва он далелҳо моҳи Рамазон ва ғайри Рамазонро дарбар мегирад. Лутфан ба ҷавоби саволи рақами (**48999**) руҷӯъ кунед.

Нававӣ дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (6/501) гуфтааст:

"Эътикоф бо иҷмои донишмандон суннат аст. Эътикоф бо иҷмои донишмандон воҷиб нест, модоме ки инсон онро бо назр бар худ воҷиб нагардонад. Зиёд анҷом додани он мустаҳаб аст. Эътикоф мустаҳаб мебошад ва дар даҳаи охири моҳи Рамазон мустаҳабтар мегардад". Поёни сухан.

Инчунин дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (6/514) гуфтааст:

"Беҳтарин эътикоф он аст, ки ҳамроҳ бо рӯза бошад ва беҳтарин эътикоф дар байни моҳҳо, ин моҳи Рамазон аст ва беҳтарин эътикоф дар байни рӯзҳои моҳи Рамазон, ин даҳаи охири моҳи Рамазон мебошад". Поёни сухан.

Албонӣ дар "Қиёму Рамазон" гуфтааст: Эътикоф дар Рамазон ва дар дигар рӯзҳои сол суннат аст. Асоси он оятест, ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ البقرة/187 .

**«Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишастаед».** (Сураи Бақара: 187).

Ва ҳадисҳои саҳеҳ дар мавриди эътикофи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ворид шудаанд ва инчунин асарҳои сершуморе аз гузаштагон оиди он омадааст . . .

Собит шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар даҳ рӯзи Шаввол ба эътикоф нишастааст. Муттафақун алайҳ (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: Ман дар ҷоҳилият назр карда будам, ки шабе дар масҷидулҳаром ба эътикоф биншинам. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **«Ба назрат вафо намо».** Пас Умар як шаб ба эътикоф нишаст. Муттафақун алайҳ (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Бо назардошти ҳадиси Абуҳурайра, эътикоф дар моҳи Рамазон таъкиди бештар дорад. (Абуҳурайра гуфтааст:) **«Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳар Рамазон даҳ рӯз ба эътикоф менишаст. Аммо соле, ки вафот кард, бист рӯз ба эътикоф нишаст».** Ривояти Бухорӣ.

Беҳтарин эътикоф, эътикоф дар даҳаи охири моҳи Рамазон мебошад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) то охири умри худ, дар даҳаи охири Рамазон ба эътикоф менишаст. Муттафақун алайҳ (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Поёни сухан бо ихтисор ва каме тағйирот.

Шайх Ибни Боз дар "Маҷмӯу-л-фатово" (15/437) гуфтааст:

"Ҳеҷ шакке нест, ки эътикоф дар масҷид аз ҷумлаи омилҳои наздикӣ ба Аллоҳ аст ва дар Рамазон аз дигар моҳҳо беҳтар

аст. Ва ин ибодат дар Рамазон ва ғайри Рамазон машрӯъ аст". Поёни сухан бо ихтисор.

Ба китоби "Фиқҳу-л-эътикоф"-и доктор Холид Ал-Мушайқеҳ (саҳ 41) нигар.

## Савоби эътикоф

**Савол**

Савоби эътикоф чист?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

**Аввал:** Эътикоф машрӯъ аст. Эътикоф яке аз василаҳои наздикӣ ҷӯстан ба Аллоҳ азза ва ҷалла ба шумор меравад. Лутфан оиди ин масъала ба саволи рақами (**48999**) нигред.

Пас аз донистани ин, ҳадисҳои зиёде омадааст, ки ба наздикӣ ҷӯстан ба сӯи Аллоҳ таъоло бо ибодатҳои нафлӣ тарғиб менамояд ва ин ҳадисҳо дар шакли умум ҳамаи ибодатҳоро аз ҷумла эътикофро дарбар мегирад.

Аз ҷумлаи ин ҳадисҳо, сухани Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло дар ҳадиси қудсӣ аст, ки фармудааст: **"Бандаам бо чизе бештар аз он чи бар ӯ фарз кардаам, ба Ман наздик нашуд. Бандаам бо ибодатҳои нафлӣ ба Ман наздик мешавад, то ин ки ӯро дӯст дорам. Ҳар гоҳ ӯро дӯст доштам, шунавоии ӯ мешавам, ки бо он мешунавад, бинояш мешавам, ки бо он мебинад, дасташ мешавам,**

**ки бо он мегирад ва пояш мешавам, ки бо он роҳ меравад. Агар аз Ман (чизе) талаб кунад, ҳатман ба ӯ медиҳам ва агар ба Ман паноҳ барад, ҳатман ӯро паноҳ медиҳам".** Ривояти Бухорӣ (6502)**.**

**Дуввум:**

Ҳадисҳо дар фазилати эътикоф ва баёни савоби он ворид шудааст, аммо ҳамаи он ҳадисҳо заиф ё бофташуда мебошанд.

Абудовуд мегӯяд: Ба Аҳмад (Аҳмад ибни Ҳанбал) гуфтам, ки оё дар бобати фазилати эътикоф ҳадисе медонӣ? Аҳмад гуфт: На, танҳо ҳадисҳои андакеро медонам, ки заифанд. Поёни сухан аз китоби "Масоилу Абидовуд" (саҳ 96)**.**

Аз ҷумлаи ин ҳадисҳо:

1. Ибни Моҷа (1781) аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳаққи эътикофнишин фармудааст: **"Он гуноҳонро боз медорад ва ҳасонот бар ӯ чунон ҷорӣ мегарданд, ба монанди касе, ки ҳама ҳасонотро анҷом додааст".** Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Заифу Ибни Моҷа" заиф шуморидааст.

2. Табаронӣ, Ҳоким ва Байҳақӣ ҳадисеро аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардаанд ва Байҳақӣ онро заиф донистааст, ки Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Касе, ки як рӯз ба хотири розигии Аллоҳ эътикоф нишинад, Аллоҳ миёни ӯ ва дӯзах се хандақ қарор медиҳад, ки масофаи он аз машриқу мағриб**

**дуртар аст".** Албонӣ ин ҳадисро дар "Силсилату-з-заифа" (5345) заиф хондааст.

3. Дайламӣ аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Касе, ки аз рӯи имон ва талаби савоб эътикоф нишинад, гуноҳони пешинаи ӯ бахшида мешавад".** Албонӣ ин ҳадисро дар "Заифу-л-ҷомиъ" (5442) ҳадиси заиф номидааст

4. Байҳақӣ ҳадисеро, ки худ заиф меномад, аз Ҳусайн ибни Алӣ (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят намудааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Касе, ки дар Рамазон даҳ рӯз эътикоф нишинад, савоби ду ҳаҷ ва ду умраро хоҳад гирифт".** Албонӣ ин ҳадисро дар "Ассилсилату-з-заифа" (518) зикр намуда, гуфтааст: Ин ҳадис мавзӯъ ва бофташудааст.

## Камтарин муддати эътикоф

**Савол**

Камтарин муддати эътикоф чӣ қадар аст? Оё имкон дорад, ки муддати кӯтоҳе эътикоф бинишинам? Ё ҳатман эътикоф бояд як чанд рӯз бошад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Донишмандон дар муддати камтарини эътикоф ихтилоф кардаанд.

Ҷумҳури донишмандон бар ин назаранд, ки муддати камтарини эътикоф, як лаҳза аст. Ин мазҳаби Абуҳанифа, Шофеъӣ ва Аҳмад аст.

Ба "Аддурру-л-мухтор" (1/445), "Ал-Маҷмуъ" (6/489), "Ал-Инсоф" (7/566) нигар.

Нававӣ дар "Ал-Маҷмуъ" гуфтааст: Аммо дар мавриди муддати камтарини эътикоф, дидгоҳи саҳеҳ, ки ҷумҳур бар он назаранд, чунин аст, ки шарти он боқӣ мондан дар масҷид аст. Ҷоиз аст, ки он зиёд ё кам бошад, ҳатто соате ё лаҳзае бошад. Поёни сухан бо ихтисор.

Онон бар он, якчанд далелҳое овардаанд, аз ҷумла:

1. Эътикоф дар луғати арабӣ боқӣ мондан аст ва он метавонад муддати кӯтоҳ ё дароз бошад. Шариат муддати онро муайян накардааст.

Ибни Ҳазм мегӯяд: "Эътикоф дар луғати арабӣ боқӣ мондан аст. Аз ин хотир ҳар боқӣ мондание дар масҷид бо нияти наздикӣ ба Аллоҳ эътикоф ба шумор меравад, хоҳ муддати кам бошад ва ё зиёд, зеро Қуръону суннат ададе ё вақтеро муайян накардаанд". Поёни сухан аз китоби "Ал-Муҳалло" (5/179).

2. Ибни Абушайба аз Яъло ибни Умайя (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки гуфт: "Ман дар масҷид соате боқӣ мемонам ва ҷуз эътикоф барои чизе боқӣ намемонам".

Ибни Ҳазм ин ривоятро дар "Ал-Муҳалло" (5/179) далел кардааст. Ҳофиз онро дар "Фатҳу-л-борӣ" зикр кардааст ва бар он сукут кардааст. Соат дар инҷо ба маънои муддате аз

вақт аст, на он соате, ки имрӯзҳо ба ҳама маълум аст, ки он шаст дақиқа мебошад.

Баъзе аз донишмандон бар ин назаранд, ки камтарин муддати эътикоф як рӯз аст. Ин ривоятест аз Абуҳанифа ва баъзе аз моликиён чунин гуфтаанд.

Шайх Ибни Боз дар китоби "Маҷмуъу-л-фатово" (15/441) гуфтааст:

"Эътикоф боқӣ мондан дар масҷид ба хотири тоати Аллоҳ таъоло аст, хоҳ муддати зиёд бошад ва ё кам, зеро то ҷое, ки медонам, барои муайян кардани муддати эътикоф ба як рӯз, ё ду рӯз ва ё аз он бештар далеле ворид нашудааст. Он ибодати машрӯъ аст, магар ин ки агар инсон назр намояд, бо сабаби назр барояш воҷиб мегарад. Дар ин масъала мардону занон яксонанд".

## Эътикоф дар кадом рӯз аст?

**Савол**

Оё эътикоф ҳар вақт, ғайр аз даҳ рӯзи охири Рамазон ҷоиз аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бале, эътикоф дар ҳар вақт ҷоиз аст. Аммо беҳтарин эътикоф он аст, ки дар даҳаи охири Рамазон, аз рӯи пайравӣ

ба расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва саҳобагон (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) анҷом дода шавад.

Аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки ӯ дар баъзе солҳо дар моҳи шаввол ба эътикоф нишастааст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

## Эътикофи зан дар хонааш дуруст нест

**Савол**

Оё барои зан ҷоиз аст, ки дар хона эътикоф бинишинад? Чӣ бояд кард, агар ба пухтани хӯрок эҳтиёҷ пайдо шавад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Эътикоф танҳо дар масҷид дуруст аст, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَلا تُبَاشِرُوهُنَّ وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ البقرة/187.

**"Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед, бо ҳамсаронатон ҳамбистар нашавед".** (Сураи Бақара: 187).

Дар ин масъала мардону занон яксонанд.

Ибни Қудома (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Ал-Муғнӣ" (4/464) гуфтааст:

Зан метавонад дар ҳар масҷиде ба эътикоф бинишинад ва шарт нест, ки дар он масҷид намози ҷамоат баргузор шавад, зеро ҷамоат бар зан воҷиб нест. Шофеӣ низ ҳамин тавр гуфтааст.

Барои ӯ ҷоиз нест, ки дар хонааш эътикоф бинишинад, зеро Аллоҳ таъоло мефрмояд:

وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ

**"Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед".**

Зеро занони паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз ӯ барои эътикоф дар масҷид иҷоза хостанд ва ӯ низ ба онҳо иҷоза дод. Поёни сухан.

Нававӣ дар "Ал-Маҷмуъ" (6/480) гуфтааст: Эътикофи марду зан дуруст нест, магар дар масҷид. Поёни сухан.

Ин дидгоҳест, ки Шайх Ибни Усаймин онро дар китоби "Ашшарҳу-л-мумтиъ" (6/513) ихтиёр кардааст.

Аллоҳ донотар аст.

## Оё барои эътикофнишин баромадан аз масҷид ҷоиз аст?

**Савол**

Ман мехоҳам, ки тарзи дар даҳаи охири Рамазон дар масҷид эътикоф нишастанро бидонам. Бояд қайд кард, ки ман кор мекунам ва кори ман дар соати дуи нимаи рӯз ба поён мерасад. Оё ман бояд доимо дар масҷид бимонам?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Баромадани эътикофнишин аз масҷид эътикофро ботил месозад, зеро эътикоф, нишастан дар масҷид ба хотири тоати Аллоҳ таъоло мебошад.

Аммо дар ҳолатҳои зарурӣ, барои корҳое, ки ҳатмиянд ва дар масҷид иҷро карда намешаванд, баромадан мумкин аст, ба монанди қазои ҳоҷат, вузӯ, ғусл, овардани хӯрок дар ҳолати вуҷуд надоштани касе барои овардани хӯрок ба масҷид ва ғайра.

Бухорӣ (2092) ва Муслим (297) аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳангоме, ки дар эътикоф буд, вориди хона намешуд, магар ба хотири ҳоҷати инсонӣ.

Ибни Қудома (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Ал-Муғнӣ" (4/466) гуфтааст: Мурод аз ҳоҷати инсонӣ, пешобу ғоит аст, бинобар ин, он дуро ҳоҷат номид, зеро ҳар як инсон ба анҷом додани ин ду чиз ниёз дорад. Инчунин ба маънои ҳоҷатмандӣ ба хӯрданиву нӯшиданӣ низ меояд. Агар ӯ касеро надошта бошад, ки ба ӯ хӯрок ва нӯшокӣ биёрад, пас агар ба он ниёз бошад, метавонад барои гирифтани онҳо биравад. Ҳар як чизе, ки зарур аст ва дар масҷид иҷро карда намешавад, баромадан барои он мумкин аст ва эътикофро фосид намесозад, ба шарте, ки муддати дар берун қарор гирифтан дароз набошад. Поёни сухан.

Аммо баромадани эътикофнишин барои кору фаъолияти худ бар эътикоф мухолифат мекунад.

Аз кумитаи доимии фатво пурсиданд: Оё барои эътикофнишин зиёрати бемор ё пазируфтани даъват барои меҳмонӣ ё баровардани ҳоҷати хонавода ё иштирок дар ҷаноза ё рафтан ба кору фаъолият ҷоиз аст?

Дар ҷавоб гуфтанд:

Суннат ин аст, ки эътикофнишин набояд ҳангоми эътикоф бемореро зиёрат намояд, ё даъватеро бипазирад, ё ҳоҷатҳои хонаводаашро барорад, ё ба ҷаноза иштирок кунад ва ё ба беруни масҷид, ба кору фаъолияти худ биравад. Зеро аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) собит шудааст, ки мегӯяд: "Бар эътикофнишин суннат аст, ки бемореро зиёрат накунад, ба ҷанозае иштирок наварзад, ба ҳамсараш даст назанад ва бо ӯ ҳамбистарӣ накунад ва барои баровардани ниёзе набарояд, магар дар ҳоли зарурӣ". Ривояти Абӯдовуд (2473). Поёни сухан.

"Фатовои кумитаи доимӣ" (10/410).

## Ҳадиси "Касе, ки як рӯз ба эътикоф нишинад ..". Эътикофи як рӯза кай бояд оғоз шавад?

**Савол**

Ҳадиси "Касе, ки як рӯз ба хотири розигии Аллоҳ эътикоф нишинад, Аллоҳ ӯро аз дӯзах се хандақ дур мегардонад, ки масофаи ҳар як хандақ ба монанди масофаи машриқу

мағриб аст". Кӣ ин ҳадисро ривоят кардааст ва дараҷаи ин ҳадис чӣ гуна аст? Агар касе бихоҳад, ки як рӯз ба эътикоф нишинад, эътикоф кай бояд оғоз шавад ва кай бояд ба поён бирасад? Инчунин агар касе бихоҳад, ки ду рӯз ба эътикоф нишинад, эътикоф кай бояд шурӯъ шавад ва кай бояд ба охир бирасад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин ҳадис заиф аст. Эътикофи як рӯза баъд аз намози бомдод оғоз мешавад ва баъди нишастани офтоб ба охир мерасад. Эътикофи ду рӯза низ ҳамин тавр аст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

## Оё зан дар даҳаи охир пурра бояд ба эътикоф бинишинад?

**Савол**

Ман мусулмонзани нав ҳастам ва дар мавриди эътикофи зан саволе дорам. Оё барои зан ҷоиз аст, ки дар масҷид, агар дар онҷо макони махсус барои занон бошад, ба эътикоф нишинад? Агар ин барояшон ҷоиз бошад, чанд рӯз метавонад ба эътикоф нишинад (3 ё 7 рӯз ё пурра даҳ рӯз) ?

**Матни ҷавоб.** Ҳамду сипос барои Аллоҳ, ки шуморо ба Ислом ҳидоят намуд. Аз Аллоҳ таъоло мепурсем, ки имон ва ҳидояти шуморо афзун кунад.

Бале, барои зан ҷоиз аст, ки дар масҷид ба эътикоф нишинад, балки эътикоф барои мардону занон суннат аст.

Лутфан ба саволи (**37698**) нигаред.

Беҳтар аст, ки дар даҳаи охир пурра ба эътикоф нишинад, зеро ин амали паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мебошад.

Бухорӣ (2026) ва Муслим (1172) аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ҳамсари паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят кардаанд, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) то охири умри худ, дар даҳаи охири Рамазон ба эътикоф менишаст. Сипас ҳамсаронаш пас аз ӯ ба эътикоф нишастанд.

Агар мусулмон дар даҳаи охир пурра ба эътикоф нишаста натавонад, онгоҳ то ҳадди имкон, ду ё се рӯз ё бештар аз он ва ё камтар аз он, ҳатто як шаб ба эътикоф менишинад.

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:

"Эътикоф боқӣ мондан дар масҷид ба хотири тоати Аллоҳ таъоло аст, хоҳ муддати зиёд бошад ва ё кам, зеро то ҷое, ки медонам, барои муайян кардани муддати эътикоф ба як рӯз, ё ду рӯз ва ё бештар аз он далеле ворид нашудааст". Поёни сухан аз китоби "Фатово-ш-шайх Ибни Боз" (15/441)

# Оё эътикоф дар ҳар масҷиде дуруст аст?

**Савол**

Оё эътикоф дар ҳар масҷиде дуруст аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Донишмандон дар сифати масҷиде, ки эътикоф дар он ҷоиз аст, ихтилоф кардаанд. Баъзе аз донишмандон бар ин назаранд, ки эътикоф дар ҳар масҷиде дуруст аст, агарчи дар он намози ҷамоат барпо нашавад, бинобар умуми сухани Аллоҳ таъоло, ки фармудааст:

وَلا تُبَاشِرُوهُنَّ وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ البقرة/187.

**"Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед, бо ҳамсаронатон ҳамбистар нашавед".** (Сураи Бақара: 187).

Имом Аҳмад бар ин назар аст, ки дар масҷид намози ҷамоат баргузор шуданаш шарт аст ва бар он, далелҳои зеринро истидлол кардааст:

1. Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) гуфтааст: **"Эътикоф дуруст нест, магар дар масҷиди ҷамоат".** Ривояти Байҳақӣ. Албонӣ ин ҳадисро дар рисолаи "Қиёми Рамазон" саҳеҳ хондааст.

2. Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) гуфтааст: **"Эътикоф дуруст нест, магар дар масҷиде, ки дар он намоз барпо шавад".** Китлби "Ал-Мавсуъату-л-фиқҳийя" (5/212).

3. Зеро агар дар масҷиде эътикоф нишинад, ки дар он намози ҷамоат барпо намешавад, ба яке аз ин ду ҳолатҳо дучор хоҳад шуд:

Аввал: Намози ҷамоатро комилан тарк менамояд, ҳол он ки барои мард ҷоиз нест, ки намози ҷамоатро беузр тарк намояд.

Дуввум: Ё ин ки барои адо намудани намози ҷамоат ба масҷиди дигар бояд доимо барояд, ки ин эътикофро ботил хоҳад кард. Ба "Ал-Муғнӣ" (4/461) нигар.

Шайх Ибни Усаймин дар китоби "Ашшарҳу-л-мумтиъ" (6/312) фармудааст: "Эътикоф дуруст нест, магар дар масҷиде, ки дар он намози ҷамоат барпо мешавад".

Оё мурод аз он масҷидест, ки дар он намози ҷумъа барпо мешавад, ё масҷидест, ки дар он намози ҷамоат барпо мешавад?

Ҷавоб: Масҷидест, ки дар он намози ҷамоат барпо шавад ва шарт нест, ки дар он намози ҷумъа барпо шавад, зеро масҷиде, ки дар он намози ҷамоат барпо намешавад, ба маънои ҳақиқияш масҷид номида намешавад, монанди ин ки он масҷидро мардум тарк карда бошанд, ё аз он макон кӯч баста бошанд. Поёни сухан.

Аз ин хотир, шарт нест, ки дар он масҷид намози ҷумъа барпо шавад, зеро он такрор намешавад ва баромадан ба намози ҷумъа зарар надорад, бар хилофи намозҳои панҷвақта, ки ҳар рӯзу шаб такрор мешавад.

Шарти мазкур, яъне барпо шудани намози ҷамоат дар масҷид, танҳо барои мардон аст. Аммо барои зан дуруст аст, ки дар ҳар масҷиде эътикоф бинишинад, гарчанде ки дар он намози ҷамоат барпо нашавад, зеро намози ҷамоат бар ӯ воҷиб нест.

Ибни Қудома дар китоби "Ал-Муғнӣ" фармудааст: "Зан метавонад дар ҳар масҷиде эътикоф бинишинад. Шарт нест, ки дар он намози ҷамоат барпо нашавад, зеро намози ҷамоат бар ӯ воҷиб нест. Шофеъӣ низ чунин гуфтааст. Поёни сухан.

Шайх Ибни Усаймин дар китоби "Ашшарҳу-л-мумтиъ" (6/313) гуфтааст:

Агар зан дар масҷиде, ки дар дар он намози ҷамоат барпо намешавад, эътикоф бинишинад, ҳеҷ боке надорад. Зеро бар ӯ воҷиб нест, ки бо ҳамроҳи ҷамоат намоз гузорад. Поёни сухан.

## Ҳадафи асосии эътикоф ва чаро мусулмонон ин суннатро тарк кардаанд?

**Савол**

Чаро бо вуҷуди ин ки эътикоф суннати паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аст, мусулмонон онро тарк кардаанд? Ҳадаф аз эътикоф чист?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аввал: Эътикоф яке аз суннатҳои муаккадаест, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) онро бардавом анҷом медод.

Далелҳои машрӯияти эътикофро аз ҷавоби саволи рақами (**48999**) бубинед.

Ин суннат аз зиндагии мусулмонон нопадид шудааст, ба ҷуз аз касоне, ки дар раҳмати Аллоҳ қарор гирифтаанд. Ҳоли ин суннат ба монанди бисёре аз суннатҳои дигарест, ки пурра ё тақрибан аз байн рафтаанд.

Он сабабҳои гуногун дорад, аз ҷумла:

1- Заифии имон дар дохили бисёре аз мусулмонон.

2- Рӯйоварии зиёд ба сӯи лаззатҳо ва шаҳватҳои дунё, ки боис шудааст, ки шахс наметавонад ҳатто барои муддати кӯтоҳ аз он дӯрӣ намояд.

3- Беарзиш шудани биҳишт дар дилҳои гурӯҳе аз мардум ва майли онҳо ба роҳату осоиштагӣ. Аз ин хотир, сахтии эътикофро таҳаммул кардан намехоҳанд, гарчанде ки дар роҳи ризогии Аллоҳ таъоло бошад.

Касе, ки бузургии қадри биҳишт ва неъматҳои онро бидонад, дар роҳи расидан ба биҳишт ҷону молашро сарф хоҳад кард. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Огоҳ бошед, ки матои Аллоҳ гаронбаҳо аст. Огоҳ бошед, ки матои Аллоҳ биҳишт аст".** Ривояти Тирмизӣ. Албонӣ ин ҳадисро (2450) саҳеҳ шумоdo).

4- Маҳдуд шудани муҳаббати паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар бисёре аз қалбҳо бар муҳаббати лафзӣ, на амалӣ, ки он татбиқ намудани суннатҳои гуногун, аз ҷумла эътикоф аст. Аллоҳ таъоло фармудааст:

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِمَنْ كَانَ يَرْجُو اللَّهَ وَالْيَوْمَ الآخِرَ وَذَكَرَ اللَّهَ كَثِيراً الأحزاب/21.

**"Дар ҳақиқат барои шумо расулуллоҳ намунаи нек мебошад, барои касе, ки ба Аллоҳ ва рӯзи охират умед дорад ва Аллоҳро бисёр зикр мекунад".**

(Сураи Аҳзоб: 21).

Ибни Касир (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) (3/756) гуфтааст: Ин ояти карима асли бузургест дар пайравӣ намудан ба расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар гуфтору кирдор ва аҳволи ӯ. Поёни сухан.

Бархе аз гузаштагон ба ҳоли мардум тааҷҷуб мекарданд, ки бо вуҷуди ин ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) эътикофро бардавом анҷом медод, онҳо бошанд, онро тарк мекунанд.

Ибни Шиҳоби Зӯҳрӣ мегӯяд: Ба ҳоли мусулмонон тааҷҷуб мекунам, ки эътикофро тарк кардаанд, ҳол он ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз рӯзи ба Мадина даромадан, то таслими рӯҳи хеш ба Аллоҳ эътикофро тарк накардааст.

**Дуввум:** Эътикофе, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) онро дар охири ҳаёти худ бардавом анҷом медод, эътикофи даҳаи охири Рамазон буд. Ин рӯзҳои башумор ҳақиқатан нақши тарбиявии бузурге дорад, ки натиҷаҳои мусбатро хеле зуд дар рӯзҳову шабҳои эътикоф нишон медиҳад. Инчунин дар рӯзҳои пас аз он ва то Рамазони дигар таъсири эҷобии худро ҳифз мекунад.

Аз ин хотир, имрӯз мо мусалмонон ба зинда намудани ин суннат ва барпо намудани он ба шакли дурусте, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва асҳоби ӯ анҷом медоданд, ниёз дорем.

Пирӯзу муваффақ касест, ки дар ҳоли ғафлату фасоди мардум, ин суннатро анҷом медиҳад.

**Саввум:** Ҳадафи асосии эътикофи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҷустуҷӯи шаби қадр мебошад.

Муслим (1165) аз Абусаиди Худрӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар даҳаи аввали Рамазон ба эътикоф нишаст, сипас дар даҳаи мобайн дар хаймаи туркӣ (яъне хаймаи хурд) ба эътикоф нишаст, ки дари он аз бурё буд. Сипас бурёро бо дастони худ ба паҳлӯи хайма яксӯ намуда, сипас сари худро бароварда, бо мардум сӯҳбат кард. Мардум ба ӯ наздик шуданд ва ӯ фармуд: Ман дар даҳаи аввал ба хотири ҷустуҷӯи шаби қадр ба эътикоф нишастам. Сипас дар даҳаи мобайн ба эътикоф нишастам, чун ба даҳаи саввум расидам, ба ман гуфта шуд, ки шаби қадр дар даҳаи охир аст. Касе аз шумо дӯст дорад, ки ба эътикоф нишинад, пас

ба эътикоф бинишинад. Мардум ҳамроҳи ӯ ба эътикоф нишастанд.

Фоидаҳои ин ҳадис:

1- Ҳадафи асосӣ аз эътикофи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҷустуҷӯи шаби қадр ва омодагӣ барои барпо доштани он ва шабзиндадории он бо ибодат буд. Ва он ба хотири фазли бузург доштани ин шаб аст. Аллоҳ таъоло фармудааст:

لَيْلَةُ الْقَدْرِ خَيْرٌ مِنْ أَلْفِ شَهْرٍ القدر / 3.

**"Шаби қадр беҳтар аз ҳазор моҳ аст".** (Сураи Қадр: 3).

2- Кӯшишу талоши паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) барои дарёфти шаби қадр, пеш аз донистани вақти он. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар даҳаи аввал эътикофро оғоз намуда, дар даҳаи мобайн ҳам ба эътикоф нишаст, сипас чун донист, ки шаби қадр дар даҳаи охир аст, эътикофро давом дод. Ин талоши воқеӣ барои ба даст овардани ибодати шаби қадр аст.

3- Пайравии саҳобагон (Аллоҳ аз онон хушнуд бод) ба расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чунки онҳо эътикофро ҳамроҳи ӯ оғоз карданд ва бо ҳамроҳи ӯ то охири моҳ ба эътикоф нишастанд. Ин нишонаи сахт пайравии намудани онҳо ба паёмбари (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аст.

4- Раҳму шафқати паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нисбати саҳобагон. Зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба хотири он, ки аз машаққати эътикоф огоҳӣ дошт,

ба онҳо ҳаққи ихтиёр дод, ки агар хоҳанд, бо ҳамроҳи ӯ эътикофро идома диҳанд, агар нахоҳанд аз эътикоф бароянд. Ба онон фармуд: **"Касе аз шумо дӯст дорад, ки ба эътикоф нишинад, пас ба эътикоф бинишинад".**

Эътикоф мақосиди дигаре низ дорад, аз ҷумла:

1- Аз мардум канорагирӣ кардан ба қадри имкон, барои пайдо кардани унс бо Аллоҳ таъоло.

2- Ислоҳи дил бо рӯй овардан ба Аллоҳ таъоло бо пуррагӣ.

3- Пурра ба ибодати соф фориғ шудан, мисли намоз, дуо, зикр ва қироати Қуръон.

4- Ҳифзи рӯза аз тамоми чизҳое, ки ба он таъсир мерасонад, ба монанди хоҳишоти нафс ва шаҳватҳо.

5- Кам кардани мубоҳҳои дунявӣ ва зуҳд аз бисёр мубоҳҳо бо вуҷуди тавоноӣ.

Ба китоби "Ал-Эътикоф назратун тарбавия"-и доктор Абдулатиф Болту нигаред.

## Ҳукми эътикоф ва далелҳои машрӯъияти он

**Савол**

Ҳукми эътикоф чист?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

**Аввал:** Эътикоф бо китобу суннат ва иҷмоъ машрӯъ аст.

Далел аз китоб (Қуръон), ин сухани Аллоҳ таъоло аст, ки фармудааст:

وَعَهِدْنَا إِلَى إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ أَنْ طَهِّرَا بَيْتِيَ لِلطَّائِفِينَ وَالْعَاكِفِينَ وَالرُّكَّعِ السُّجُودِ
البقرة/125

**"Ва Мо ба Иброҳим ва Исмоил ваҳй кардем, ки хонаи Маро барои тавофкунандагону муътакифон ва рукуъу саҷдакунандагон (намозгузорон) покиза кунед".**

(Сураи Бақара: 125).

Инчунин Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَلا تُبَاشِرُوهُنَّ وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ البقرة/187.

**"Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед, бо ҳамсаронатон ҳамбистар нашавед".** (Сураи Бақара: 187).

Далел аз суннат, ҳадисҳои зиёде бар машрӯъияти эътикоф ворид шудааст, аз ҷумла ҳадиси Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод), ки гуфтааст: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) то охири умри худ, дар даҳаи охири Рамазон ба эътикоф менишаст. Сипас ҳамсаронаш пас аз ӯ ба эътикоф нишастанд. Ривояти Бухорӣ (2026) ва Муслим (1172).

Аммо далел аз иҷмоъ бошад, бисёре аз донишмандон, аз ҷумла Нававі, Ибни Қудома, шайхулислом Ибни Таймийя ва дигарон иҷмоъро бар машрӯъияти эътикоф нақл кардаанд.

Ба китоби "Ал-Маҷмуъ" (6/404), "Ал-Муғнӣ" (4/456) ва "Шарҳу-л-умда" (2/711) нигар.

Шайх Ибни Боз дар китоби "Маҷмӯу-л-фатово" (15/437) гуфтааст: "Ҳеҷ шакке нест, ки эътикоф дар масҷид аз ҷумлаи омилҳои наздикӣ ба Аллоҳ аст ва дар Рамазон аз дигар моҳҳо беҳтар аст. Ва ин ибодат дар Рамазон ва ғайр Рамазон машрӯъ аст". Поёни сухан бо ихтисор.

**Дуввум: Ҳукми эътикоф.**

Асл дар эътикоф ин аст, ки он суннат аст ва воҷиб нест, магар он ки назр бошад, пас дар ин ҳолат воҷиб мегардад.

Зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Касе ки назр намояд, то Аллоҳро фармонбардорӣ кунад, пас Аллоҳро фармонбардорӣ кунад ва касе ки назр намояд, то Аллоҳро нофармонӣ кунад, пас Аллоҳро нофармонӣ накунад".** Ривояти Бухорӣ (6696).

Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: Эй расулуллоҳ, ман дар ҷоҳилият назр карда будам, ки шабе дар масҷиду-л-ҳаром ба эътикоф биншинам. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **"Ба назрат вафо намо".** (6697).

Ибни Мунзир дар китоби худ "Ал-Иҷмоъ" (саҳ 53) гуфтааст:

"Иҷмоъ намудаанд, ки эътикоф суннат аст ва бар мардум фарз нест, магар дар ҳоле ки шахс онро бар худ бо назр воҷиб созад, ки дар ин ҳолат бар ӯ воҷиб мегардад". Поёни сухан.Ба китоби "Фиқҳу-л-эътикоф"-и доктор Холид Ал-Мушайқеҳ (саҳ 31) нигар.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

# Равиши паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар эътикоф

**Савол**

Мехоҳам дар мавриди равиши паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар бораи эътикоф маълумот ҳосил намоям.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Равиши паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар бобати эътикоф комилтарин ва осонтарин равиш аст. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) боре дар даҳаи аввали Рамазон, сипас дар даҳаи мобайни Рамазон ба хотири ҷустуҷӯи шаби қадр эътикоф нишаст. Баъдан равшан гардид, ки шаби қадр дар даҳаи охири Рамазон қарор дорад. Аз он рӯз иборат, то охири умри худ, дар даҳаи охири Рамазон эътикоф менишаст.

Боре эътикофи даҳаи охири Рамазонро тарк кард. Сипас қазои онро дар даҳаи аввали моҳи шаввол адо намуд. Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Аммо соле, ки дар он вафот кард, бист рӯз ба эътикоф нишаст. Ривояти Бухорӣ (2040).

"Гуфтаанд: Сабаби бист рӯз эътикоф нишастани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар он буд, ки аз наздикшавии аҷали худ огоҳӣ пайдо карда буд. Хост, ки амалҳои некро зиёд анҷом бидиҳад, то барои уммати худ

таълим диҳад, ки онҳо низ пеш аз мулоқот бо Аллоҳ амалҳои зиёд анҷом диҳанд то ин, ки дар ҳолати беҳтарин бо Аллоҳ мулоқот намоянд.

Инчунин гуфтаанд: Сабаби бист рӯз эътикоф нишастани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар он буд, ки Ҷабраил (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳар моҳи Рамазон як маротиба бо паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) Қуръонро мудораса мекард. Вақте ки соли охирини ҳаёти паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фаро расид, ду маротиба ин корро анҷом дод. Бинобар ин, ду баробари эътикофҳои пешина, ба эътикоф нишаст.

Пурқувваттарин дидгоҳ ин аст, ки сабаби бист рӯз эътикоф нишастани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар он буд, ки ӯ як сол пеш аз он дар сафар буд. Далели он ҳадисест, ки Насоӣ ва Абудовуд ривоят кардаанд ва он лафзи Насоӣ аст ва онро Ибни Ҳаббон ва дигарон саҳеҳ донистаанд. Ин ҳадис аз Убай ибни Каъб (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки мегӯяд: "Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар даҳаи охири Рамазон ба эътикоф менишаст. Як сол сафар намуд ва ба эътикоф нанишаст. Вақте ки соли баъдӣ расид, бист рӯз ба эътикоф нишаст". Поёни сухан аз китоби "Фатҳу-л-борӣ".

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) амр менамуд, ки барои ӯ хаймае дар дохили масҷид зада шавад. Дар дохили хайма менишаст ва аз мардум хилватнишинӣ мекард ва ба Парвардигори худ рӯй меовард, то ин ки хилватнишинӣ дар шакли воқеиаш сурат бигирад.

Боре дар хаймаи туркӣ (яъне хаймаи хурд) ба эътикоф нишаст ва ба дари он бурёеро гузошт.  Ривояти Муслим (1167).

Ибни Қаййим дар "Зоду-л-маод" (2/90) фармудааст: "Ҳамаи ин гуфтаҳо мақсади эътикоф ва рӯҳи онро нишон медиҳад. Ин бар акси амалҳое, ки ҷоҳилон анҷом медиҳанд, ки эътикофро василае барои сӯҳбат кардан ва зиёрат кардани ҳамдигар қарор доданд ва бо якдигар гуфтугӯ карда менишинанд. Ин чизест ва эътикофи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чизи дигар аст". Поёни сухан.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳангоми эътикоф доимо дар масҷид менишаст ва аз масҷид танҳо барои қазои ҳоҷат берун мешуд. Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) фармудааст: "Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳангоме, ки дар эътикоф буд, вориди хона намешуд, магар ба хотири ҳоҷат".   Ривояти Бухорӣ (2029) ва Муслим (297).

Дар ривояти Муслим чунин омадааст: **"Магар ба хотири ҳоҷати инсонӣ".** Зӯҳрӣ инро тафсир карда мегӯяд, ки ҳоҷати инсонӣ, пешобу ғоит мебошад.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба покизагии худ аҳамият медод ва сари худро аз масҷид ба ҳуҷраи Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) дохил мекард ва Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) сари паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро мешуст ва мӯи ӯро шона мекард.

Бухорӣ (2028) ва Муслим (297) аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки ӯ гуфтааст: Паёмбар (дуруду

паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳангоми эътикофнишинӣ, сари худро ба сӯи ман дароз мекард ва ман дар ҳоли ҳайз будан, мӯйи ӯро шона мекардам. Дар ривояти Бухорӣ ва Муслим омадааст**: "Ман сари ӯро мешустам".**

Ҳофиз мегӯяд: Дар ҳадис ҷоиз будани покиза кардани худ, хушбӯӣ намудан, шустан, тарошидан, зинат додан дида мешавад. Аксарияти донишмандон бар ин назаранд, ки чизҳое, ки анҷоми он дар масҷид макрӯҳанд, дар эътикоф низ макрӯҳ мебошанд. Поёни сухан.

Ҳамзамон яке аз равишҳои паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ин аст, ки ҳангоми эътикоф набояд инсон бемореро зиёрат кунад, ё ба ҷанозае ширкат намояд ва ин барои он буд, ки ба таври комил муноҷот бо Аллоҳ таъоло сурат бигирад ва ҳикмати эътикоф, ки канорагирӣ аз мардум ва рӯйоварӣ ба сӯи Аллоҳ таъоло аст, амалӣ гардад.

Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) мегӯяд: "Бар эътикофнишин суннат аст, ки бемореро зиёрат накунад, ба ҷанозае иштирок наварзад, ба ҳамсараш даст назанад ва бо ӯ ҳамбистарӣ накунад ва барои баровардани ниёзе набарояд, магар дар ҳоли зарурӣ". Ривояти Абӯдовуд (2473). Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу Абидовуд" саҳеҳ хондааст.

Мақсад аз бахши ҳадис: "ба ҳамсараш даст назанад ва бо ӯ ҳамбистарӣ накунад". Яъне бо ӯ ҷимоъ ва ҳамхобӣ накунад. Инро Шавконӣ дар китоби "Найлу-л-автор" гуфтааст.

Баъзе аз ҳамсарони паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ӯро дар ҳоли эътикоф зиёрат мекарданд. Ҳаргоҳ яке аз

онҳо аз назди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мехост биравад, паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ӯро то хонааш мебурд ва он дар шаб буд.

Аз Сафия ҳамсари паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят аст, ки ӯ ба зиёрати паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳоле, ки ӯ дар даҳаи охири моҳи Рамазон, дар масҷид ба эътикоф нишаста буд, омад ва соате бо ӯ сӯҳбат кард. Сипас аз ҷой хест, то баргардад, паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) низ аз ҷойи худ хест, то ӯро ба хонааш бибарад.  Ривояти Бухорӣ (2035) ва Муслим (2175).

Хулосаи калом ин аст, ки эътикофи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бо осонӣ буд, дар он сахтгирӣ дида намешуд. Тамоми вақти паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар  ҳоли эътикоф дар зикри Аллоҳ ва рӯйоварӣ ба тоати Аллоҳ буд, то ин ки шаби қадрро дарёбад.

Ба китоби "Зоду-л-маод"-и Ибни Қаййим (2/90) ва "Ал-Эътикофу назратун тарбавия"-и доктор Абдулатиф Болту нигаред.

## Ӯ мехоҳад қазои рӯзаи Рамазонро то зимистон ба таъхир андозад, зеро рӯзҳояш кӯтоҳ мебошанд

**Савол**

Анҷом додани қазои рӯзаи рӯзҳои Рамазон дар фасли зимистон чӣ ҳукм дорад? Чунки ҳамонтавре медонем рӯзҳои зимистон кӯтоҳ аст.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Бар касе, ки рӯзаи рӯзҳое аз Рамазонро хӯрдааст, воҷиб мебошад, ки пеш аз фаро расидани Рамазони дигар, қазои он рӯзҳоро анҷом бидиҳад, хоҳ дар рӯзҳои зимистон бошад ё дар дигар рӯзҳои сол, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوْ عَلَى سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِّنْ أَيَّامٍ أُخَرَ

سورة البقرة: ١٨٥

**«Ва ҳар кас бемор ва ё дар сафар бошад, бояд ба теъдоди рӯзҳои фавтшуда дар рӯзҳои дигар рӯза бидорад».** (Сураи Бақара: 185).

Аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) собит шудааст, ки ӯ қазои рӯзаи Рамазон дошт, вале ба хотири мақоми расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) қазои онро танҳо дар моҳи Шаъбон адо мекард.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз .. Шайх Абдурраззоқ Афифӣ .. Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён. "Фатово-л-лаҷнату-д-доима. Ал-Маҷмуъату-с-сония" (9/278).

## Тарзи пардохт кардани каффорат

**Савол**

Фидяи касе, ки дар моҳи Рамазон рӯза нагирифтааст, оё он бояд ҳар рӯз пардохта шавад ва ё пас аз Рамазон якбора пардохта шавад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Касе, ки дар моҳи Рамазон ба сабаби узре, ки умеди дур шуданаш нест, рӯза нагирад, ба монанди пиронсол, бояд барои ҳар рӯз ба як мискине таом бидиҳад. Дар таом додан интихоб дорад, барои ҳар як рӯз бо алоҳидагӣ таом медиҳад ва ё то ба охир расидани моҳ интизор мешавад, сипас ба мискинон ба адади рӯзҳои моҳ таом медиҳад.

Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Аш-шарҳу-л-мумтиъ" (6/335) гуфтааст:

Вақти он - яъне вақти пардохти таом - интихобӣ аст. Агар бихоҳад барои ҳар як рӯз дар он рӯз пардохт мекунад ва агар бихоҳад, онро ба рӯзи охирин ба таъхир меандозад, зеро Анас (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) чунин мекард. Поёни сухан.

## <u>Касе ки рӯзаро тарк кардааст, бояд чӣ кор кунад?</u>

**Савол**

Ман ҷавондухтари 25 сола ҳастам. Аммо ман аз давраи хурдсолӣ то синни 21-солагӣ аз сабаби танбалӣ рӯза надоштаам ва намоз нахондаам. Падару модарам ба ман насиҳат мекарданд, вале ман парвое намекардам. Ман бояд чӣ кор кунам? Ногуфта намонад, ки Аллоҳ таъоло маро ҳидоят кардааст ва ҳоло ман рӯза мегирам ва аз он чӣ дар гузашта рух додааст, пушаймонам.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Тавба гуноҳони пешинаро нобуд мекунад. Шумо бояд бар гуноҳони кардаи худ пушаймон шавед, азм намоед, ки онро дубора такрор намекунед, дар ибодати худ содиқ бошед ва ибодатҳои нофиларо зиёд анҷом бидиҳед, ба монанди намози шабу рӯз, рӯзаи нофила, зикр, қироъати Қуръон ва дуо. Аллоҳ тавбаро аз бандагони худ мепазирад ва гуноҳонро мебахшад.

## Ӯ дар рӯзи моҳи Рамазон зино кардааст ва метарсад, ки агар ду моҳ пай дар пай рӯза бигирад, гуноҳаш ошкор мешавад, аз ин рӯ, оё метавонад шаст мискинро хӯрок диҳад?

**Савол**

Ман марди 36 сола ҳастам. Бист сол пеш, ман дар рӯзи моҳи Рамазон амали фоҳишаро анҷом дода будам. Он вақт ман ҳукми онро намедонистам ва ҳоло оиладор ҳастам ва метарсам, ки аз сабаби рӯзаи каффорат мушкилоте ба вуҷуд ояд. Барои он ки байни ману ҳамсарам мушкилоте эҷод нашавад, оё бароям ҷоиз аст, ки ба шаст мискин хӯрок бидиҳам?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

**Аввал:**

Бар касе ки ба ин гирифтор шудааст, се чиз воҷиб аст:

1. Тавба ба даргоҳи Аллоҳ таъоло аз ин ду гуноҳи бузург, фоҳиша ва қасдан хӯрдани рӯза дар моҳи Рамазон. Ҳар ки тавба кунад, Аллоҳ тавбаи ӯро қабул менамояд ва бадиҳояшро ба некиҳо табдил медиҳад, чуноне ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَالَّذِينَ لا يَدْعُونَ مَعَ اللَّهِ إِلَهًا آخَرَ وَلا يَقْتُلُونَ النَّفْسَ الَّتِي حَرَّمَ اللَّهُ إِلا بِالْحَقِّ وَلا يَزْنُونَ وَمَنْ يَفْعَلْ ذَلِكَ يَلْقَ أَثَامًا ، يُضَاعَفْ لَهُ الْعَذَابُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ وَيَخْلُدْ فِيهِ مُهَاناً ، إِلا مَنْ تَابَ وَآمَنَ وَعَمِلَ عَمَلاً صَالِحاً فَأُوْلَئِكَ يُبَدِّلُ اللَّهُ سَيِّئَاتِهِمْ حَسَنَاتٍ وَكَانَ اللَّهُ غَفُوراً رَحِيماً الفرقان: 68-70

**«Ва онон, ки бо Аллоҳ маъбуди дигареро намепарастанд ва нафсеро, ки Аллоҳ куштанашро ҳаром кардааст, ба ғайри ҳақ намекушанд ва зино намекунанд. Ва ҳар кас ин корро бикунад, уқубати гуноҳи худро мебинад. Азоб барои ӯ дар рӯзи қиёмат дучанд карда мешавад ва хору зор ва ҷовидон дар он мемонад, ғайри он касе, ки тавба кунад ва имон оварад ва корҳои шоиста кунад. Пас онҳоянд, ки Аллоҳ бадиҳояшонро ба некиҳо табдил медиҳад ва Аллоҳ омурзандаи меҳрубон аст».** (Сураи Фурқон: 68-71).

2. Қазои рӯзаи рӯзеро ки хӯрдааст, анҷом бидиҳад.

3. Каффорат, ки он озод кардани як ғулом аст. Агар наёбад, пас бояд ду моҳ пайдарпай рӯза бигирад. Агар ин корро карда натавонист, бояд шаст мискинро таом бидиҳад, зеро Бухорӣ (1936) аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки мегӯяд: Дар назди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нишаста будем, ки марде омада гуфт: Эй расулуллоҳ, ҳалок шудам. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Ба ту чӣ шудааст? Гуфт: Бо занам ҳамбистарӣ намудам дар ҳоле ки ман рӯза будам. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Оё метавонӣ ғуломеро озод кунӣ? Гуфт: На. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Оё метавонӣ ду моҳ пайдарпай рӯза бигирӣ? Гуфт: На. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Оё метавонӣ шаст мискинро таом бидиҳӣ? Гуфт: На. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) каме истод. Дар ҳамин ҳол будем, ки сабаде аз хурмо назди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) оварда шуд.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Саволкунанда куҷост? Он мард гуфт: Ман. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Инро бигир ва онро садақа бикун. Он мард гуфт: Эй расулуллоҳ! Оё онро бар шахси аз худам камбағалтар садақа бикунам? Ба Аллоҳ қасам, ки дар байни ҳар ду сангистон (санглохи сӯхта)-и Мадина хонаводае камбағалтар аз хонаводаи ман нест. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) хандид, ҳатто дандонҳои ашкаш намоён шуд. Сипас фармуд: Онро ба хонаводаи худ бидеҳ.

Ибни Қудама (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Каффора бар касе, ки дар моҳи Рамазон қасдан аз фарҷ (шармгоҳ, узви таносули зан) ҷимоъ мекунад, мувофиқи дидгоҳи аксарияти донишмандон воҷиб аст, хоҳ аз ӯ нутфа хориҷ шавад, ё хориҷ нашавад".

Поёни сухан аз китоби Ал-Муғнӣ (3/60).

Ин каффорат ба гуфтаи аксарияти фақеҳон мувофиқи тартиб аст. (Яъне бояд тартиб риоя карда шавад). Бинобар ин, ба мискинон хӯрок додан барои касе, ки ба рӯза доштан қодир аст, ҷоиз намебошад.

## Дуввум:

Агар ба рӯза доштан қодир бошед, дар ин ҳолат хӯрок додани мискинон қобили қабул нест. Аз фикру гумони атрофиёни худ тарсидани шумо (барои ду моҳ пайдарпай рӯза нагирифтан) узр ҳисобида намешавад. Шумо метавонед рӯзаи ин кафоратро назр намоед ва сипас ба касе, ки аз шумо мепурсад, бигӯед, ки ду моҳ пайдарпай

рӯза гирифтанро назр кардаед. Бо ин роҳ шумо метавонед худро аз хиҷолат ҷилавгирӣ кунед.

### Саввум:

Шумо дар он синну сол аз воҷиб будани кафорат бехабар будед, бахабарии шумо кафоратро аз зиммаи шумо соқит намесозад. Агар касе чизи ҳаромшударо бидонад, аммо аз оқибатҳои он бехабар бошад, ӯ маъзур ҳисобида намешавад.

Аллоҳ донотар аст.

## Ӯ ба балоғат расид, аммо дар моҳи Рамазон рӯза надошт

### Савол

Ман духтари шонздаҳсола ҳастам. Ҳайз (одати моҳона) дар синни сенздаҳсолагӣ шурӯъ шуд, аммо ман дар он сол Рамазонро бо пуррагӣ рӯза нагирифтам. Ман танҳо ҳафт рӯзи онро рӯза гирифтам ва падару модарам маро ба рӯза гирифтан маҷбур накарданд, зеро онҳо гумон мекарданд, ки ман мукаллаф нестам. Оё рӯзҳое ки онро аз даст додаам (ва дар он рӯзҳо рӯза нагирифтаам) рӯза бигирам, ё чӣ коре бояд анҷом бидиҳам? Лутфан маро роҳнамоӣ кунед, Аллоҳ бароятон подоши некӯ диҳад.

### Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ба ҳар ҳол, шумо модоме ки ба балоғат расидаед, бояд рӯза бигиред. Нишонаҳои балоғат нисбати духтарон инҳоянд:

Ҳайз ё сабзидани мӯй дар зери ноф ё эҳтилом (баромадани нутфа дар хоб) ё ҳамл. Ҳайз яке аз нишонаҳои балоғат аст. Бинобар ин шумо ба балоғат расидаед ва мукаллаф ҳастед. Аз ин рӯ, бояд дар Рамазон рӯза бигиред. Ба ҳар ҳол, бар шумо қазои рӯзаи моҳе ки рӯзаи онро анҷом надодаед, воҷиб мебошад. Ва он аз зиммаи шумо соқит намегардад, магар дар ҳолате ки қазои онро анҷом бидиҳед ва тавба бикунед, зеро шумо ҳангоме ки рӯза нагирифтед, мукаллаф будед. Хонаводаи шумо хато кардаанд, чунки онҳо нисбати шумо нармии бемаврид намудаанд (ва шуморо ба рӯза гирифтан амр накардаанд). Шумо хурдсол ҳисобида намешавед ва бояд аз ин кӯтоҳӣ тавба намоед. Аллоҳ донотар аст.

## <u>Оё қироат кардан аз рӯи роёна дар намози таровеҳ ҷоиз аст?</u>

**Савол**

Оё қироат кардани Қуръони карим аз рӯи роёна (компютер) ҳангоми адо намудани намози таровеҳ ҷоиз аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳукми қироат кардан аз рӯи роёна дар намоз ба монанди қироат кардан аз рӯи мусҳаф дар намоз аст. Ин масъалаи машҳур аст ва дар ин масъала байни донишмандон ихтилоф вуҷуд дорад. Шофеиёну ҳанбалиён онро ҷоиз

донистаанд. Аммо Абуҳанифа бошад, намози касеро, ки аз рӯи мусҳаф қироат мекунад, ботил хондааст.

Дар "Ал-Мавсуъату-л-фиқҳийя" (33/57, 58) омадааст:

"Шофеиёну ҳанбалиён дар намоз аз рӯи мусҳаф қироат намуданро ҷоиз донистаанд. Имом Аҳмад мегӯяд: Ҳеҷ боке надорад, ки ба мардум дар намози қиём имоматӣ карда, ба мусҳаф назар намояд. Ба ӯ гуфтанд: Дар намози фариза чӣ? Гуфт: Оиди ин масъала чизе нашунидаам".

Аз Зуҳрӣ оиди марде, ки дар Рамазон аз рӯи масҳаф қироат мекунад, пурсиданд. Дар ҷавоб гуфт: Беҳтарин шахсони мо аз рӯи мусҳаф қироат мекарданд".

Дар шарҳи "Равзу-т-толиб"-и Шайх Закариё Ансорӣ омадааст: Агар аз рӯи мусҳаф қироат намояд ва гоҳо варақи онро гардонад, намозаш ботил намешавад, зеро он амали андаке буда, пайдарпай намебошад. Анҷом додани кори андаке, ки қасдан, бе ҳоҷат зиёд анҷом доданаш намозро бекор мекунад, макрӯҳ аст.

Абуҳанифа ба ин назар аст, ки намози касе ки аз рӯи мусҳаф қироат мекунад, фосид аст, хоҳ кам бошад ва ё зиёд, хоҳ имом бошад ва ё танҳогузор, хоҳ бесаводе бошад, ки бе мусҳаф қироат карда натавонад.

Ду нуқтаеро оиди иллати ботил шудани намоз назди Абуҳанифа зикр кардаанд:

Аввал: Бардоштани мусҳаф, назар кардан ба он ва варақҳои онро гардонидан амали бисёр аст.

Дуввум: Ин талқин аз мусҳаф аст. Ин монанди он аст, ки касе Қуръонро ба ӯ талқин карда истодааст. Бар асоси дуввум, ҳеҷ фарқе нест, ки мусҳаф бар ягон ҷое гузошта шавад ва ё онро дар даст нигоҳ дорад. Аммо бар асоси аввал он фарқ дорад.

Вале Абуҳанифа шахсеро, ки ҳофизи Қуръон аст ва ҳангоми қироат Қуръонро дар даст нигоҳ намедорад, истисно кардааст ва гуфтааст, ки намозаш бекор намешавад, зеро ин қироат илова бар ҳифзи ӯ аст, на талқин гирифтан аз мусҳаф. Мусҳафро набардошта, танҳо ба он назар кардан намозро фосид намекунад.

Шогирдони ӯ, Абуюсуфу Муҳаммад (дар намоз) аз рӯи мусҳаф қироат карданро макруҳ медонанд, агар нияти ба аҳли китоб монанд шуданро дошта бошад". Поёни сухан бо ихтисор.

Донишмандони кумитаи доимӣ оиди фатводиҳӣ, Шайх Ал-Усаймин ва Шайх Абдуллоҳ Ал-Ҷибрин ба ҷоиз будани ин амал фатво содир кардаанд.

Барои маълумоти бештар ба саволи рақами (1255) ва (69670) нигаред.

Бешубҳа, авлотар ва беҳтар аст, ки имоматии мардумро ҳофизи Қуръон ба дӯш дошта бошад ва аз ҳифзи худ қироат намояд.

Аз Шайх Солеҳ ибни Фавзон Ал-Фавзон (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад) пурсиданд:

Хоҳиш мекунем, ки ба ин савол ҷавоб диҳед: Оё қироати Қуръон аз мусҳаф беҳтар аст ва ё аз ҳифз?

Дар ҷавоб гуфт: "Аммо дар мавриди қироат кардани Қуръон дар ғайри намоз бошад, қироат аз рӯи мусҳаф беҳтар аст, зеро он ба забт ва ҳифз наздиктар аст, магар дар ҳолате ки қироат аз хотира ба ҳифз карданаш ёрӣ диҳад ё эҳсоси фурӯтании бештар дошта бошад, пас дар ин ҳолат, аз ҳифзи худ бихонад.

Аммо дар намоз беҳтар аст, ки аз ҳифз бихонад, зеро агар аз мусҳаф қироат намояд, амали бисёру ботакрор ҳосил мешавад, ба монанди бардоштани мусҳаф, гузоштани он, гардонидани варақ ва назар кардан ба ҳарфҳои он. Ҳамчунин, дар қиём имкон пайдо намекунад, ки дасти ростро болои дасти чап бар сина гузорад. Шояд рукӯъ ва саҷдаро низ ба таври комил адо карда натавонад, агар мусҳафро зери бағал нигаҳ дорад. Аз ин рӯ, мо дар намоз аз ҳифз қироат карданро аз қироат аз рӯи мусҳаф беҳтар медонем". Поёни сухан.

"Ал-Мунтақо мин фатово-л-фавзон" (2/35, саволи рақами 16).

Ба сухани Шайх Ал-Усаймин дар фатвои рақами (3465) нигаред.

Яке аз камбудиҳои қироат аз рӯи мусҳаф ҳамчунин аз роёна ё телефон дар намоз ин аст, ки ҳиммату хоҳиши имомро дар ҳифзи Қуръон нобуд месозад. Агар имом бидонад, ки дар намоз мусҳафро мекушояд ва ё ба роёна ё телефон

назар мекунад, вақти худро барои ҳифзи китоби Аллоҳ таъоло сарф намекунад. Бародарам, ба ҳифзи китоби Аллоҳ кӯшиш намо ва дар намозат аз ҳифз бихон.

Аллоҳ донотар аст.

**Намози таровеҳ дар хона ва крем молидан ба бадан дар ҳангоми рӯза**

**Савол**

Оё барои мусулмон ҷоиз аст, ки намози таровеҳро дар хона бихонад? Агар ҷоиз бошад, пас он чанд ракъат мебошад? Оё дуоҳои махсусе дорад?

Оё крем молидан ба рӯй ва ба дигар узвҳои бадан дар ҳоли рӯза ҷоиз аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Намози таровеҳ бо ҷамоат дар масҷид барои мардон дар шабҳои Рамазон машрӯъ аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Касе, ки ҳамроҳи имом намозро бихонад, то ин ки имом аз намоз фориғ шавад, барояш савоби қиёми як шаб навишта мешавад».** Тирмизӣ (806) ин ҳадисро ривоят кардааст. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" саҳеҳ донистааст.

Бо вуҷуди ин, агар мард онро дар хонааш бихонад, гунаҳкор намешавад ва намозаш дуруст мебошад. Аммо дар ғайри

Рамазон машрӯъ аст, ки мард намози шабро дар хонааш бихонад.

Аммо барои зан беҳтар аст, ки дар хонааш намоз бихонад. Агар бихоҳад, ки дар масҷид намоз бихонад, манъ карда намешавад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Занонатонро аз рафтан ба масҷидҳо манъ накунед ва хонаҳояшон барояшон беҳтар аст».** Абудовуд (567) ин ҳадисро ривоят кардааст. Албонӣ ин ҳадисро сеҳеҳ донистааст.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Канизони Аллоҳро аз рафтан ба масҷидҳои Аллоҳ манъ накунед».** Муттафақун алайҳ: Бухорӣ (900) ва Муслим (442).

Аммо крем молидан ба рӯю бадан ҳеҷ боке надорад. Ба саволи рақами (2299) руҷӯъ карда шавад.

Аллоҳ донотар аст.

## **<u>Зани ҳайзшуда дар шаби қадр кадом амалҳоро анҷом дода метавонад?</u>**

**Савол**

Зани ҳоиза (ҳайзшуда) дар шаби қадр кадом амалҳоро анҷом дода метавонад? Оё метавонад ба ибодат машғул шуда, ҳасаноташро зиёд кунад? Агар ҷавоб "бале" бошад, кадом амалҳоро дар он шаб анҷом дода метавонад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Зани ҳайзшуда тамоми ибодатҳоро ба ҷуз намоз, рӯза, тавоф ба Каъба ва эътикоф дар масҷид анҷом дода метавонад.

Аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ворид шудааст, ки ӯ даҳаи охири Рамазонро шабзиндадорӣ мекард. Бухорӣ (2024) ва Муслим (1174) аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки мефармояд: **"Ҳар гоҳ даҳаи охири Рамазон дарояд, паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) изори худро мебаст (яъне аз ҳамбистарӣ бо ҳамсарон худдорӣ менамуд), шабзиндадорӣ мекард ва хонаводаашонро бедор менамуд".**

Шабзиндадорӣ махсус бо намоз нест, балки тамоми ибодатҳоро дарбар мегирад. Донишмандон онро чунин тафсир кардаанд:

Ҳофиз гуфтааст: "Шабзиндадорӣ мекард". Яъне бо анҷом додани тоъат бедорхобӣ мекард.

Нававӣ гуфтааст: Яъне шабашро бо бедорхобӣ дар намоз ва дигар ибодатҳо гузаронд.

Дар китоби "Ал-Авну-л-маъбуд" омадааст: Яъне бо намоз, зикр ва қироати Қуръон.

Намози шаб беҳтарин ибодатҳоест, ки банда метавонад дар шаби қадр анҷом бидиҳад. Аз ин рӯ, паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Касе, ки шаби қадрро аз рӯи имон ва талаби савоб бо намоз гузаронад,**

**гуноҳони пешинааш бахшида мешавад».** Ривояти Бухорӣ (1901) ва Муслим (760).

Модоме ки барои зани ҳайзшуда намоз хондан ҷоиз нест, аз ин хотир, ӯ метавонад ин шабро бо ибодатҳои дигар ғайри намоз гузаронад, аз ҷумла:

1- Қироати Қуръон. Лутфан ба саволи рақами (2564) руҷӯъ кунед.

2- Зикр. Аз ҷумла тасбеҳ (субҳоналлоҳ), таҳлил (ло илоҳа иллаллоҳ), таҳмид (алҳамду лиллоҳ) ва монанди он. Субҳоналлоҳ, валҳамду лиллоҳ, ва ло илоҳа иллаллоҳ, валлоҳу акбар, ва субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳ, ва субҳоналлоҳи-л-ъазим ва монанди онро зиёд такрор мекунад.

3- Истиғфор. Зиёд "астағфируллоҳ" мегӯяд.

4- Дуо. Бисёр дуо мекунад ва хайри дунёву охиратро аз Аллоҳ таъоло мепурсад, зеро дуо яке аз беҳтарин ибодатҳост. Ҳатто ин ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ин бора гуфтааст: **«Дуо ибодат аст».** Тирмизӣ (2895) ин ҳадисро ривоят кардааст. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" (2370) саҳеҳ донистааст.

Зани ҳайзшуда метавонад шаби қадрро бо ин ибодатҳо ва дигар ибодатҳо гузаронад.

Аз Аллоҳ таъоло мепурсем, ки моро ба он чи ки дӯст медор ад ва аз он розӣ аст, муваффақ намояд ва амалҳои солеҳро аз мо қабул намояд.

**<u>Шабзиндадории шаби қадр ва ҳукми ҷашн гирифтани он</u>**

**Савол**

Шабзиндадории шаби қадр чи гуна мебошад? Оё бо намоз ва ё бо хондани Қуръон ва сирати паёмбар ва панду насиҳат ва ҷашн гирифтани он дар масҷид мебошад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

**Аввал:**

Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар даҳаи охири Рамазон чунон саъю кӯшиш мекард, ки дар дигар вақтҳо барои намоз, қироат ва дуо чунин саъю кӯшиш намекард. Бухорӣ ва Муслим аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки мефармояд: **"Ҳар гоҳ даҳаи охири Рамазон дарояд, паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шабзиндадорӣ мекард ва хонаводаашонро бедор менамуд ва изори худро мебаст (яъне аз ҳамбистарӣ бо ҳамсарон худдорӣ мекард)".**

Дар ривояти Аҳмад ва Муслим омадааст: "Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар даҳаи охири Рамазон чунон саъю талош мекард, ки дар дигар вақтҳо чунин саъю кӯшиш намекард".

**Дуввум:**

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) барои бо имону талаби савоб барпо доштани шаби қадр тарғибу ташвиқ намудааст. Аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят

аст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Касе, ки шаби қадрро аз рӯи имон ва талаби савоб бо намоз гузаронад, гуноҳони пешинааш бахшида мешавад»**. Ривояти ҷамоат ба ҷуз Ибни Моҷа.

Ин ҳадис ба машрӯъ будани шабзиндадории шаби қадр бо намоз далолат мекунад.

**Саввум:**

Аз беҳтарин дуоҳое, ки дар шаби қадр гуфта мешавад, дуоест ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) омӯхт. Тирмизӣ аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят намуда, онро саҳеҳ донистааст, ки Оиша гуфтааст: Гуфтам: Эй расулуллоҳ! Агар бидонам, ки дар шаби қадр қарор дорам, чӣ бигӯям? Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Бигӯ:

اللَّهُمَّ إِنَّكَ عَفُوٌّ تُحِبُّ الْعَفْوَ، فَاعْفُ عَنِّي

**"Аллоҳумма иннака афуввун туҳиббу-л-ъафва фаъфу ъаннӣ".**

*(Эй Аллоҳ, албатта Ту бисёр афвкунандаву бахшояндаӣ, бахширо дӯст медорӣ, пас маро бубахш).*

**Чаҳорум:**

Аммо хос намудани шабе аз Рамазон, ки яқинан он шаби қадр аст, ба далел ниёз дорад, вале шабҳои тоқи даҳаи охири Рамазон эҳтимоли бештар доранд, ки шаби қадр дар он шабҳо қарор дошта бошад ва шаби бисту ҳафтум

эҳтимоли бештар дорад, ки шаби қадр бошад, зеро дар ин бора ҳадисҳое ворид шудаанд, ки ба он чи зикр кардем, далолат мекунанд.

### Панҷум:

Аммо бидъатҳо на дар Рамазон ва на дар дигар моҳҳо ҷоиз нест. Аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки мефармояд: **«Ҳар кас дар дини мо чизеро пайдо кунад, ки аз он нест, пас он радшуда аст».**

Дар ривояти дигар омадааст: **«Ҳар кас амале анҷом бидиҳад, ки амри мо бар он нест, пас он амал радшуда аст».**

Аз ин хотир, он ҷашнҳое, ки дар баъзе шабҳои Рамазон анҷом дода мешавад, ҳеҷ асосеро барои он намедонем. Беҳтарин равиш, равиши Муҳаммад (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аст ва бадтарин амалҳо дар дин, ин навпайдошудаҳо (бидъатҳо) аст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

## Ҳукми қироат намудан аз рӯи мусҳаф дар намоз

**Савол**

Қироат намудан аз рӯи мусҳаф дар намози таровеҳ ва кусуф ҷоиз аст ва ё на?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Қироат намудан аз рӯи мусҳаф дар қиёми Рамазон ҳеҷ боке надорад, зеро ба сабаби ин, ба муқтадиён тамоми Қуръонро мешунавонад. Ҳамчунин далелҳои шаръӣ, аз Қуръону суннат бар машрӯияти қироат намудани Қуръон дар намоз далолат мекунад. Он далелҳо қироат намудани Қуръонро хоҳ аз рӯи мусҳаф бошад ва ё аз ҳифз дарбар мегирад. Аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) собит шудааст, ки ӯ ба ғуломи озодкардаи худ Заквон дастур дод, ки дар қиёми Рамазон ба ӯ имоматӣ кунад ва ӯ аз мусҳаф қироат мекард. Бухорӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) ин ривоятро дар "Саҳиҳ"-и худ ба таври муъаллақу маҷзум зикр кардааст.

## Оё кӯдаконро аз омадан ба масҷид манъ кард?

**Савол**

Оё кӯдаконро аз омадан ба масҷид барои намози таровеҳ бо ҳамроҳии модаронашон манъ кунем, зеро онҳо зиёд вайронкорӣ ва нооромӣ мекунанд?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ман ин саволро аз Шайх Абдулазиз ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсидам.

Чунин посух дод: Гузашта мешаванд, чуноне ки дар ҳадисҳо омадааст: "Он чи барои насли пешин хуб аст, барои насли баъдӣ аст"

Аллоҳ донотар аст.

## Ворид шудани занон ба масҷидҳо бо ҳамроҳии кӯдаконашон дар намози таровеҳ

**Савол**

Ҳукми ворид шудани занон бо ҳамроҳии кӯдакон ба масҷидҳо дар намози таровеҳ чист?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Занон аз ворид шудан ба масҷидҳо бо ҳамроҳии кӯдаконашон дар моҳи Рамазон манъ карда намешаванд. Суннат далолат мекунад, ки дар замони паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) занон бо ҳамроҳии кӯдаконашон ба масҷид меомаданд, зеро дар ҳадисе омадааст: «**Ман ба намоз дохил мешавам ва мехоҳам, ки намозро дароз намоям, аммо гиряи кӯдакро мешунаваму, намозамро кӯтоҳ мекунам, зеро медонам, ки модар аз гиряи кӯдак ноҳоҳат мешавад».**

Дар ҳадиси дигаре омадааст: **«Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) Умомаро дар намози фарз дар ҳоле ки дар масҷид ба мардум имоматӣ мекард, бардошт».**

Вале занон бояд ба ҳифз намудани масҷид аз ҳар гуна наҷосат кӯшиш кунанд ва ҳангоми хоб ва бедории кӯдакон аз наҷосати онҳо парҳез кунанд". Поёни сухан.

"Фатово"-и Шайх Муҳаммад ибни Иброҳим (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) (4/214, 215).

## Оё байни намози таровеҳ ва намози шаб (қиём) фарқе вуҷуд дорад?

**Савол**

Ман мехостам фарқи намози шаб (қиём) ва намози таровеҳро бидонам.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Намози таровеҳ аз ҷумлаи намози шаб (қиёму-л-лайл) ба ҳисоб меравад. Ҳамонтавре ки бисёре аз мардум фикр мекунанд, намози таровеҳ ва намози шаб (қиёму-л-лайл) ду намози гуногун нестанд. Намози шаб (қиёму-л-лайл) дар моҳи Рамазон таровеҳ номида мешавад, чунки гузаштагон (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) ҳар гоҳ ин намозро мехонданд, пас аз ҳар ду ракъат ё чаҳор ракъат истироҳат мекарданд, чунки барои дароз намудани намози шаб (қиёму-л-лайл) саъю кӯшиш мекарданд, то мавсими аҷри бузургро ғанимат бигиранд ва подошеро, ки дар ҳадиси зерин омадааст, ба даст оваранд: **«Касе, ки Рамазонро аз рӯи имон ва талаби савоб шабзиндадорӣ кунад, гуноҳони пешинаи ӯ бахшида мешавад».** Ривояти Бухорӣ (рақами ҳадис: 36).

Аллоҳ таъоло донотар аст.

## Намози таровеҳро пеш аз намози хуфтан хондааст!

**Савол**

Ба масҷид дертар дохил шудам ва 6 ракъати намози таровеҳ аз ман фавт шуд. Баъди таровеҳ намози хуфтанро хондам. Пас оё бар ман зарур аст, ки шаш ракъати таровеҳро ки аз ман фавт шуд, адо намоям?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Гузоштани намози таровеҳ пеш аз намози хуфтан кори дуруст нест. Шумо метавонистед бо нияти хуфтан ба ҷамоъат ҳамроҳ шавед ва агар имом баъди ду ракъат салом бидиҳад, бархоста ду ракъати боқимондаашро адо мекардед. Намози шаб (қиём) пеш аз хуфтан хонда намешавад, балки баъди хуфтан, пас аз суннати ротибаи хуфтан хонда мешавад. Он намозе, ки пеш аз хуфтан гузоштед, намози нофила ҳисобида мешавад, на намози шаб (қиём).

Шайх Абдулазиз ибни Боз пурсида шуд: Агар мусулмон ба масҷид ояд ва ҷамоъат намози таровеҳро хонда истода бошанду ва ӯ то ҳол намози хуфтанро нахонда бошад, оё метавонад бо нияти хуфтан, бо ҳамроҳи онҳо намоз бихонад?

Дар ҷавоб гуфт:

Мувофиқи саҳеҳтарин дидгоҳи донишмандон, ҳеҷ боке надорад, ки бо нияти хуфтан, бо ҳамроҳи онҳо намоз

бихонад. Пас ҳар гоҳ имом салом бидиҳад, аз ҷои худ бархоста, ду ракъати боқимондаашро комил менамояд.

Зеро дар "Саҳиҳайн" (Саҳиҳ-и Бухорӣ ва Муслим) аз Муоз ибни Ҷабал (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) собит шудааст, ки ӯ бо ҳамроҳии паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) намози хуфтанро мехонд, сипас ба назди қавми худ бармегашту, ҳамон намозро ба онон мехонд (ба онон имоматӣ мекард). Ин кори Муозро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) инкор накард. Аз ин хотир, иқтидои фарзхонанда ба нафлгузор ҷоиз аст. (Яъне хуфтане, ки Муоз ба қавмаш имоматӣ мекард, барои ӯ нафл буд, зеро ӯ бо ҳамроҳи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) хуфтанро адо намуда буд. Аммо барои қавмаш фарз буд, зеро онон пеш аз ин хуфтанро нахонда буданд). Инчунин, дар ҳадисҳои саҳеҳ омадааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар баъзе анвои намози хавф ба гурӯҳе ду ракъат намоз гузошта, салом медод ва сипас ба гурӯҳи дигаре боз ду ракъат мехонду салом медод, ки ду ракъати аввалӣ барои ӯ намози фариза буд, аммо ду ракъати баъдӣ барои ӯ нофила буд, аммо барои онон фариза буд. Аллоҳ соҳиби тавфиқ аст.

"Маҷмӯи фатово"-и Шайх Ибни Боз (12/181).

Инчунин Шайх Ибни Боз гуфтааст: Суннат ин аст, ки намози таҳаҷҷуд дар Рамазон ва ғайри Рамазон баъд аз суннати ротибаи хуфтан гузошта шавад, чуноне, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) онро анҷом медод. Намози

таҳаҷҷуд дар масҷид гузошта шавад, ё дар хона, ҳеҷ фарқе байни он вуҷуд надорад.

"Маҷмӯи фатово"-и Шайх Ибни Боз (11/368).

Аммо дар мавриди ракъатҳои намози таровеҳ, ки аз шумо фавт гардид, шумо ихтиёр доред, агар бихоҳед, онҳоро адо менамоед ва агар бихоҳед, онҳоро тарк мекунед. Намози таровеҳ нофила ба ҳисоб меравад, қазои он воҷиб нест, чуноне ки қазои намози панҷагона воҷиб аст.

Аллоҳ донотар аст.

**<u>Чи гуна шаби қадрро зиндадорӣ кунем ва кадом шаб, шаби қадр мебошад?</u>**

**Савол**

Чи гуна шаби қадрро бояд шабзиндадорӣ кард? Бо намозхонӣ ё бо қироати Қуръон, хондани зиндагиномаи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод), панду насиҳат ва ҷашнгирии шаби қадр дар масҷид?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аввал: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар даҳаи охири Рамазон чунон ба намозу дуову қироати Қуръон машғул мешуд ва дар ибодат саъю талош мекард, ки дар шабҳои дигар чунин талош бар ин дараҷа дида намешуд. Бухорӣ ва Муслим аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар

ӯ бод) чун даҳаи охири Рамазон дарояд, шабзиндадорӣ мекард, аҳли хонаводаашонро низ бедор менамуд ва изорашро мебаст. (Яъне аз ҳамбистарӣ бо ҳамсарон худдорӣ мекард).

Дар ривояти Аҳмад ва Муслим омадааст: **"Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар даҳаи охири Рамазон чунон саъю талош мекард, ки дар ғайри он чунин саъю талош бар ин дараҷа дида намешуд".**

Дуввум:

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) барои бо имону талаби савоб барпо доштани шаби қадр тарғибу ташвиқ намудааст. Аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст**:"Касе, ки шаби қадрро аз рӯи имон ва талаби савоб шабзиндадорӣ кунад, гуноҳони пешинаи ӯ бахшида мешавад".** Муттафақун алайҳ (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Ин ҳадис ба машрӯъ будани шабзиндадории шаби қадр бо намоз далолат мекунад.

Саввум:

Аз афзалтарин дуоҳое, ки дар шаби қадр гуфта мешавад, дуоест ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) омӯхтааст. Тирмизӣ аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят намуда, онро саҳеҳ донистааст, ки Оиша гуфтааст: Гуфтам: Эй расулуллоҳ! Агар бидонам, ки дар шаби қадр қарор дорам, чӣ бигӯям? Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Бигӯ:

اللَّهُمَّ إِنَّكَ عَفُوٌّ تُحِبُّ الْعَفْوَ، فَاعْفُ عَنِّي

**"Аллоҳумма иннака афуввун туҳиббу-л-ъафва фаъфу ъаннӣ".**

**(Эй Аллоҳ, албатта Ту бисёр афвкунандаву бахшояндаӣ, бахшишро дӯст медорӣ, пас маро бубахш).**

Чаҳорум:

Аммо хос намудани шабе аз Рамазон, ки яқинан он шаби қадр аст, ба далел ниёз дорад. Вале шабҳои тоқи даҳаи охири Рамазон эҳтимоли бештар доранд, ки шаби қадр дар он шабҳо қарор дошта бошад ва шаби бисту ҳафтум эҳтимоли бештар дорад, ки шаби қадр бошад. Зеро дар ин бора ҳадисҳое ворид шудааст, ки ба он чи зикр кардем, далолат мекунад.

Панҷум:

Аммо бидъатҳо на дар Рамазон ва на дар дигар моҳҳо ҷоиз нест. Аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки фармудааст: **"Ҳар кас дар дини мо чизеро ки дар он нест, пайдо кунад, пас он радшуда аст".**

Дар ривояти дигар омадааст: **"Ҳар кас амале анҷом бидиҳад, ки амри мо бар он нест, пас он амал радшуда аст".**

Аз ин хотир, он корҳое, ки баъзе шахсон дар баъзе шабҳои Рамазон анҷом медиҳанд, ба монанди ҷашнгириҳои мухталиф, ҳеҷ асосе надорад. Беҳтарин равиш, равиши

Муҳаммад (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аст ва бадтарин амалҳо дар дин, ин навпайдошудаҳо (бидъатҳо) аст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

## Ҳукми намози таровеҳ барои занон

**Савол**

Оё намози таровеҳ барои занон низ машрӯъ аст? Оё барои онҳо адо намудани намози таровеҳ дар манзил хуб аст ва ё ин ки барои ин намоз ба масҷид рафтан хуб аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Намози таровеҳ суннати муаккада аст. Қиёму-л-лайл (намози шаб) барои занон дар хонаҳояшон афзал аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «**Занонатонро аз рафтан ба масҷидҳо манъ накунед ва хонаҳояшон барояшон беҳтар аст».** Абудовуд ин ҳадисро дар "Сунан"-и худ дар боби "Бароमадани занон ба масҷид" ва боби "Ташдид дар ин бора" ривоят кардааст. Ин ҳадис дар “Саҳиҳу-л-ҷомиъ” (7458) низ зикр шудааст.

Балки чи қадаре, ки намози зан дар макони махфитар ва хостаре адо гардад, беҳтар аст. Чуноне ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Намози зан дар ҳуҷрааш нисбат аз намози ӯ дар утоқи даромадгоҳ беҳтар аст ва намози ӯ дар ҳуҷраи хурди махсус, ки дар дохили ҳуҷра қарор дорад, нисбат аз намози ӯ дар ҳуҷра беҳтар**

**аст».** Абудовуд ин ҳадисро дар “Сунан”-и худ, дар китоби “Намоз”, боби “Баромадани занон ба масҷид” ривоят кардааст. Ин ҳадис дар “Саҳиҳу-л-ҷомиъ” (3833) низ зикр шудааст.

Аз Умми Ҳумайд зани Абуҳумайди Соидӣ ривоят аст, ки ӯ ба назди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омада гуфтааст: Эй расулуллоҳ! Ман дӯст медорам, ки намозро бо ҳамроҳи шумо бихонам. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **«Ман донистаам, ки ту намозхониро бо ҳамроҳи ман дӯст медорӣ. Аммо намози ту дар ҳуҷраат нисбат аз намози ту дар утоқи даромадгоҳ беҳтар аст ва намози ту дар утоқи даромадгоҳ нисбат аз намоз дар ҳавлият беҳтар аст ва намози ту дар ҳавлият нисбат аз намози ту дар масҷиди қавмат беҳтар аст ва намози ту дар масҷиди қавмат нисбат аз намози ту дар масҷиди ман беҳтар аст».** Пас ин зан амр намуд ва барояш дар ториктарин ва дуртарин гӯшаи хонааш масҷиде (намозгоҳе) бино карда шуд. Ва дар он ҷо то реҳлат аз дунё ва пайвастан ба Аллоҳ таъоло намоз мехонд. Ривояти Имом Аҳмад. Ровиёни санади ин ҳадис мӯътамад мебошанд.

Аммо ин афзалият монеи рухсати рафтани занон ба масҷидҳо намебошад. Чуноне ки дар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Умар омадааст, ки мегӯяд: Аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шунидаам, ки мегуфт: «**Занонатонро аз рафтан ба масҷидҳо, ҳар гоҳ иҷозат биталабанд, манъ накунед».** Дар ин ҳангом Билол ибни Абдуллоҳ гуфт: Қасам ба Аллоҳ, ки занонро аз рафтан ба масҷидҳо манъ мекунем. Абдуллоҳ ба ӯ рӯй оварда, ӯро чунон сахт дашном дод, ки

ҳеҷ гоҳ чунин дашномро аз ӯ нашунида будам ва гуфт: Ман аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) сухан мегӯям ва ту мегӯӣ, ки қасам ба Аллоҳ, занонро аз рафтан ба масҷидҳо манъ мекунем.   Ривояти Муслим (667).

Вале барои рафтани зан ба масҷид шартҳои зерин зарур аст:

Бо ҳиҷоби комил бошад.

Худро хушбӯй карда набарояд.

Бо иҷозати шавҳар барояд.

Инчунин ҳангоми рафтан ба масҷид ягон амали ҳароме, ба монанди хилвату танҳоӣ бо ронандаи номаҳраме дар дохили худрав (мошин) ё амсоли он рух надиҳад.

Агар зан яке аз шартҳои мазкурро хилоф кунад, шавҳар ё валии зан метавонад ӯро аз рафтан ба масҷид манъ кунанд, балки манъ кардан дар ин ҳолат бар ӯ воҷиб аст.

Аз шайхамон Шайх Абдулазиз оиди намози таровеҳ пурсидам, ки оё барои зан хондани намози таровеҳ дар масҷид фазилати хоссе дорад? Шайх посухи манфӣ дода, гуфт, ки ҳадисҳо дар афзалияти намози зан дар хона ом аст, ҳам намози таровеҳ ва ҳам дигар намозҳоро дарбар мегирад. Аллоҳ таъоло донотар аст.

Аз Аллоҳ таъоло бароямон ва барои дигар бародарони мусулмонамон ихлосу пазиришро пурсонем ва аз Ӯ хоҳонем, ки амаламонро чунон гардонад, ки дар он

муҳаббату розигии Ӯ бошад. Дуруду паёми Аллоҳ ба паёмбарамон Муҳаммад бод.

## Фазилати рӯзаи шаш рӯзи Шаввол

**Савол**

Ҳукми рӯзаи шаш рӯзи Шаввол чист? Оё он воҷиб аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рӯзаи шаш рӯзи Шаввол баъди адо намудани фаризаи Рамазон суннати мустаҳабшуда буда, воҷиб намебошад. Барои мусулмон рӯза доштани шаш рӯзи Шаввол машрӯъ аст ва он фазлу савоби бузург дорад. Шахсе, ки онро рӯза гирад, ба ӯ савоби рӯзаи яксола навишта мешавад. Ҳамчуноне, ки ҳадиси саҳеҳ аз Муҳаммади мустафо (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омадааст, ки он аз Абуайюб (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст**: "Касе, ки Рамазонро рӯза гирад ва онро бо шаш рӯз аз Шаввол идома диҳад, (яъне шаш рӯзи дигар дар моҳи Шаввол рӯза гирад) монанди рӯзаи даҳр аст (гуё, ки як сол рӯза гирифтааст)".** Ривояти Муслим, Абудовуд, Тирмизӣ, Насоӣ ва Ибни Моҷа.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) онро тафсир намуда, фармуд:**"Касе, ки шаш рӯз баъд аз иди Фитр рӯза гирад, пас ин ба андозаи як соли комил аст".** Чуноне ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

مَن جَاءَ بِالْحَسَنَةِ فَلَهُ عَشْرُ أَمْثَالِهَا

**"Ҳар ки кори неке биоварад, даҳ баробар некӣ барояш навишта мешавад".**

Дар ривояти дигаре омадааст: **"Аллоҳ таъоло некиро даҳ баробар мукофот медиҳад, пас як моҳ баробари даҳ моҳ аст ва рӯзаи шаш рӯз баробаи як соли комил аст".** Ривояти Насоӣ ва Ибни Моҷа. Ин ҳадис дар китоби "Саҳиҳу-т-тарғиби ва-т-тарҳиб" дар (ҷ 1, саҳ 421) зикр шудааст. Ибни Хузайма ин ҳадисро бо лафзи зерин ривоят кардааст: "Рӯзаи моҳи Рамазон баробари даҳ моҳ аст ва рӯзаи шаш рӯзи Шаввол баробари ду моҳ аст. Пас он рӯзаи як соли комил аст".

Дар ҳақиқат фақеҳони мазҳаби ҳанбаливу шофеӣ баён намудаанд, ки рӯзаи шаш рӯзи Шаввол баъди Рамазон, ба рӯзаи фаризаи яксола баробар аст. Дар ҳоле ки дучанд шудани аҷр умуман (дар ҳама ибодатҳо), ҳатто дар рӯзаи нофила собит шудааст, зеро як некӣ даҳ баробар подош дорад.

Аз фоидаҳои муҳими рӯзаи шаш рӯзи Шаввол, ин пурра кардани камбудиҳои рӯзаи Рамазон аст, зеро рӯзадор аз камбудӣ ё гуноҳе, ки ба рӯзааш таъсири манфӣ дорад, пок нест. Рӯзи қиёмат барои ҷуброни (пур кардани ҷои) камбудии фаризаҳо ибодатҳои нофила ба кор меояд ва бо он камбудиҳо пӯшонида мешавад. Ҳамчуноне ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Аввалин амале, ки дар рӯзи қиёмат мардум мавриди ҳисобу китоб қарор мегиранд, ин намоз аст. Парвардигорамон азза ва**

**ҷалла ба фариштагон агарчи худ аз аҳволи бандагон донотар аст, мегӯяд: Ба намози бандаам нигаред, ки оё мукаммал кардааст, ё бо камбудӣ намозашро адо намудааст. Агар намозаш комил бошад, комил нависта мешавад ва агар ноқис бошад, Аллоҳ мегӯяд ки бубинед оё бандаам (намозҳои) нофила дорад? Пас агар ӯ (намозҳои) нофила дошта бошад, Аллоҳ таъоло мегӯяд: Фаризаҳои бандаамро аз ибодатҳои нофилааш комил созед. Пас тамоми амалҳо ҳамин гуна гирифта мешаванд".** Ривояти Абудовуд.

Аллоҳ донотар аст.

## Оё пайдарпай рӯза гирифтани шаш рӯзи Шаввол шарт аст?

**Савол**

Дар мавриди рӯзаи шаш рӯзи Шаввол баъди Рамазон, оё шарт аст, ки пайдарпай бошад, ё метавонам онро дар алоҳидагӣ анҷом бидиҳам? Чунки ман мехоҳам, ки ин рӯзаро се дафъа, ду рӯзӣ дар рӯзҳои истироҳат, дар охири ҳар ҳафта бигирам.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Пайдарпай рӯза гирифтани он шарт нест. Агар ин рӯзаро дар алоҳидагӣ ё пайдарпай анҷом бидиҳад, ҳеҷ ишколе надорад ва ҳар чӣ зудтар онро адо намояд, беҳтар аст, зеро Аллоҳ таъоло фармудааст:

فَاسْتَبِقُواْ الْخَيْرَاتِ البقرة: 148

**"Пас барои ба ҷо овардани хубиҳо бишитобед".**

(Сураи Бақара: 148).

Инчунин Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَسَارِعُواْ إِلَى مَغْفِرَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ آل عمران: 133

**"Ва ба сӯи омурзиши Парвардигоратон бишитобед".**

(Сураи Оли Имрон: 133).

Мӯсо (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:

وَعَجِلْتُ إِلَيْكَ رَبِّ لِتَرْضَى طه: 84

**"Эй Парвардигорам! Ман ба сӯят шитофтам, то хушнуд шавӣ".** (Сураи Тоҳо: 84).

Зеро дар таъхир офатҳоест. Ин дидгоҳи шофеиён ва бархе аз донишмандони ҳанбалӣ мебошад. Лекин зуд анҷом надодани он ҳеҷ ишколе надорад, гарчанде ки онро дар мобайн ё охири моҳ анҷом бидиҳад, ҳеҷ боке надорад.

Нававӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: Асҳоби мо гуфтаанд: Рӯзаи шаш рӯзи Шаввол бо ин ҳадис мустаҳаб аст. Гуфтаанд: Мустаҳаб аст, ки онро пайдарпай дар аввали Шаввол анҷом бидиҳад, агар онро дар алоҳидагӣ адо намояд, ё онро аз аввали Шаввол ба таъхир бияндозад, ҷоиз аст. Ба сабаби ом будани лафзи ҳадис, асли ин суннатро анҷом додааст. Дар ин маврид назди мо ихтилофе вуҷуд надорад. Аҳмад ва Довуд низ ҳаминтавр гуфтаанд. Китоби "Ал-Маҷмуъ шарҳу-л-муҳаззаб".

## Якҷо кардани нияти рӯзаи айёму-л-бийз ва рӯзаи шаш рӯзи Шаввол

**Савол**

Агар касе айёму-л-бийз (сездаҳум, чаҳордаҳум ва понздаҳуми моҳ)-ро бо ҳамроҳи рӯзаи шаш рӯзи Шаввол бо як ният анҷом бидиҳад, фазилати ҳардуро ба даст хоҳад овард?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аз шайхамон, Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) ин масъаларо пурсидам. Дар ҷавоб гуфт, ки умед аст, ки ӯ ин савобро ба даст оварад, зеро метавонем бигӯем, ки ӯ шаш рӯзи Шавволро рӯза гирифтааст ва инчунин метавонем бигӯем, ки ӯ айёму-л-бийз (сездаҳум, чаҳордаҳум ва понздаҳуми моҳ)-ро рӯза гирифтааст ва фазли Аллоҳ васеъ аст.

Шайх Муҳаммад ибни Солеҳ Ал-Усаймин оиди ҳамин масъала ба ман чунин посух дод:

Бале, агар шаш рӯзи Шавволро рӯза бигирад, рӯзаи айёму-л-бийз (сездаҳум, чаҳордаҳум ва понздаҳуми моҳ) аз ӯ соқит мешавад, хоҳ онро дар айёму-л-бийз (сездаҳум, чаҳордаҳум ва понздаҳум) рӯза бигирад, ё пеш ё пас аз он, зеро метавонем бигӯем, ки ӯ се рӯз аз моҳ рӯза гирифтааст. Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) фармудааст: "Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳар моҳ се рӯз рӯза мегирифт ва барояш муҳим набуд, ки ин се рӯз дар аввал ё

мобайн ё охири моҳ бошад". Ин монанди соқит шудани намози таҳияи масҷид бо намози суннати ротиба аст. Бинобар ин агар касе ба масҷид дохил шуда, суннати ротиба бихонад, намози таҳияи масҷид аз ӯ соқит мешавад. Аллоҳ донотар аст.

## Кай мусулмон рӯзаи шаш рӯзи Шавволро оғоз мекунад?

**Савол**

Аз кай метавонам рӯзаи шаш рӯзи Шавволро оғоз кунам? Зеро ҳоло дар мо таътили солона аст.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рӯзаи шаш рӯзи Шавволро аз рӯзи дуввуми Шаввол оғоз кардан мумкин аст, зеро дар рӯзи ид рӯза гирифтан ҳаром аст. Ин шаш рӯзро дар кадом рӯзҳои Шаввол бихоҳӣ, рӯза гирифта метавонӣ. Беҳтарин некӣ зудтарини он аст.

Аз кумитаи доимии фатво саволи зеринро пурсидаанд:

Оё лозим аст, ки рӯзаи шаш рӯзи Шавволро баъди Рамазон, пас аз ид фавран оғоз кард, ё баъди як чанд рӯзи ид ин рӯзаро дар моҳи Шаввол пайдарпай гирифтан ҷоиз аст, ё не?

Чунин ҷавоб додаанд: Зарур нест, ки онро фавран баъд аз иди Фитр рӯза бигирад. Балки ҷоиз аст, ки баъди як ё чанд рӯзи ид ин рӯзаро оғоз кунад. Ҷоиз аст, ки онро пайдарпай

ё дар алоҳидагӣ дар моҳи Шаввол ба қадри тавоноии худ анҷом бидиҳад. Масъала дар ин маврид васеъ аст ва ин рӯза фарз нест, балки суннат аст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод.

## Оё рӯзаи шаш рӯзи Шаввол ҳар сол зарур аст?

**Савол**

Шахсе шаш рӯзи Шаввolro рӯза мегирад, аммо дар яке аз солҳо бемор мешавад, ё чизе монеъи рӯза гирифтан мегардад, ё танбалӣ менамояд ва онро анҷом намедиҳад, оё гунаҳкор мешавад? Зеро мо шунидаем, агар касе ки ин рӯзаро як сол анҷом дод, воҷиб аст, ки онро тарк накунад.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рӯзаи шаш рӯзи Шаввол пас аз иди Фитр суннат аст. Касе, ки ин рӯзаро як маротиба ё бештар анҷом дода бошад, бар ӯ воҷиб нест, ки онро доимо рӯза бигирад ва касе ки он рӯзаро тарк кунад, гунаҳкор намешавад.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод.

## Оё метавонад рӯзаи шаш рӯзи Шавволро дар рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе анҷом бидиҳад?

**Савол**

Оё дуруст аст, ки рӯзаи шаш рӯзи Шавволро дар рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе анҷом бидиҳам, то савоби рӯзаи душанбе ва панҷшанберо ҳам ба даст биёварам?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бале, ҳеҷ ашколе надорад. Бароят савоби рӯзаи шаш рӯзи Шаввол ва савоби рӯзаи душанбе ва панҷшанбе навишта хоҳад шуд.

Шайх Муҳаммад ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: Агар рӯзаи ин рӯзҳои шашгона дар рӯзи душанбе ва панҷшанбе воқеъ шавад, бо нияти рӯзаи шашгона ва нияти рӯзаи душанбе ва панҷшанбе савоби ҳардуро ба даст меоварад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Ҳаройина амалҳо ба ниятҳо вобастагӣ доранд ва ҳар шахс мутобиқи нияташ савоб ба даст меоварад".

Шайх Муҳаммад ибни Усаймин (раҳ). "Фатово исломийя" (2/154).

# Мустаҳаб будани рӯзаи ҳашт рӯзи Зулҳиҷҷа барои ҳоҷӣ ва ғайри ҳоҷӣ

**Савол**

Ҳукми рӯза гирифтани ҳашт рӯзи аввали Зулҳиҷҷа барои ҳоҷӣ чист? Тавре ки ман медонам, рӯзаи рӯзи Арафа макруҳ аст.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рӯзаи ҳашт рӯзи аввали Зулҳиҷҷа барои ҳоҷӣ ва ғайри ҳоҷӣ мустаҳаб аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Ҳеҷ рӯзҳое нест, ки амалҳои солеҳ дар он рӯзҳо назди Аллоҳ маҳбубтар аз ин рӯзҳои даҳгона бошад. Гуфтанд: Эй расулуллоҳ! Ҳатто ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ? Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Ҳатто ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ, магар марде, ки бо ҷону молаш хориҷ шавад ва ҳеҷ якеро пас наёварад".** Бухорӣ (969) ва Тирмизӣ (757) ин ҳадисро аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят намудаанд ва ин лафзи Тирмизӣ аст.

Дар "Мавсуъату-л-фиқҳийя" (28/91) омадааст:

"Донишмандон бар мустаҳаб будани рӯзаи ҳашт рӯзи аввали Зулҳиҷҷа, пеш аз рӯзи Арафа иттифоқ кардаанд. Моликиён ва шофеиён баён намудаанд, ки рӯзаи ин рӯзҳо барои ҳоҷӣ низ мустаҳаб аст". Поёни сухан.

Дар китоби "Ниҳояту-л-мӯҳтоҷ" (3/207) омадааст: "Рӯзаи ҳашт рӯз пеш аз Арафа суннат аст, чуноне ки дар китоби "Арравза" баён шудааст, ҳоҷӣ ва ғайри ҳоҷӣ дар он баробаранд. Аммо барои ҳоҷӣ рӯзаи рӯзи Арафа суннат нест, балки аз рӯи пайравӣ ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) рӯза нагирифтани он барояш мустаҳаб аст, гарчанде ки пурқувват бошад ҳам, то ин ки барои дуо қувват дошта бошад". Поёни сухан бо каме тағйирот.

Аллоҳ донотар аст.

## Фазилати рӯзаи Ошуро

**Савол**

Ман шунидаам, ки рӯзаи рӯзи Ошуро гуноҳони соли гузаштаро каффора мекунад. Оё ин дуруст аст? Ва оё ҳамаи гуноҳон, ҳатто гуноҳони кабираро каффора мекунад? Сабаби бузургдошти ин рӯз чист?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аввал: Рӯзаи рӯзи Ошуро гуноҳони соли гузаштаро каффора мекунад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Аз Аллоҳ умед дорам, ки рӯзаи рӯзи Арафа гуноҳони соли гузашта ва соли баъдинаро каффора мекунад, ва аз Аллоҳ умед дорам, ки рӯзаи рӯзи Ошуро гуноҳони соли гузаштаро каффора мекунад". Ривояти Муслим (1162).

Ин фазли Аллоҳ таъоло бар мост, ки дар муқобили рӯзаи як рӯз гуноҳони як соли комил каффора мешавад. Аллоҳ таъоло соҳиби фазли бузург аст.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба сабаби манзалати ин рӯз, ба рӯзаи Ошуро аҳамият медод.

Аз Ибни Аббос ривоят шудааст, ки гуфт: "Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро надидаам, ки ба рӯзае он қадар аҳамият диҳад ва онро бар дигар рӯзҳо бартар донад, магар рӯзаи рӯзи Ошуро ва ин моҳ, яъне моҳи Рамазон". Ривояти Бухорӣ (1876).

Маънои "аҳамият медод" яъне ба рӯзаи он рӯз азм менамуд, то савоби онро ба даст биёварад ва ба он тарғибу ташвиқ менамуд.

**Дуввум:** Аммо сабаби рӯза гирифтани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар рӯзи Ошуро ва тарғибу ташвиқи мардум ба рӯза гирифтани он рӯз, он ҳадисест, ки Бухорӣ (1865) аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардааст, ки гуфт: “Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба Мадина омад ва дид, ки яҳудиён дар рӯзи Ошуро рӯза мегиранд, пас фармуд: Ин чист? Гуфтанд: Ин рӯзи нек аст. Дар ин рӯз Аллоҳ Банӣ Исроилро аз душманашон наҷот дод, пас Мӯсо онро рӯза гирифт. Паёмбар фармуд: **Ман аз шумо ба Мӯсо сазовортар мебошам. Пас онро рӯза гирифт ва ба рӯза гирифтани он рӯз амр кард”.**

Дар ин ривоят омадааст: **"Ин рӯзи нек аст".**

Дар ривояти Муслим чунин омадааст: **"Ин рӯзи бузурге аст, ки Аллоҳ таъоло дар он рӯз Мӯсо ва қавмашро наҷот дод ва фиръавн ва қавмшро ғарқ намуд".**

Дар ҳадис омадааст: **"Пас Мӯсо онро рӯза гирифт".**

Дар ривояти Муслим ҷумлаи зерин илова карда шудааст: **"Барои шукри Аллоҳ таъоло, пас мо низ дар он рӯз рӯза мегирем".**

Дар ривояти Бухорӣ чунин омадааст: **"Мо онро барои бузургдошти он рӯз рӯза мегирем".**

Дар ҳадис омадааст: **"Ва ба рӯза гирифтани он рӯз амр кард".**

Дар ривояти Бухорӣ омадааст: "Пас ба саҳобагонаш фармуд: Шумо аз онон ба Мӯсо сазовортаред, пас дар он рӯз рӯза бигиред".

**Саввум:** Мақсад аз бахшида шудани гуноҳон ба сабаби рӯзаи рӯзи Ошуро, гуноҳони сағира мебошад. Аммо гуноҳони кабира ба тавбаи хос ниёз дорад.

Нававӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: Рӯзаи рӯзи Арафа ҳамаи гуноҳони сағираро каффора менамояд. Маънояш ин аст, ки ҳамаи гуноҳонро, ба ҷуз гуноҳони кабира мағфират менамояд.

Сипас Нававӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: Рӯзаи рӯзи Арафа сабаби каффораи (гуноҳони) ду сола аст ва рӯзаи рӯзи Ошуро сабаби каффораи (гуноҳони) як сола аст. Ва агар омин гуфтанаш бо омин гуфтани фариштагон мувофақат

кунад, гуноҳони гузаштааш бахшида мешавад. Ҳама ҳолатҳои зикршуда барои мағфирати гуноҳон мувофиқанд, пас агар гуноҳони сағира вуҷуд дошта бошад, онро каффора (мағфират) мекунад ва агар гуноҳони кабира ва сағира набошад, барояш ҳасанот (некиҳо) навишта мешавад ва дараҷааш баланд мешавад. Агар гуноҳони кабира ё кабираҳо вуҷуд дошта бошанду, гуноҳони сағира набошад, умедворем, ки гуноҳони кабирааш сабуктар гарданд. Ал-Маҷмуъ шарҳу-л-муҳаззаб, ҷилди 6.

Шайху-л-ислом Ибни Таймийя (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: Каффораи гуноҳон ба сабаби таҳорат, намоз, рӯзаи Рамазон ва Арафа ва Ошуро танҳо барои гуноҳони сағира аст. Ал-Фатово-л-кубро, ҷилди 5.

## Ҳукми танҳо дар рӯзи Ошуро рӯза гирифтан

**Савол**

Оё ҷоиз аст, ки танҳо дар рӯзи Ошуро рӯза бигирам, бидуни ин ки як рӯз пеш аз он (рӯзи Тосуъо, рӯзи нӯҳуми моҳи Муҳаррам) ё як рӯз баъд аз он рӯза бигирам?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шайху-л-ислом гуфтааст: Рӯзаи рӯзи Ошуро каффораи (гуноҳони) як сола мебошад ва танҳо дар он рӯз рӯза гирифтан макруҳ намебошад .. Ал-Фатово-л-кубро, ҷилди: 5

Дар китоби "Туҳфату-л-муҳтоҷ"-и Ибни Ҳаҷари Ҳайтамӣ омадааст: Оиди рӯзаи рӯзи Ошуро бошад, танҳо дар он рӯз рӯза гирифтан ҳеҷ боке надорад. Ҷилди 3, боби рӯзаи нофила.

Ба Кумитаи доимӣ ин савол матраҳ карда шуд, дар ҷавоб гуфтанд: "Рӯзаи рӯзи Ошуро бо танҳоӣ ҷоиз аст, аммо як рӯз пеш аз он ва ё як рӯз баъд аз он рӯза доштан беҳтар аст. Ин суннати собитшуда аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мебошад, ки фармудааст: **"Агар то соли оянда боқӣ бимонам, дар рӯзи нӯҳум руза мегирам".** Ривояти Муслим (1134). Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) гуфтааст: "Яъне бо ҳамроҳии рӯзи даҳум".

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст. Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ (11/401).

## Мустаҳаб будани рӯзаи рӯзи Тосуъо (рӯзи нӯҳуми моҳи Муҳаррам) бо ҳамроҳи Ошуро (рӯзи даҳуми моҳи Муҳаррам)

### Савол

Ман мехоҳам, ки Ошурои имсоларо рӯза бигирам ва баъзе аз мардумон ба ман хабар доданд, ки бо ҳамроҳии Ошуро як рӯз пеш аз он (Тосуъо)-ро низ рӯза гирифтан суннат аст. Оё паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ин чиз роҳнамоӣ кардааст?

### Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Абдуллоҳ ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардааст, ҳангоме, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар рӯзи Ошуро рӯза гирифт ва ба рӯза гирифтани он амр намуд, саҳобагон гуфтанд: Эй расулуллоҳ, ин рӯзест, ки яҳудиён ва насрониён онро бузург медонанд. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Агар соли оянда биёяд, агар Аллоҳ бихоҳад, дар рӯзи нӯҳум низ рӯза мегирем. Ибни Аббос гуфт: Соли оянда наомад, магар ин ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) вафот кард. Ривояти Муслим (1916).

Шофеӣ, асҳоби ӯ, Аҳмад, Исҳоқ ва дигарон гуфтаанд: Рӯза гирифтани рӯзи нӯҳум ва даҳум якҷоя мустаҳаб аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар рӯзи даҳум рӯза гирифт ва рӯзаи рӯзи нӯҳумро ният кард.

Аз ин хотир, рӯзаи Ошуро якчанд мартаба дорад, ки пасттарини он танҳо дар рӯзи Ошуро рӯза гирифтан ва баландтарини он рӯза гирифтани рӯзи нӯҳум бо ҳамроҳии он (рӯзи Ошуро) аст. Чанд қадаре, ки зиёд дар моҳи Муҳаррам рӯза гирифта шавад, ҳамон қадар беҳтару хубтар аст.

Агар бигӯӣ, ки ҳикмат аз рӯза гирифтани рӯзи нӯҳум бо ҳамроҳии даҳум чист?

Чунин ҷавоб мегӯем: Нававӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: Донишмандон аз асҳобамон ва дигарон оиди ҳикмати мустаҳаб будани рӯзаи Тосуъо (рӯзи нӯҳуми Муҳаррам) якчанд ваҷҳро зикр кардаанд:

(Аввал). Мақсад аз он мухолифат бо яҳудон аст, ки онҳо танҳо дар рӯзи даҳум рӯза мегирифтанд ва ин аз Ибни Аббос ривоят шудааст.

(Дуввум). Мақсад аз он пайваст намудани рӯзаи Ошуро ба рӯзаи дигар мебошад. Чуноне, ки наҳй намудааст, ки танҳо дар рӯзи ҷумъа рӯза гирифта шавад.

(Саввум). Эҳтиёт оиди рӯзаи даҳум аз тарси он ки моҳ ноқис бошад ва саҳву хатогӣ рух диҳад, пас дар ин ҳолат рӯзи нӯҳум дар адад ҳамон даҳум мебошад. Поёни сухан.

Пурқувваттарини ин ваҷҳҳо мухолифат бо аҳли китоб аст. Шайху-л-ислом Ибни Таймийя (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳадисҳои зиёде аз монандӣ бо аҳли китоб манъ кардааст, ба монанди сухани ӯ оиди рӯзаи Ошуро, ки фармудааст: "Агар то соли оянда зинда бимонам, ҳатман дар рӯзи нӯҳум низ рӯза мегирам". Алфатово-л-кубро, ҷ 6.

Ибни Ҳаҷар (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар шарҳи ин ҳадис гуфтааст: (Агар то соли оянда боқӣ бимонам, ҳатман дар рӯзи нӯҳум низ рӯза мегирам).

"Он тасмиме, ки барои рӯзаи рӯзи нӯҳум гирифт, эҳтимол аст маънояш чунин бошад, ки ба ин рӯз кифоягӣ накунад, балки онро ба рӯзи даҳум изофа намояд, ё аз рӯи эҳтиёт ва ё аз рӯи мухолифат бо яҳудиёну насрониён аст, ки ин саҳеҳтарин дидгоҳ мебошад ва баъзе аз ривоятҳои Муслим инро баён мекунад". Поёни сухан аз китоби Фатҳу-л-борӣ (4/245).

## Ҷамъ байни рӯзаи қазои Рамазон ва рӯзаи Ошуро ё Арафа

**Савол**

Оё метавонам рӯзаи суннатро ба нияти қазои рӯзҳои Рамазон рӯза бигирам? Ва инчунин ба нияти рӯзаи нофила (ба монанди рӯзаи рӯзи Ошуро).

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин масъала дар назди аҳли илм бо номи масъалаи якҷоя кардани ибодатҳо ё ба якдигар дохил намудани ибодатҳо машҳур аст, ки якчанд навъ дорад. Ин яке аз он навъҳоест, ки ҷамъ байни воҷиб ва мустаҳаб бо як ният мебошад. Касе, ки мустаҳабро ният кунад, ин ният барои воҷиб кофӣ нест. Аз ин хотир, касе ки ба нияти Ошуро рӯза бигирад, рӯзааш барои қазои Рамазон кофӣ нест ва касе, ки қазои Рамазонро ният намояд ва онро дар рӯзи Ошуро иҷро бикунад, қазояш дуруст аст ва умед аст, ки савоби рӯзаи Ошуроро ҳосил намояд. Ин дидгоҳи баъзе аз донишмандон мебошад.

Рамлӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Ниҳояту-л-муҳтоҷ" (3/208) гуфтааст: "Агар дар моҳи Шаввол ва ё дар рӯзи Ошуро рӯзаи қазо ё рӯзаи назр ё ғайри онро анҷом бидиҳад, савоби рӯзаи нофила барояш ҳосил мегардад, чуноне ки падарам (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) аз рӯи пайравӣ ба Боризӣ, Асфунӣ, Ноширӣ, фақеҳ Алӣ ибни Солеҳ Ал-Ҳазрамӣ ва дигарон фатво додааст. Лекин савоби пурраи

матлуб барояш ҳосил намегардад, хусусан касе, ки рӯзаи Рамазонро аз даст дода бошаду ба ҷояш дар Шаввол рӯза бигирад". Поёни сухан.

Дар китоби "Муғни-л-муҳтоҷ" (2/184) ва "Ҳавошӣ туҳфати-л-муҳтоҷ" (3/457) ин гуна сухан омадааст.

Шайх Ибни Усаймин дар "Фатово-с-сиём" (438) гуфтааст: Касе, ки дар рӯзи Арафа ё Ошуро рӯза бигирад ва ӯ рӯзаи қазои Рамазон дошта бошад, рӯзааш дуруст аст, вале агар дар он рӯз қазои Рамазонро ният кунад, дар ин ҳолат ду савоб мегирад: Яке савоби рӯзаи Арафа ё Ошуро ва дигаре савоби қазо. Ин амр (яъне ду савоб) нисбат ба рӯзаи нофилаи мутлақ аст, ки ба рӯзаи Рамазон алоқа надошта бошад. Аммо рӯзаи шаш рӯзи Шаввол ба Рамазон алоқамандӣ дорад ва танҳо пас аз рӯзаҳои қазои Рамазон анҷом дода мешавад. Аз ин хотир, агар онро (рӯзаи шаш рӯзи Шавволро) пеш аз қазои Рамазон анҷом бидиҳад, савоби онро ба даст намеоварад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:

"Касе, ки Рамазонро рӯза гирад ва сипас онро бо шаш рӯз аз Шаввол идома диҳад, (яъне шаш рӯзи дигар дар моҳи Шаввол рӯза гирад), гуё, ки як сол рӯза гирифтааст".

Маълум аст, ки касе рӯзаи қазоӣ дошта бошад, то ин ки қазоҳояшро анҷом надиҳад, комилан рӯзагирандаи Рамазон ҳисобида намешавад. Поёни сухан.

Сазовор аст, ки инсон ба анҷом додани рӯзаҳои қазоии худ шитоб намояд ва ин амал аз анҷом додани рӯзаҳои нофила

авлотар мебошад. Вале агар вақти ӯ камӣ кунад ва ҳамаи рӯзаҳои қазоии худро анҷом дода натавонад ва битарсад, ки рӯзаи рӯзи бофазилат, ба монанди Ошуро ё Арафа аз ӯ фавт гардад, дар ин ҳолат ба нияти қазо рӯза бигирад, шояд савоби Ошуро ва Арафаро низ ба даст биёварад, зеро фазли Аллоҳ васеъ аст.

Аллоҳ донотар аст.

## Чаро фақеҳон рӯзаи рӯзи ёздаҳуми Муҳаррамро бо ҳамроҳи рӯзи Ошуро мустаҳаб медонанд?

**Савол**

Ман ҳамаи ҳадисҳоро оиди рӯзаи рӯзи Ошуро хондам ва дар ягонтои он наёфтам, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) барои мухолифат намудани яҳудон ба рӯзаи рӯзи ёздаҳуми Муҳаррам ишора карда бошад, балки фармудааст: "Агар то соли оянда зинда бимонам, ҳатман дар рӯзи нӯҳум ва даҳум рӯза мегирам" барои мухолифат намудан бо яҳудон. Инчунин паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) саҳобагонашро ба рӯзаи рӯзи ёздаҳуми Муҳаррам роҳнамоӣ накард. Аз ин хотир: Оё бидъат ҳисобида намешавад, агар амалеро, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва саҳобагонаш анҷом надодаанд, иҷро кунем? Оё касе, ки рӯзаи рӯзи нӯҳумро аз даст бидиҳад, танҳо бо рӯзаи рӯзи даҳум кифоягӣ мекунад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Донишмандон рӯзаи рӯзи ёздаҳуми Муҳаррамро мустаҳаб донистаанд, зеро аз паёмбар ба рӯза гирифтани ин рӯз дастур омадааст. Чуноне, ки Аҳмад (2155) аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардааст, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Дар рӯзи Ошуро рӯза гиред ва дар ин маврид бо яҳудон мухолифат кунед. Як рӯз пеш аз он ё як рӯз баъд аз он рӯза гиред".**

Донишмандон оиди саҳеҳ будани ин ҳадис ихтилоф кардаанд. Шайх Аҳмад Шокир ин ҳадисро ҳасан донистааст ва муҳаққиқони Муснад онро заиф шуморидаанд.

Ибни Хузайма (2095) ин ҳадисро бо ин лафз ривоят кардааст. Албонӣ гуфтааст: "Санади ин ҳадис ба хотири бадҳифзии Ибни Абулайло заиф аст. Ато ва дигарон бар ӯ мухолифат кардаанд. Онро аз Ибни Аббос бо тариқи мавқуф ривоят кардааст ва санади он дар назди Таҳовӣ ва Байҳақӣ саҳеҳ аст". Поёни сухан.

Агар ин ҳадис ҳасан бошад, пас он хуб аст ва агар заиф бошад, донишмандон истифодаи ҳадиси заифро дар мисли ин гуна масъалаҳо иҷозат дода, дар он сахтгирӣ намекунанд, зеро заиф будани он сабук аст, дурӯғ ё бофташуда нест ва он дар фазоили аъмол аст, хусусан тарғиб ба рӯзаи моҳи Муҳаррам аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят шудааст ва ҳатто расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ин маврид фармудааст: "Беҳтарин рӯза баъд аз Рамазон, рӯзаи моҳи Аллоҳ, Муҳаррам мебошад". Ривояти Муслим (1163).

Байҳақӣ ин ҳадисро дар китоби "Ассунану-л-кубро" бо лафзи дар боло зикршуда ривоят намудааст ва инчунин дар ривояти дигаре бо лафзи зерин ривоят кардааст: **"Як рӯз пеш аз он ва як рӯз баъд аз он рӯза гиред".**

Дар ин ривоят ба ҷои калимаи "ё" калимаи "ва"-ро зикр кардааст.

Ҳофиз Ибни Ҳаҷар ин ҳадисро дар китоби "Итҳофу-л-маҳара" (2225) бо лафзи зерин овардааст: **"Як рӯз пеш аз он ва як рӯз баъд аз он рӯза гиред".**

Ва гуфтааст: "Аҳмад ва Байҳақӣ ин ҳадисро бо санади заиф ривоят кардаанд, ки ба хотири заиф будани Муҳаммад ибни Абулайло (санади ин ҳадис заиф аст), вале ӯ ба танҳоӣ инро ривоят накардааст. Солеҳ ибни Абусолеҳ ибни Ҳайй ӯро мутобаат кардааст". Поёни сухан.

Ин ривоят мустаҳаб будани рӯзаи рӯзи нӯҳум, даҳум ва ёздаҳумро баён мекунад.

Баъзе аз донишмандон сабаби дигареро барои мустаҳаб будани рӯзаи рӯзи ёздаҳум зикр кардаанд, ки он эҳтиёт барои рӯзи даҳум мебошад. Мумкин аст, ки мардум дар дидани моҳи Муҳаррам хато кунанд ва айнан кадом рӯз рӯзи даҳум буданаш фаҳмида нашавад. Агар мусулмон (дар ин ҳолат) рӯзи нӯҳум ва даҳум ва ёздаҳумро рӯза бигирад, пас дар ҳақиқат рӯзи Ошуроро дарёфт намудааст. Ибни Абушайба дар китоби "Мусаннаф"-и худ (2/313) аз Товус (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят кардааст, ки ӯ як рӯз пеш

ва як рӯз баъд аз онро аз тарси ин ки рӯзаи Ошуроро аз даст бидиҳад, рӯза мегирифт.

Имом Аҳмад гуфтааст: "Касе бихоҳад, ки дар рӯзи Ошуро рӯза бигирад, дар рӯзи нӯҳум ва даҳум рӯза бигирад. Агар дар моҳҳо номуайянӣ вуҷуд дошта бошад, дар ин ҳолат се рӯз рӯза мегирад. Ибни Сирин ҳамин тавр гуфтааст. Поёни сухан. "Ал-Муғнӣ" (4/441).

Бо ин, баён гардид, ки рӯзаи ин се рӯзро бидъат гуфтан дуруст нест.

Аммо касе рӯзаи рӯзи нӯҳумро аз даст бидиҳаду, танҳо дар рӯзи даҳум рӯза бигирад, ҳеҷ боке дар он нест ва ин амал макруҳ намебошад ва агар рӯзи ёздаҳумро бар он изофа намояд, (яъне дар рӯзи ёздаҳум ҳам рӯза бигирад), ин беҳтар аст.

Мардовӣ дар китоби "Ал-Инсоф" (3/346) гуфтааст: "Рӯза гирифтани рӯзи даҳум бо танҳоӣ бар асоси саҳеҳтарин дидгоҳи мазҳаб макруҳ намебошад ва Шайх Тақийюддин (Ибни Таймийя) бар макруҳ набудани он мувофақат кардааст". Поёни сухан бо ихтисор.

Аллоҳ донотар аст.

---

## Фазилати бисёр рӯзаи нофила гирифтан дар моҳи Муҳаррам

Савол

Оё бисёр рӯза гирифтан дар моҳи Муҳаррам суннат аст? Оё ин моҳ аз дигар моҳҳо фазлу бартарие дорад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Моҳи Муҳаррам аввалин моҳе аз моҳҳои Арабӣ ва яке аз чаҳор моҳҳои ҳаром аст. Аллоҳ таъоло фармудааст:

**إِنَّ عِدَّةَ الشُّهُورِ عِنْدَ اللَّهِ اثْنَا عَشَرَ شَهْرًا فِي كِتَابِ اللَّهِ يَوْمَ خَلَقَ السَّمَوَاتِ وَالْأَرْضَ مِنْهَا أَرْبَعَةٌ حُرُمٌ ذَلِكَ الدِّينُ الْقَيِّمُ فَلَا تَظْلِمُوا فِيهِنَّ أَنْفُسَكُمْ**

سورة التوبة: ٣٦

**Ҳамоно шумораи моҳҳо назди Аллоҳ таъоло аз он рӯзе, ки осмонҳо ва заминро офарид, дар китоби Аллоҳ таъоло дувоздаҳ моҳ аст. Аз ин (дувоздаҳ моҳ) чаҳор моҳ ҳаром аст. Ин дини дурусту устувор аст. Пас, дар ин (чаҳор моҳ) бар худ зулм накунед**. (Сураи Тавба: 36).

Бухорӣ (3167) ва Муслим (1679) аз Абубакра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят кардаанд, ки фармудааст: "Замона ба монанди рӯзе, ки Аллоҳ таъоло осмонҳову заминро офарид, давр зад. Сол дувоздаҳ моҳ аст, ки чаҳор моҳи он моҳҳои ҳаром аст, се моҳ пайдарпай, ки Зулқаъда, Зулҳиҷҷа ва Муҳаррам аст ва Раҷаби Музар, ки байни моҳҳои Ҷумодо ва Шаъбон аст".

Аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки беҳтарин рӯза баъд аз Рамазон, рӯзаи моҳи Муҳаррам аст.

Аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Беҳтарин рӯза баъд аз Рамазон, рӯзаи моҳи Аллоҳ, Муҳаррам мебошад ва беҳтарин намоз баъд аз намози фариза намози шаб мебошад". Ривояти Муслим (1163).

Дар ҳадис омадааст: (Моҳи Аллоҳ). Нисбат додани моҳ ба Аллоҳ аз рӯи бузургдошт аст.

Қорӣ гуфтааст: Зоҳиран мақсад аз он ҳамаи (рӯзҳои) моҳи Муҳаррам аст.

Вале собит шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳеҷ моҳеро ба ғайри Рамазон пурра рӯза нагирифтааст. Аз ин хотир, ин ҳадис бар тарғиби зиёд рӯза гирифтан дар моҳи Муҳаррам ҳамл карда мешавад, на ба рӯза гирифтани ҳамаи (рӯзҳои) он. Аллоҳ донотар аст.

## Рӯзаи Ошуро танҳо гуноҳони сағираро каффорат менамояд ва барои пок кардани гуноҳони кабира ба ғайри тавба чизи дигаре вуҷуд надорад

**Савол**

Агар ман аз ҷумлаи шахсоне бошам, ки шароб менӯшанд, сипас ният кунам, ки пагоҳ ва баъди пагоҳ (нӯҳум ва даҳуми

Муҳаррам) рӯза бигирам, оё ин рӯза бароям ҳисобида мешавад ва инчунин гуноҳони соли гузашта ва соли ояндаам бахшида мешаванд?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

**Аввал:** Рӯзае, ки Аллоҳ таъоло бо сабаби он гуноҳони ду соларо мағфират менамояд, он рӯзаи рӯзи Арафа мебошад. Аммо рӯзаи Ошуро бошад, Аллоҳ таъоло бо сабаби он гуноҳони як соларо мағфират менамояд.

Лутфан оиди фазилати рӯзаи рӯзи Арафа ба ҷавоби саволи рақами (98334) ва оиди фазилати рӯзаи рӯзи Ошуро ба ҷавоби саволи рақами (**21775**) нигаред.

**Дуввум:**

Бе шак нӯшидани шароб яке аз бузургтарин гуноҳон мебошад, хусусан бардавом нӯшидани он. Шароб модари палидиҳо ва дарвозаи ҳамаи бадиҳост. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бо сабаби шароб даҳ тоифаро лаънат кардааст. Тирмизӣ (1295) аз Анас ибни Молик (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки гуфт:

"Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бо сабаби шароб даҳ тоифаро лаънат кардааст: Шахсе ки онро тайёр мекунад, шахсе ки тайёр кардани онро талаб менамояд, шахсе ки онро менӯшад, касе ки онро бардошта меорад, шахсе ки овардани онро талаб менамояд, шахсе ки онро мерезад, шахсе ки онро мефурӯшад, шахсе ки пули онро

мехӯрад, шахсе ки онро мехарад, шахсе ки барояш харида мешавад".

Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" саҳеҳ шуморидааст.

Аз шаробнӯшӣ даст кашидан, аз пайваста нӯшидани шароб тавба кардан ва ба сӯи Аллоҳ таъоло рӯй овардан воҷиб аст.

Рӯзаи рӯзи Ошуро ё рӯзи Арафа танҳо гуноҳони сағираро каффорат мекунанд. Аммо гуноҳони кабира ба тавбаи насуҳ ниёз доранд.

Шайху-л-ислом Ибни Таймийя (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Аз паёмбар (друду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳадиси саҳеҳе омадааст, ки мефармояд: Рӯзаи рӯзи Арафа гуноҳони ду соларо каффорат мекунад ва рӯзаи рӯзи Ошуро гуноҳони як соларо каффорат мекунад. Вале мутлақан зикр шудани лафзи (он каффорат мекунад), маънояш чунин нест, ки гуноҳони кабираро бе тавба каффорат намояд, зеро паёмбар (друду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) оиди намози ҷумъа то намози ҷумъаи дигар ва Рамазон то Рамазони дигар фармудааст: (Каффораткунандаи гуноҳоне, ки дар баёни онҳо қарор доранд, агар аз гуноҳони кабира дур шавад). Маълум аст, ки намоз аз рӯза беҳтар аст ва рӯзаи Рамазон аз рӯзаи рӯзи Арафа бузургтар аст. Намозҳои панҷгона ва рӯзаи Рамазон гуноҳонро каффорат намекунанд, ба ҷуз дар ҳолати дурӣ аз гуноҳони кабира, чуноне ки паёмбар (друду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) қайд кардааст. Пас чӣ гуна (баъзе шахсон) гумон мекунанд, ки рӯзаи нофилаи як рӯза ё ду рӯза гуноҳи зино, дуздӣ,

шаробнӯшӣ, қимор, сеҳр ва монанди онро каффорат мекунад? Ин номумкин аст".

Поёни сухан аз китоби "Мухтасару-л-фатово-л-мисрийя" (1/254).

Ибни Қаййим (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Баъзе шахсон мегӯянд: Рӯзаи рӯзи Ошуро гуноҳони ҳамаи солро каффорат мекунад ва рӯзаи Арафа сабаби зиёдшавии аҷр мегардад. Ин шахси фирефташуда надонистааст, ки рӯзаи Рамазон ва намозҳои панҷгона аз рӯзаи рӯзи Арафа ва рӯзаи Ошуро бузургтар ва воломақомтар мебошанд. Инҳо (рӯзаи Рамазон ва намозҳои панҷгона) гуноҳони байни худро каффорат мекунанд, агар аз гуноҳони кабира дур шавад. Пас Рамазон то Рамазон, ва ҷумъа то ҷумъа гуноҳони сағираро каффорат карда наметавонанд, магар дар ҳолате, ки гуноҳони кабира тарк карда шавад ва ин ду чиз якҷоя гуноҳони сағираро каффорат карда метавонанд.

Пас чӣ гуна рӯзаи нофилаи як рӯза ҳамаи гуноҳони кабираеро, ки банда анҷом додааст, пайваста онро иҷро мекунад ва аз он тавба наменамояд, каффорат мекунад? Ин номумкин аст.

Ба ҳар ҳол монеият вуҷуд надорад, ки рӯзаи рӯзи Арафа ва рӯзи Ошуро ба таври ом каффораткунандаи ҳамаи гуноҳон шавад ва дар ин сурат ҳадис бояд ҳамчун яке аз матнҳое шарҳ дода шавад, ки каффорати гуноҳонро ваъда медиҳад, дар холате ки шартҳо риоя карда шаванд ва монеаҳо бартараф карда шаванд. Бардавом анҷом додани гуноҳони кабира яке аз монеаҳои каффорат шудани гуноҳони сағира

мебошад. Пас агар банда гуноҳони кабираро бардавом анҷом надиҳад, рӯза ва бардавом анҷом надодани гуноҳ, бо кӯмаки ҳамдигар, ҳамаи гуноҳонро каффорат мекунанд. Чуноне, ки Рамазон ва намозҳои панҷгона бо ҳамроҳии дурӣ аз гуноҳони кабира, якҷоя бо кӯмаки ҳамдигар гуноҳони сағираро каффорат мекунанд. Дар ҳоле, ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

إِنْ تَجْتَنِبُوا كَبَائِرَ مَا تُنْهَوْنَ عَنْهُ نُكَفِّرْ عَنْكُمْ سَيِّئَاتِكُمْ

سُورَةُ النِّسَاءِ/ 31

**Агар аз гуноҳони кабирае, ки аз он манъ шудаед, дурӣ кунед, гуноҳони (сағираи) шуморо аз шумо мебахшем**. (Сураи Нисо: 31).

Пас дониста шуд, ки агар чизе сабаби каффорати гуноҳон бошад, ин монеият надорад, ки ин сабаб бо ҳамроҳии сабаби дигар дар каффорат намудани гуноҳон ба якдигар кӯмак кунанд. Каффорат шудани гуноҳон бо ҷамъшавии ду сабаб аз танҳо будани яке аз он ду сабаб пурқувваттар ва комилтар аст. Ҳаргоҳ сабабҳои каффорати гуноҳон пурқувват гардад, каффорат шудани гуноҳон низ пурқувваттар, пурратар ва шомилтар мегардад". Поёни сухан аз китоби "Ал-Ҷавобу-л-кофӣ" (саҳ 13).

Тирмизӣ (1862) аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят кардааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **Касе, ки шароб нӯшад, Аллоҳ таъоло намози чиҳилрӯзаи ӯро қабул намекунад ва ва агар тавба кунад, Аллоҳ тавбаи ӯро қабул менамояд ва агар ба шаробнӯшӣ баргашт, Аллоҳ таъоло намози чиҳилрӯзаи ӯро қабул**

**намекунад ва агар тавба намуд, Аллоҳ тавбаи ӯро қабул менамояд ва агар боз ба шаробнӯшӣ баргашт, Аллоҳ таъоло намози чиҳилрӯзаи ӯро қабул намекунад ва агар тавба намуд, Аллоҳ тавбаи ӯро қабул менамояд, сипас агар бори чаҳорум боз ба шаробнӯшӣ баргашт, Аллоҳ таъоло намози чиҳилрӯзаи ӯро қабул намекунад ва агар тавба намуд, Аллоҳ тавбаи ӯро қабул наменамояд ва ӯро (дар рӯзи қиёмат) аз дарёи "хабол" менӯшонад**. Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" саҳеҳ шуморидааст.

(Дарёи "Хабол": Дарёест дар дӯзах, ки оби он зардоби дӯзахиён аст).

Муборакфурӣ дар китоби "Туҳфату-л-аҳвазӣ" гуфтааст: Гуфта шудааст: Намозро ба таври хос зикр намуд, зеро он беҳтарин ибодати баданӣ аст. Пас агар намоз қабул карда нашавад, дигар ибодатҳо низ аз боби авло қабул карда намешаванд.  Поёни сухан бо каме тағйирот аз китоби "Туҳфату-л-аҳвазӣ" (5/488).

Ироқӣ ва Мановӣ низ ҳаминтавр гуфтаанд.

Ба ҷавоби саволи рақами (38145) руҷӯъ карда шавад.

Агар ибодатҳо дар ҳангоми бардавом нӯшидани шароб қабул карда нашавад, пас чигуна рӯзаи Ошуро қабул карда мешавад? Пас чигуна гуноҳони як солинаро каффорат мекунад?

Бар ту воҷиб аст, ки ба тезӣ тавбаи насуҳи содиқона намоӣ, аз гуноҳоне, ки бардавом анҷом медиҳӣ, яъне аз нӯшидани шароб даст бикашӣ ва дар кӯтоҳӣ будани худро дарк намоӣ.

Амалҳои хайрро бисёр анҷом бидеҳ, шояд ки Аллоҳ тавбаи туро қабул намояд ва кӯтоҳиву таҷовузе, ки ба ҳудуди Аллоҳ дар гузашта анҷом додаӣ, даргузарад.

**Саввум:** Он суханоне, ки бароят дар инҷо зикр кардем, барои адо намудани рӯзаи Арафа ё Ошуро ё ҳар амалҳои хайри нофилае, ки бихоҳӣ анҷом бидиҳӣ, монеияте надорад, ба монанди намоз, рӯза, садақа ва қурбонӣ.

Нӯшидани шароб монеи ин амалҳо нест. Анҷом додани гуноҳи кабира маънои онро надорад, ки худро аз тоатҳо ва амалҳои хайр манъ намоӣ. Ин амр аз ин ҳам бадтар мебошад. Балки ба сӯи тавба шитоб кун, бо зудӣ аз гуноҳ даст каш ва амалҳои хайрро зиёд анҷом бидеҳ, ҳатто агар нафсат бар ту ғолиб гардад ва дар баъзе гуноҳон воқеъ шавӣ.

Вале дурустии амал ва қабулшавии он масъалае аст ва фазилати хосси каффорат шудани гуноҳони як солина ё ду солина масъалаи дигарест.

Ҷаъфар ибни Юнус гуфтааст: Бо корвоне дар Шом будам, ки арабҳои саҳронишин ба роҳамон баромаданд ва корвонро ба худ гирифтанд. Молҳои гирифтаашонро ба амири худ пешниҳод мекарданд ва халтае аз шакар ва бодом аз он берун оварданд ва аз он хӯрданд ва амир намехӯрд !!

Ман ба ӯ гуфтам: Чаро ту намехӯрӣ? Ӯ гуфт: Ман рӯзадор ҳастам!

Ман гуфтам: Роҳзанӣ мекунӣ, молҳоро бо зӯрӣ мегирӣ, нафсҳои покро ба қатл мерасонӣ ва ту боз рӯзадор ҳастӣ ?!

Ӯ гуфт: Эй шайх, маконе барои сулҳ қарор медиҳам !!

Сипас баъд аз муддате ӯро дидам, ки эҳром пӯшида буду, дар гирди Каъба тавоф мекард.

Ман гуфтам: Ту ҳамон мард ҳастӣ ?

Ӯ гуфт: Он рӯза маро ба ин мақом расонд !!

(Таърихи Димишқ: 52/66) .

## Рӯзаи рӯзи таваллуд ва рӯзаи рӯзи таваллуди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)

Савол

Оё рӯзаи рӯзи таваллуди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бар асоси ҳадисе, ки дар "Саҳиҳ"-и Муслим, "Сунан"-и Насоӣ ва Абудовуд омадааст, ҳангоме ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) оиди рӯзаи рӯзи душанбе пурсида шуд, гуфт: «Он рӯзест, ки ман дар он рӯз таваллуд шудаам...» ҷоиз аст? Инчунин бар асоси ин ҳадис, оё барои инсон ҷоиз аст, ки ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пайравӣ намуда, дар рӯзи таваллудаш рӯза бигирад? Лутфан шарҳ бидиҳед.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

### Аввал:

Муслим (1162) аз Абуқатодаи Ансорӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми

Аллоҳ бар ӯ бод) оиди рӯзаи рӯзи душанбе пурсида шуд. Дар ҷавоб гуфт: **«Дар он рӯз таваллуд шудаам ва дар он рӯз Қуръон ба ман нозил шудааст».**

Тирмизӣ (747) ҳадиси зеринро аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят намуда, онро ҳасан донистааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Амалҳо дар рӯзи душанбе ва панҷшанбе ба даргоҳи Аллоҳ таъоло пешкаш мешаванд ва дӯст медорам, ки амали ман дар ҳоли рӯзадориам, ба Аллоҳ пешкаш шавад».**

Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" саҳеҳ донистааст.

Аз ҳадисҳои саҳеҳи дар боло овардашуда, маълум мегардад, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар рӯзи душанбе ба хотири шукри неъмати таваллуд шуданаш дар ин рӯз, инчунин ба хотири фазилати он рӯз, рӯза гирифт. Ваҳй дар он рӯз ба ӯ нозил шуд ва дар он рӯз амалҳо ба даргоҳи Аллоҳ таъоло пешкаш карда мешаванд. Пас ӯ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дӯст дошт, ки амалаш дар ҳоли рӯзадориаш ба осмон бардошта шавад. Яке аз сабабҳои рӯзадории рӯзи душанбе, дар он рӯз таваллуд шудани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мебошад.

Касе, ки дар рӯзи душанбе рӯза бигирад, ҳамон тавре ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар он рӯз рӯза гирифтааст, мағфирати гуноҳонро дар он рӯз умед карда, неъматҳоеро, ки Аллоҳ дар он рӯз ба бандагонаш ато кардааст, шукргузорӣ намояд, ки яке аз бузургтарини он

неъматҳо ин аст, ки дар он рӯз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) таваллуд шуд ва ба сӯи мардум фиристода шуд ва умед кунад, ки аз ҷумлаи касоне бошад, ки дар он рӯз мағфират мешаванд, ин чизи хуб аст ва мувофиқи суннати собитшудаи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аст.

Аммо ӯ набояд ҳафта ё моҳи махсусеро барои гирифтани ин рӯза интихоб намуда, ин амалро дар дигар ҳафтаву моҳҳо тарк бикунад. Балки ӯ бояд ин рӯзаро ба қадри имкон дар давоми тамоми сол анҷом бидиҳад.

Аммо дар давоми сол, ба хотири ҷашни мавлуди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) як рӯзи махсусе рӯза гирифтан, бидъат ва мухолифи суннати паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳисобида мешавад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) рӯзҳои душанбе рӯза мегирифт. Аммо он рӯзи махсуси сол (ки мардум ба хотири ҷашни мавлуди паёмбар рӯза мегиранд) мумкин аст, ки дар рӯзи душанбе ё дар ягон рӯзҳои дигари ҳафта рост ояд.

Барои маълумоти бештар оиди ҷашни мавлуд ва ҳукми он, лутфан ба ҷавоби саволи рақами (**13810**) ва рақами (**70317**) нигаред.

**Дуввум:**

Он чизе, ки имрӯзҳо дар байни мардум бо номи ҷашни зодрӯз паҳн шудааст ва таҷлили рӯзи таваллуд дар байни онон интишор ёфтааст, як бидъати номашрӯъ мебошад.

Мусулмонон ба ғайр аз ду ид, иди Фитр ва иди Азҳо (Қурбон) дигар иде надоранд, ки онро ҷашн бигиранд.

Ин масъала пештар дар якчанд ҷавобҳо баён шуда буд. Лутфан ба рақами (**26804**) ва (**9485**) нигаред.

Зодрӯзи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) неъмати ҳақиқӣ ва раҳмат барои тамоми башарият аст, чуноне ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

**وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلَّا رَحْمَةً لِلْعَالَمِينَ** الأنبياء/107.

**{Ва (эй Муҳаммад) туро ҷуз раҳмате барои ҷаҳониён нафиристодем}.** (Сураи Анбиё: 107).

Ва инчунин зодрӯзи ӯ оғози тамоми хайру некӣ барои башарият аст. Чӣ гуна метавонем онро бо зодрӯз ё вафоти дигарон муқоиса кунем.

Илова бар ин, дидгоҳи саҳобагон, солеҳон ва гузаштагоне, ки баъд аз онҳо буданд, оиди ин амал чӣ гуна буд?

Аз ҳеҷ яке аз гузаштагон ва донишмандони пешиниён собит нашудааст, ки гуфта бошад, ки рӯза гирифтани рӯзе аз ҳафта ё аз моҳ ё аз сол ё ҷашн гирифтани он рӯз ба он далел, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар рӯзи таваллуди худ ҳар ҳафта дар рӯзи душанбе рӯза мегирифт, ҷоиз мебошад.

Агар ин машрӯъ мебуд, аҳли илму фазл ва шитобкунандагон ба тамоми хайр пеш аз мо ин амалро анҷом медоданд. Вақте ки онҳо ин амалро иҷро накарданд, маълум шуд, ки ин чиз нав пайдошудааст ва анҷом додани он ҷоиз нест.

## Барои рӯзадор ҷоиз нест, ки касеро дашном бидиҳад.

Савол

Агар рӯзадор бошам ва дар ҳангоми рӯзадорӣ касеро дашном диҳам ва ё ба касе беодобӣ намоям, оё ин рӯзаамро фосид мекунад?

Ман мехоҳам ҷавоби онро бидонам, зеро дӯстонам ҳангоми рӯзадорӣ дашном медиҳанд ва ба мардум бадӣ мекунанд. Ман мехоҳам ба онҳо хабар бидиҳам, ки чаро бар онон воҷиб аст, ки аз маъсиятҳо аз қабили дашному дигар гуноҳҳо дур бошанд.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Содир кардани гуноҳон аз қабили дашному ҳақорат дар рӯзи Рамазон рӯзаро фосид намекунад. Ба маънои дигар, он аз ҷумлаи шиканандаҳои рӯза ба ҳисоб намеравад, вале савоби рӯзаро кам мекунад. Ин гуноҳон метавонанд тамоми савоби рӯзаро нобуд созанд. Рӯзадор бошад, аз рӯзааш ҷуз гуруснагӣ ва ташнагӣ чизи дигареро бардошт нахоҳад кард.

Рӯзадор маъмур аст, ки узвҳои баданашро аз гуноҳ нигаҳ дорад. Мақсад аз рӯза танҳо тарки хӯрдану нӯшидан нест, балки мақсад аз он тарки гуноҳ ва амалӣ кардани парзҳезгорист. Аллоҳ таъоло дар ин бора фармудааст:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُتِبَ عَلَيْكُمُ الصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى الَّذِينَ مِنْ قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ (سورة البقرة: ١٨٣).

**«Эй касоне, имон овардаед, рӯза бар шумо фарз шуд, чунон ки бар касоне, ки пеш аз шумо буданд, фарз шуда буд, то парҳезгор шавед». (Сураи Бақара: 183).**

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар кас гуфтору кирдори ботил ва ҷаҳолатро тарк накунад, Аллоҳ ба тарки хӯрдану нӯшидани ӯ, ҳеҷ ниёзе надорад».** Ривояти Бухорӣ (1903) ва (6075).

Гуфтори ботил тамоми гуфтору суханони ҳаромшуда, аз қабили дурӯғ, ғайбат, суханчинӣ, дашном ва ҳақоратро дар бар мегирад.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст**: «Ҳар гоҳ яке аз шумо рӯзе рӯза бигирад, набояд носазогӯӣ кунад ва амали ҷоҳилона анҷом бидиҳад. Ва агар марде ӯро дашном диҳад ва ё бо ӯ даргир шавад, бояд бигӯяд: Ман рӯзадор ҳастам. Ман рӯзадор ҳастам».** Ривояти Бухорӣ (1894) ва Муслим (1151).

Ҳофиз мегӯяд: Сухани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод): **«Набояд носазогӯӣ кунад».** Манзур аз носазогӯӣ дар инҷо сухани зишт аст.

Сухани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод): **«Набояд амали ҷоҳилона анҷом бидиҳад».** Яъне набояд амалҳои ҷоҳилон, аз қабили доду фарёд, беақлӣ ва монанди онро анҷом бидиҳад.

Манзур аз ҳадис ин аст, ки набояд рӯзадор бо дигарон монанди онҳо муомила кунад, балки танҳо бигӯяд: **"Ман рӯзадор ҳастам".** Поёни сухан.

Агар ба рӯзадор амр шуда бошад, ки дар ҷавоби дашном чизе нагӯяд, пас чӣ гуна барои рӯзадор шоиста аст, ки ба дигарон дастдарозӣ кунад ва худ дашномро оғоз намояд?!

Нававӣ мегӯяд:

Бидон, ки манъ кардани рӯзадор аз носазогӯӣ, амалҳои ҷоҳилона, ҷангидан ва дашном махсуси ӯ нест, балки дар асли ин наҳй ҳама яксонанд, вале бар рӯзадор таъкиди бештар шудааст. Поёни сухан.

Ҳоким аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки мегӯяд: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)фармудааст:

**«Рӯза ин танҳо тарки хӯрдану нӯшидан нест, балки рӯза ин тарк намудани амалҳои беҳуда ва зишт аст. Агар касе туро дашном диҳад ва ё нисбати ту ҷоҳилона рафтор кунад, бигӯй: Ман рӯзадор ҳастам. Ман рӯзадор ҳастам».**

Ибни Моҷа (1690) аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки мегӯяд: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Баҳраи баъзе аз рӯзадорон аз рӯза танҳо гуруснагӣ аст. Баҳраи баъзе аз шабзиндадорон аз шабзиндадорӣ танҳо бедорхобӣ аст».**

## Баромадани мазӣ рӯзаро фосид намекунад

Савол

Ман аз шаҳват ранҷ мекашам, ки ҳамеша бо кӯчактарин сабабҳо барангехта мешавад, масалан ҳангоми гузар кардан дар роҳ ва занеро мебинам, фавран чашмонамро поён мебарам (ва ба ӯ нигоҳ намекунам), аммо иттифоқ меафтад, ки чизе хориҷ мешавад. Ё ман менишинам, фикрҳое ба сарам меоянд, ки ман онҳоро фавран қатъ карданӣ мешавам, аммо иттифоқ меафтад, ки чизе хориҷ мешавад. Ин бар хилофи иродаи ман аст, (яъне ман қасдан онро намекунам). Оё ин рӯзаро фосид мекунад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Баромадани мазӣ рӯзаро фосид намекунад, хоҳ он бо сабаби фикр кардан ё бӯса намудани ҳамсар ё бо ягон сабаби дигар барояд. Ин мазҳаби Имом Шофеӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) мебошад. Ба китоби "Ал-Маҷмӯъ"-и Нававӣ, (6/323) нигаред.

Шайхулислом Ибни Таймия (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар "Ал-Ихтиёрот" (саҳ 193) гуфтааст:

Рӯза бо баромадани мазӣ, ки бо сабаби бӯса, ламс ва ё нигоҳи ботакрор нозил мешавад, фосид намегардад. Ин дидгоҳи Абуҳанифа, Шофеӣ ва баъзе аз асҳобамон мебошад. Поёни сухан.

Ин ихтиёри Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) аст, тавре ки дар "Аш-Шарҳу-л-мумтиъ" (6/390) гуфтааст:

Далели он ин аст, ки ҳеҷ далеле вуҷуд надорад, ки рӯза бо он (яъне баромадани мазӣ) фосид мешавад, зеро рӯза ибодатест, ки инсон ин ибодатро мувофиқи шариат оғоз кардааст. Аз ин рӯ, мумкин нест, ки ин ибодатро бидуни далел фосид намоем. Поёни сухан бо каме тағйирот.

## Гузаронидани вақт бо тамошои филмҳову сериалҳо ва бозиҳо дар Рамазон

Савол

Баъзе аз рӯзадорон аксари вақташонро дар рӯзи Рамазон бо тамошои филмҳову сериалҳо аз видеову телевизион ва картабозӣ мегузаронанд. Ҳукми он чист?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бар рӯзадор ва дигар мусулмонон воҷиб аст, ки дар тамоми вақтҳо нисбати он чи, ки анҷом медиҳанд ва анҷом намедиҳанд, аз Аллоҳ таъоло битарсанд. Бояд аз ҳаром кардаҳои Аллоҳ, аз ҷумла тамошои филмҳои бемаънӣ, ки дар он ҳаром кардаҳои Аллоҳ зоҳир мегардад, ба монанди суратҳои бараҳнаву нимбараҳна, суханони ношоиста ҳазар намояд ва инчунин аз он чи ки дар телевизион зоҳир мешавад ва он хилофи шариати Аллоҳ бошад, ба монанди суратҳову сурудҳо, олатҳои лаҳв ва даъватҳои гумроҳкунанда, ҳазар намояд. Инчунин бар мусулмон, хоҳ

рӯзадор бошад ва хоҳ на, воҷиб аст, ки аз бозӣ намудан бо олоти лаҳв, мисли карта ва аз дигар олоти лаҳву беҳуда барҳазар бошад, зеро он тамошои мункару нописанд ва амали зишт аст. Бо сababи чунин бозиҳо, қалб сахт ва бемор гардида, нисбати шариати Аллоҳ беаҳмият мешавад ва воҷибҳои Аллоҳ таъоло ба монанди намози ҷамоат ва дигар воҷибҳо бар ӯ вазнин гардида, онҳоро тарк менамояд ва ба бисёре аз ҳаромҳо воқеъ мегардад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَمِنَ النَّاسِ مَن يَشْتَرِي لَهْوَ الْحَدِيثِ لِيُضِلَّ عَن سَبِيلِ اللَّهِ بِغَيْرِ عِلْمٍ وَيَتَّخِذَهَا هُزُوًا أُولَٰئِكَ لَهُمْ عَذَابٌ مُّهِينٌ . وَإِذَا تُتْلَىٰ عَلَيْهِ آيَاتُنَا وَلَّىٰ مُسْتَكْبِرًا كَأَن لَّمْ يَسْمَعْهَا كَأَنَّ فِي أُذُنَيْهِ وَقْرًا فَبَشِّرْهُ بِعَذَابٍ أَلِيمٍ. سورة لقمان/6-7

**"Ва баъзе аз мардум харидори суханони беҳудаанд, то ба нодонӣ мардумро аз роҳи Аллоҳ гумроҳ кунанд ва Қуръонро ба масхара мегиранд. Барои он гурӯҳ азоби хоркунандааст. Ва чун оёти Мо бар онҳо хонда шавад, бо худписандӣ рӯй баргардонанд, чунон ки гӯё онро нашунидаанд. Ё монанди касе, ки гӯшҳояш вазнин шуда бошад. Ӯро ба азобе дардовар мужда деҳ".** (Сураи Луқмон: 6-7).

Инчунин Аллоҳ таъоло дар васфи бандагони Аллоҳи Раҳмон мефармояд:

**وَالَّذِينَ لا يَشْهَدُونَ الزُّورَ وَإِذَا مَرُّوا بِاللَّغْوِ مَرُّوا كِرَاماً**

**الفرقان/72.**

**"Ва онон, ки ба дурӯғ шоҳидӣ намедиҳанд ва чун бар лағву беҳудае бигзаранд, бузургворона мегузаранд (яъне аз он дурӣ меҷӯянд)".** (Сураи Фурқон: 72).

"Дурӯғ" ҳамаи намудҳои мункарро дарбар мегирад. Маънои "шоҳидӣ намедиҳанд" яъне, иштирок намекунанд.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:

لَيَكونَنَّ مِن أُمَّتي أقْوامٌ، يَسْتَحِلُّونَ الحِرَ والحَرِيرَ، والخَمْرَ والمَعازِفَ

**"Аз уммати ман мардуме хоҳанд омад, ки зино ва пӯшидани абрешим ва шаробу мусиқиро ҳалол мешуморанд".** Бухорӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳ"-и худ ба шакли муаллақи қатъӣ ривоят кардааст.

Маънои калимаи (الحِرَ) "ал-ҳира" дар ҳадис, зино ва бе никоҳ алоқаи ҷинсӣ кардан аст. Маънои калимаи (المَعازِفَ) "ал-маъозиф" суруду мусиқӣ ва олатҳои лаҳв мебошад. Зеро Аллоҳ таъоло бар мусулмонон василаҳои ба ҳаромҳо воқеъ шуданро ҳаром гардонидааст. Ҳеҷ шубҳае нест, ки тамошои филмҳои мункару зишт ва барномаҳои телевизионии бемаънӣ аз василаҳои воқеъ шудан ба ҳаром ё беаҳмиятӣ дар инкор накардани он аст. Аллоҳ ёрӣ намояд.

Сарчашма: "Фатово"-И Шайх Ибни Боз Ҷ/4 Саҳ/158.

## Истимно (кафакӣ кардан, ҷалқзанӣ) бидуни хориҷ кардани манӣ дар Рамазон

Савол

Дар синни наврасӣ дар баъзе рӯзҳои Рамазон истимно мекардам. Вале намегузоштам, ки манӣ аз олати таносулӣ хориҷ шавад ва онро боз медоштам. Вале шаҳвату лаззат мебурдам. Ҳукми рӯзаам чист? Чӣ гуна метавонам он гуноҳи бузургро пок намоям? Бояд қайд кард, ки ман шумораи рӯзҳое ки дар он рӯзҳо ин корро анҷом додаам, намедонам.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бидон, ки содир намудани ин одат дар шариат ҳаром аст, чуноне ки китоби Аллоҳ таъоло ва суннати паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба он далолат кардаанд. Қаблан дар саволи рақами (329) далелҳо ботафсил баён шудаанд. Ин кор ҳам аз ҷиҳати ақл ва ҳам аз ҷиҳати фитрат як чизи зишт аст. Ба мусулмон лоиқ нест, ки ба ин кори зишт наздикӣ кунад.

Бидон, ки гуноҳҳо ба инсон дар дунё ва дар охират паёмадҳои баде меоранд, агар инсон аз он тавба накунад ва ё Аллоҳ ӯро ба раҳмати худ лоиқ надонад. Ин масъала қаблан дар рақамҳои (23425), (8861) ботафсил баён карда шуд.

Аммо ҳукми масъалаи мазкур дар ин савол, агар истимно карда бошӣ, вале бо сабабе аз сабабҳо манӣ хориҷ

нагардад, дар асоси дурусттарин дидгоҳи донишмандон рӯза намешиканад, зеро (барои шикастани рӯза) хориҷ шудани манӣ муҳим аст. Агар манӣ хориҷ шавад, рӯза мешиканад ва қазои он рӯз бар ӯ зарур аст. Агар манӣ хориҷ нашавад, рӯза намешиканад. Вале ба ҳар ҳол, бар ту зарур аст, ба сӯи Аллоҳ тавба намоӣ ва барои зоеъ намудани рӯза бо чунин корҳо истиғфор кунӣ.

Шояд манӣ пас аз муддате хориҷ мешавад, агарчӣ онро боз дошта бошӣ ҳам. Дар ин ҳол рӯза мешиканад ва бароят қазои он рӯз зарур аст. Агар шумораи рӯзҳоеро ки рӯзаи онро ботил намудаӣ, надонӣ, пас тақрибан ҳисоб намо, то гумони ғолиб пайдо кунӣ, ки қазои он рӯзҳоро анҷом додаӣ.

Шайх Ибни Усаймин дар китоби "Шарҳу зади-л-мустақниъ" гуфтааст: Оё имкон дорад, ки манӣ ҳаракат кунаду, вале хориҷ нашавад?

Бале, имкон дорад. Пас аз ҳаракат кардани манӣ, шаҳвати инсон бо сабабе паст шавад, дар ин ҳангом манӣ хориҷ намешавад.

Мисоли дигареро овардаанд: Олати таносулии худро бидорад, то ки манӣ набарояд. Ҳарчанд фақеҳон инро ҳамчун мисол қайд кардаанд, аммо он хеле зарарнок аст. Фақеҳон (раҳмати Аллоҳ бар онон бод) мисолоҳоеро барои тасаввур намудани масъала новобаста аз зараровар будан ё набудани он зикр мекунанд. Ғолибан дар чунин ҳол пас аз раҳо кардани олати таносулӣ манӣ хориҷ мешавад.

Баъзе аз донишмандон гуфтаанд: Ба хотири ҳаракат намудани манӣ ғусл воҷиб намешавад. Ин ихтиёри Шайхулислом буда ва ин дидгоҳи дурусттарин мебошад. Далели он чунин аст:

1. Ҳадиси Умми Салама, ки дар он омадааст: «Бале, агар ӯ обро бинад». Паёмбар (друду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нагуфтааст, ки ё ҳаракт кардани маниро эҳсос намоӣ. Агар бо ҳаракт кардани манӣ ғусл воҷиб мешуд, паёмбар (друду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) онро баён мекард, зеро ба он ниёз вуҷуд дошт.

2. Ҳадиси Абусаиди Худрӣ: **«Албатта об аз об аст».** Дар ин ҳолат об вуҷуд надорад. Ҳадис далолат мекунад, ҳар гоҳ об набошад, (яъне манӣ набарояд), об нест (яъне ғусл воҷиб нест).

3. Асос боқӣ мондани покӣ ва воҷиб набудани ғусл мебошад. Агар далеле набошад, ин асосро тағйир додан дуруст нест.

(Аш-шарҳу-л-мумтиъ 1/280. Ниг: “Ал-Фуруъ” 1/197. “Ал-Мабсут” 1/67. “Ал-Муғнӣ” 1/128. “Ал-Маҷмуъ” 2/159. “Ал-Мавсуату-л-кувайтия” 4/99).

Лутфан ба саволҳои рақами (38074) ва (2571) руҷӯъ кунед.

Аллоҳ донотар аст.

# Истифодаи дорупошаки астма (нафастангӣ) рӯзаро намешиканад

Савол

Оё истифода намудани дорупошак ба даҳон дар рӯзи Рамазон барои касе ки гирифтори бемории нафастангӣ аст, рӯзаро фосид мекунад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Истифодаи дорупошаки астма (нафастангӣ) дар рӯзи Рамазон рӯзаро фосид намекунад.

"Дорупошаки астма (нафастангӣ) рӯзаро намешиканад, зеро он гази фишурда мебошад, ки ба шуш меравад ва ғизо нест. Бемор доимо дар Рамазон ва дар ғайри Рамазон ба он ниёз дорад. Фатово-д-даъва, Ибни Боз шумораи 979". Ниг: Китобчаи "Ҳафтод масъала оиди рӯза".

Шайх Ибни Усаймин гуфтааст:

Гази дорупошак бухор мешавад ва ба меъда намерасад. Дар ин ҳангом мегӯем: Ҳеҷ боке надорад, ки дар ҳоли рӯзадорӣ дорупошакро истифода барӣ. Бо сабаби он рӯзаатро намехӯрӣ. Поёни сухан.

"Фатово аркони-л-ислом" саҳ: 475.

Донишмандони кумитаи доимии фатво гуфтаанд:

Доруи астма (нафастангӣ), ки бемор онро дар сурати нафаскашӣ истифода мебарад, аз тариқи найчаи шуш ба

шуш мерасад, на ба меъда. Аз ин рӯ, он хӯрданӣ ва нӯшиданӣ ва монанди он ду намебошад . . . Ба назар мерасад, ки истифодаи ин дору рӯзаро намешиканад. Поёни сухан. "Фатово исломия" (1/130).

Аллоҳ донотар аст.

## Оё зан бояд аввал рӯзаи қазои Рамазонро ба ҷой биёварад, ё рӯзаи шаш рӯзи Шавволро?

Савол

Дар мавриди рӯзаи шаш рӯзи Шаввол пас аз иди Фитр, оё зан бояд аввал рӯзаи рӯзҳои қазои Рамазонро, ки бо сабаби ҳайз нагирифтааст, ба ҷой биёварад ва сипас рӯзаи шаш рӯзи Шавволро анҷом бидиҳад, ё чи гуна?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Дар ҳадиси паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омадааст: **"Касе, ки Рамазонро рӯза гирад ва онро бо шаш рӯз аз Шаввол идома диҳад, (яъне шаш рӯзи дигар дар моҳи Шаввол рӯза гирад) монанди рӯзаи даҳр аст (гуё, ки як сол рӯза гирифтааст)".** Ривояти Муслим, рақами ҳадис: 1984.

Агар зан бихоҳад, ки ин аҷрро ба даст биёварад, бояд аввал рӯзаи рӯзҳои Рамазонро комил кунад, сипас рӯзаи шаш рӯзи Шавволро адо намояд, то бар ӯ ин ҳадис мутобиқ гардад ва аҷри дар ҳадис омадаро ноил шавад.

Аммо аз ҷиҳати ҷоиз будан, барои зан ҷоиз аст, ки қазои рӯзаи рӯзҳои Рамазонро ба таъхир бияндозад ва метавонад онро пеш аз омадани Рамазони оянда анҷом бидиҳад.

## Оё ин ҷавондухтар падарашро фармонбардорӣ намуда, рӯза нагирад?

Савол

Ман 29-сола мебошам ва дар рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе мунтазам рӯза мегирам. Падарам мехоҳад, ки ман танҳо ба як рӯзи он иктифо кунам, аммо ман рӯзаро таҳаммул карда метавонам. Агар ман ӯро мухолифат намоям, оқи падар (фарзанди саркашу нофармон) мешавам?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ. "Агар воқеият ҳамон тавре бошад, ки шумо зикр кардед, пас шумо дар ин ҳолат, ба хотири мухолифат варзиданатон ба ӯ, ки шуморо аз якҷоя рӯза гирифтани душанбе ва панҷшанбе наҳй намудааст, оқи падар (фарзанди саркашу нофармон) ҳисобида намешавед, зеро рӯзаи ин ду рӯз (яъне рӯзаи рӯзи душанбе ва панҷшанбе) тоат аст, модоме ки ба анҷом додани он қодиру тавоно бошед. Фармонбардории махлуқ ҷоиз нест, агар аз тоати Аллоҳ манъ намояд. Илова бар ин, ба назар мерасад, ки ӯ бо шумо меҳрубонӣ кардан мехоҳад ва шуморо ба тарк намудани рӯза маҷбур намекунад.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз. Шайх Абдурраззоқ Афифӣ . Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён.

"Фатово-л-лаҷнату-д-доимату ли-л-буҳуси-л-илмийяти ва-л-ифто" (25/198).

Аллоҳ донотар аст.

## Оё макидани ибҳом (ангушти калон, сарангушт) рӯзаро мешиканад?

Савол

Ман як мушкилие дорам ва он мушкилӣ ин аст, ки ман ҳанӯз аз кӯдакиам сарангушти худро мемакам. Ин одат дар вақтҳои беморӣ зиёд мешавад. Ман дар шакку шубҳа ҳастам, ки оё ин амал ҳаром аст ва ё на? Оё ин амал рӯзаи маро фосид мекунад? Як дӯсте ба ман гуфт, ки ҳар чизе вориди бадан шавад, рӯзаро ботил мекунад. Лутфан ҳарчӣ зудтар ба саволи ман посух бидиҳед, зеро Рамазон ба наздикӣ оғоз мешавад ва аз ин чиз шарм медорам ва дар ин бора бо касе сӯҳбат кардан намехоҳам, ҳатто бо шавҳарам.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шумо бояд барои тарк намудани ин одат саъю кӯшиш кунед ва ангушти худро аз даҳонатон бароред, ҳар боре, ки аз он огоҳ шавед. Ҳар он чизе, ки дар ҳоли фаромӯшӣ рӯй медиҳад, ба рӯзаи шумо зарар намекунад.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Аллоҳ таъоло аз уммати ман хато ва**

**фаромӯшӣ ва он чи ки бар он маҷбур карда мешаванд, гузашт кардааст».** Ибни Моҷа (2033) ин ҳадисро ривоят кардааст ва дар "Саҳиҳу-л-ҷомиъ" дар зери шумораи (1731) зикр шудааст.

## Оё рӯзааш бо сабаби дашному ҳақорат фосид мешавад?

Савол

Дар моҳи Рамазон, агар инсон аз чизе ғазаб кунад ва дар ҳоли ғазаб, касеро биранҷонад ва ё дашном бидиҳад, рӯзааш фосид мешавад ва ё на?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Ин амал рӯзаи ӯро ботил намесозад, вале савоби онро кам менамояд. Мусулмон бояд худро идора кунад ва забонашро дар ҳоли рӯза ва ғайри рӯза аз дашному ҳақорат, ғайбату суханчинӣ ва чизҳои дигаре, ки Аллоҳ ҳаром кардааст, нигаҳ дорад. Дар ҳоли рӯза ба хотири комил шудани рӯзааш ба ин чиз бештар аҳамият бидиҳад ва аз ҳар чизе, ки мардумро азият медиҳад ва ё сабаби фитнаву хусумат ва тафриқа мешавад, парҳез кунад, зеро Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар гоҳ яке аз шумо рӯзадор бошад, набояд дар он рӯз носазогӯӣ кунад ва доду фарёд занад. Ва агар касе ӯро дашном диҳад ва ё бо ӯ даргир шавад, бояд бигӯяд: Ман**

**рӯзадор ҳастам».** Муттафақун алайҳ. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз .

Шайх Абдурраззоқ Афифӣ .

Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён .

Шайх Абдуллоҳ ибни Қаъуд.

Фатово-л-лаҷнату-д-доимату ли-л-буҳуси-л-илмийяти ва-л-ифто (10/332,333).

## Оё рӯзаи шаш рӯзи Шаввол чуноне ки баъзе аз донишмандон қайд кардаанд, макруҳ аст?

Савол

Шумо дар мавриди рӯзаи шаш рӯзе баъд аз Рамазон чӣ мегӯед? Дар китоби "Муваттаъ"-и Молик омадааст, ки Имом Молик ибни Анас дар мавриди рӯзаи шаш рӯзе баъд аз иди Фитри Рамазон гуфтааст: Ӯ ягон аҳли илму фиқҳро надидааст, ки онро рӯза гирифта бошад ва аз ягон шахсе аз гузаштагон чунин чизе ба ман нарасидааст ва донишмандон онро макруҳ донистаанд ва аз бидъат будани он ва аз пайваст намудани рӯзаҳое ба Рамазон, ки аз он нест, метарсиданд. Ин сухан дар китоби "Ал-Муваттаъ" дар зери шумораи 228, дар ҷузъи аввали он зикр шудааст.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аз Абуайюб (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) собит шудааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Касе, ки Рамазонро рӯза гирад ва онро бо шаш рӯз аз Шаввол идома диҳад, (яъне шаш рӯзи дигар дар моҳи Шаввол рӯза гирад) монанди рӯзаи даҳр аст (гуё, ки як сол рӯза гирифтааст)».** Ривояти Аҳмад (5/417), Муслим (2/822), Абудовуд (2433) ва Тирмизӣ (1164).

Ин ҳадиси саҳеҳ далолат мекунад, ки рӯзаи шаш рӯзи Шаввол суннат аст. Шофеӣ, Аҳмад ва гурӯҳе аз имомони донишмандон ба он амал кардаанд. Дуруст нест, ки иллатандешии баъзе донишмандон дар муқобили ин ҳадис қарор бигирад, ки онҳо бар макруҳ будани рӯзаи Шаввол якчанд иллату сабабҳоеро зикр кардаанд, аз ҷумла: Аз тарси ин ки ҷоҳилон гумон кунанд, ки рӯзаи Шаввол бахше аз Рамазон аст ва ё ин ки гумон кунанд, ки он воҷиб аст. Сабаби дигар ин аст, ки аз донишмандони пешина ба онҳо нарасидааст, ки касе аз онон ин рӯзаро анҷом дода бошад.

Ҳамаи ин иллатҳо гумон аст ва дар муқобили ҳадисҳои саҳеҳ қарор гирифта наметавонад. Касе, ки медонад, дар баробари касе, ки намедонад, ҳуҷҷат аст.

Сарчашма: Аллаҷнату-Д-Доимату Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто (10/389).

## Оё ӯ аз номи падараш, ки дар моҳи Рамазон вафот кардааст, бояд рӯза бигирад?

Савол

Падарам дар рӯзи саввуми моҳи Рамазон вафот кард. Оё бар ман воҷиб аст, ки Рамазонро барои ӯ комил бикунам, яъне ба ҷои ӯ бисту ҳафт рӯз рӯза бигирам?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Бар шумо ҳеҷ чизе лозим нест, зеро ҳангоме ки падари шумо вафот кард, воҷиб аз ӯ соқит шуд. Аз ин рӯ, шумо набояд аз номи ӯ рӯза бигиред ва ин амал барои шумо машрӯъ намебошад". Поёни сухан.

Шайх Абдулазиз ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод).

Китоби "Маҷмӯи фатово ва мақолотун мутанаввиа" (15/376).

## Оё ҳамбистарӣ дар рӯзҳои моҳи Рамазон ҷоиз аст?

Савол

Оё ҳамбистарӣ дар рӯзҳои моҳи Рамазон ҷоиз аст? Оё ҳамбистарӣ дар шабҳои Рамазон ва ғусл пеш аз саҳарихӯрӣ ҷоиз аст?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аввал:Ҳамбистарӣ дар рӯзҳои Рамазон бар марду зане, ки рӯза бар онҳо дар он фарз аст, ҳаром мебошад. Анҷом

додани ин кор гуноҳест, ки бояд каффорат дода шавад. Каффораи он озод кардани як ғулом аст. Агар наёбад, пас бояд ду моҳ пайдарпай рӯза бигирад. Касе, ки ин корро карда натавонист, бояд шаст мискинро таом диҳад.

**Аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки мегӯяд: Дар назди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нишаста будем, ки марде омада гуфт: Эй расулуллоҳ, ҳалок шудам. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Ба ту чӣ шудааст? Гуфт: Бо занам ҳамбистарӣ намудам дар ҳоле ки ман (дар Рамазон) рӯза будам. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Оё метавонӣ ғуломеро озод кунӣ? Гуфт: На. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Оё метавонӣ ду моҳ пайдарпай рӯза бигирӣ? Гуфт: На. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Оё метавонӣ шаст мискинро таом бидиҳӣ? Гуфт: На. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) каме истод. Дар ҳамин ҳол будем, ки сабаде аз хурмо назди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) оварда шуд. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Саволкунанда куҷост? Он мард гуфт: Ман. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Инро бигир ва онро садақа бикун. Он мард гуфт: Эй расулуллоҳ! Оё онро бар шахси аз худам камбағалтар садақа бикунам? Ба Аллоҳ қасам, ки дар байни ҳар ду сангистон (санглохи сӯхта)-и Мадина хонаводае камбағалтар аз хонаводаи ман нест. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) хандид, ҳатто дандонҳои ашкаш намоён шуд. Сипас фармуд: Онро ба хонаводаи худ бидеҳ.**

Ривояти Бухорӣ (1834), (1835) ва Муслим (1111).

Дуввум:

Аммо ҳамбистарӣ дар шабҳои Рамазон ҷоиз буда, мамнӯъ намебошад. Вақти ҷоиз будани ҳамбистарӣ (аз шом) то даромадани вақти субҳ идома меёбад. Ҳангоме ки субҳ дамад, ҳамбистарӣ ҳаром мегардад. Аллоҳ таъоло фармудааст:

أُحِلَّ لَكُمْ لَيْلَةَ الصِّيَامِ الرَّفَثُ إِلَى نِسَائِكُمْ هُنَّ لِبَاسٌ لَكُمْ وَأَنْتُمْ لِبَاسٌ لَهُنَّ عَلِمَ اللَّهُ أَنَّكُمْ كُنْتُمْ تَخْتَانُونَ أَنْفُسَكُمْ فَتَابَ عَلَيْكُمْ وَعَفَا عَنْكُمْ فَالآنَ بَاشِرُوهُنَّ وَابْتَغُوا مَا كَتَبَ اللَّهُ لَكُمْ وَكُلُوا وَاشْرَبُوا حَتَّى يَتَبَيَّنَ لَكُمُ الْخَيْطُ الأَبْيَضُ مِنَ الْخَيْطِ الأَسْوَدِ مِنَ الْفَجْرِ ثُمَّ أَتِمُّوا الصِّيَامَ إِلَى اللَّيْلِ سورة البقرة: ١٨٧

**«Ҳамбистарӣ бо занонатон дар шаби рӯза барои шумо ҳалол шуд. Онҳо либоси шумоянд ва шумо либоси онҳоед. Аллоҳ медонист, ки шумо бар худ хиёнат мекардед, пас, тавбаатонро пазируфт ва аз шумо даргузашт. Пас, акнун (дар шабҳои Рамазон метавонед) бо онҳо ҳамбистарӣ кунед ва он чиро, ки Аллоҳ барои шумо муқаррар кардааст, талаб намоед ва бихӯреду бинӯшед, то риштаи сафеди субҳ аз риштаи сиёҳи шаб бароятон ошкор шавад. Пас рӯзаро то шаб комил бикунед».** (Сураи Бақара: 187).

Ин оят далели ҷоиз будани хӯрдану нӯшидан ва ҳамбистарӣ дар шабҳои Рамазон то субҳ мебошад.

Ғусл баъд аз ҳамбистарӣ воҷиб мебошад ва пас аз он намози бомдод.

Аллоҳ донотар аст.

# **Рӯза гирифтани рӯзи дуввуми Шаввол ҷоиз аст**

Савол

Оё рӯзаи қазоӣ дар дуввум ё саввум рӯзи ид ҷоиз аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Иди Фитр фақат як рӯз аст. Он рӯзи аввали Шаввол мебошад. Аммо ончи дар назди мардум машҳур аст, ки иди Фитр се рӯз мебошад, ин танҳо урфест, ки дар байни мардум шӯҳрат ёфтааст ва бар он ягон ҳукми шаръие тартиб намеёбад.

Бухорӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:

Боби рӯзаи рӯзи иди Фитр.

Сипас ҳадисеро дар зери шумораи (1992) аз Абусаид (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки мефармояд: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз рӯзаи рӯзи иди Фитр ва иди Қурбон манъ кардааст.

Аз ин хотир, иди Фитр фақат як рӯз аст ва рӯза гирифтани он рӯз ҳаром мебошад. Аммо рӯзаи дуввум ё саввум рӯзи Шаввол ҳаром намебошад. Дар он ду рӯз (яъне рӯзи дуввум ва саввуми Шаввол) рӯзаи қазои Рамазон ё рӯзаи нофила ҷоиз мебошад.

Аллоҳ донотар аст.

## Рӯзаи Рамазон бо вуҷуди бенамозӣ пазируфта намешавад

Савол

Ман дар моҳи Рамазон рӯза мегирам, вале намоз намехонам. Оё рӯзаам дуруст мебошад?

**Матни ҷавоб**

Ҷавоб:Рӯзаи Рамазон, балки ягон амале аз амалҳо бо вуҷуди бенамозӣ пазируфта нахоҳад шуд, зеро бенамозӣ куфр аст. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Албатта байни мард ва ширку куфр ин тарки намоз аст».** Ривояти Муслим (82). Ба саволи (5208) руҷӯъ кун.

Аз кофир ягон амале пазируфта намешавад, зеро Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَقَدِمْنَا إِلَى مَا عَمِلُوا مِنْ عَمَلٍ فَجَعَلْنَاهُ هَبَاءً مَنْثُورًا   الفرقان/23 .

**«Ва Мо ба (баррасии) амалҳое, ки анҷом додаанд, мепардозем ва ҳамаро чун зарраҳои хок барбод медиҳем».** (Сураи Фурқон: 23).

Инчунин Аллоҳ таъоло фармудааст:

لَئِنْ أَشْرَكْتَ لَيَحْبَطَنَّ عَمَلُكَ وَلَتَكُونَنَّ مِنَ الْخَاسِرِينَ   الزمر/65.

**«Агар ширк биёварӣ, бешак амалат нобуд мегардад ва ҳатман аз зиёнкорон хоҳӣ буд».** (Сураи Зумар: 65).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Касе ки намози асрро тарк кунад, пас ба таҳқиқ амалаш нобуд хоҳад шуд».** Ривояти Бухорӣ (553).

Маънои «амалаш нобуд хоҳад шуд». Яъне: Ботил ва бекор хоҳад шуд ва аз он манфиате нахоҳад дид.

Ҳадиси мазкур далолат мекунад, ки Аллоҳ таъоло ягон амалеро аз бенамоз қабул нахоҳад кард. Бенамоз аз амалаш ягон манфиате нахоҳад дид ва ягон амали ӯ ба назди Аллоҳ бардошта нахоҳад шуд.

Ибни Қаййим (раҳмати Аллоҳ таъоло бар ӯ бод) дар шарҳи ин ҳадис гуфтааст: Аз ҳадис маълум мешавад, ки тарки намоз ду намуд аст: (Аввал) Пурра тарк кардани намоз, тавре ки инсон ҳеҷ гоҳ намоз намехонад. Дар ин ҳолат, тамоми амалҳои инсон нобуд мегарданд. (Дуввум) Нахондани намоз дар рӯзи муайян, ки дар ин ҳолат амалҳои ҳамон рӯз нобуд мегарданд. Нобуд шудани ҳамаи амалҳо дар ҳангоми пурра тарк кардани намоз аст. (Яъне агар намозро бо пуррагӣ тарк намояд, тамоми амалҳояш нобуд мегарданд). Аммо нобуд шудани баъзе аз амалҳо дар ҳангоми тарк кардани баъзе аз намозҳо мебошад. (Яъне агар баъзе аз намозҳоро тарк намояд, баъзе аз амалҳояш нобуд мегарданд). Поёни сухан аз “Китобу-с-салот” (саҳ 65).

Ба саволдиҳанда насиҳат мекунем, ки ба сӯи Аллоҳ таъоло тавба намояд ва аз тафриту кӯтоҳӣ дар ҳаққи Аллоҳ ва гирифтор намудани нафси худ ба хашму ғазаби ва азоби Аллоҳ таъоло пушаймон гардад. Аллоҳ таъоло тавбаи бандагони тавбакунандаро мепазирад ва гуноҳонашонро

мебахшад. Балки Аллоҳ таъоло ба тавбаи бандааш хеле шод мешавад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) тавбакунандаро мужда дода фармудааст: **«Шахси тавбакунанда аз гуноҳ, ба монанди касест, ки гӯё гуноҳ накардааст».** Ривояти Ибни Моҷа (4250). Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу Ибни Моҷа" (3424) ҳасан донистааст.

Бояд ба ғусл ва намоз шитоб намояд, то ин ки покии зоҳириву ботиниро ҷамъ намояд. Тавбаро ба ақиб нагузор. Нагӯй, ки пагоҳ ё баъди пагоҳ тавба хоҳам кард, зеро инсон намедонад, ки кай маргаш фаро мерасад. Пеш аз ин ки (пушаймон шавӣ ва аз) пушаймонӣ суде нест, ба сӯи Аллоҳ тавба намояд.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَيَوْمَ يَعَضُّ الظَّالِمُ عَلَى يَدَيْهِ يَقُولُ يَا لَيْتَنِي اتَّخَذْتُ مَعَ الرَّسُولِ سَبِيلا ❁ يَا وَيْلَتِى لَيْتَنِي لَمْ أَتَّخِذْ فُلانًا خَلِيلا ❁ لَقَدْ أَضَلَّنِي عَنْ الذِّكْرِ بَعْدَ إِذْ جَاءَنِي وَكَانَ الشَّيْطَانُ لِلإِنسَانِ خَذُولا الفرقان/27-29.

**«Рӯзе, ки золим дастони худро ба дандон мегазад ва мегӯяд: "Эй кош, ман ҳам бо ҳамроҳи расул роҳи имонро пеш мегирифтам. Вой бар ман! Эй кош фалониро дӯст намегирифтам. Ба ростӣ, ӯ маро аз зикр (Қуръон) пас аз он ки ба сӯи ман омада буд, гумроҳ сохт. Ва шайтон ҳамеша одамиро хору танҳо мегузорад».** (Сураи Фурқон: 27-29).

## Саҳарихӯрӣ барои дурустии рӯза шарт нест

Савол

Бидуни ба назар гирифтани Рамазон, агар бихоҳам, ки дар рӯзи душанбе ва панҷшанбе бе саҳарихӯрӣ рӯза бигирам, зеро наметавонам дар субҳ бедор шуда, саҳарихӯрӣ кунам. Оё рӯза бе саҳарихӯрӣ ҷоиз аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: Саҳарихӯрӣ барои дурустии рӯза шарт нест. Балки саҳарихӯрӣ мустаҳаб аст. Зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Саҳарихӯрӣ бикунед, чунки дар саҳарихӯрӣ барака аст».** Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

## Табрику таҳният гуфтан ба фарорасии моҳи Рамазон

Савол

Оё табрику таҳният гуфтан ба фарорасии моҳи Рамазон ҷоиз аст, ё ин амал бидъат ба ҳисоб меравад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Табрику таҳният гуфтан ба фарорасии моҳи Рамазон ҳеҷ боке надорад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) саҳобагони худро ба фарорасии моҳи Рамазон башорат медод ва ононро барои эҳтимом варзидан ба ин моҳ тарғибу ташвиқ мекард. Аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ

бар ӯ бод) фармудааст: **«Рамазон, моҳи муборaке ба сӯи шумо омад, ки Аллоҳ таъоло рӯзаашро бар шумо фарз гардонид. Дар он дарҳои осмон кушода ва дарҳои дӯзах баста ва шайтонҳои саркаш занҷирбанд карда мешаванд. Дар он шабе вуҷуд дорад, ки аз ҳазор моҳ беҳтар аст. Касе, ки аз хайри он маҳрум шавад, дар ҳақиқат маҳрум аст».** Ривояти Насоӣ (4/129). Инчунин дар китоби "Саҳиҳу-т-тарғиб" (1/490) ворид шудааст.

Рисолаи "Ҳафтод масъала оиди рӯза"

---

## Ӯ мехоҳад қазои рӯзаи Рамазонро то зимистон ба таъхир андозад, зеро рӯзҳояш кӯтоҳ мебошанд

Савол

Анҷом додани қазои рӯзаи рӯзҳои Рамазон дар фасли зимистон чӣ ҳукм дорад? Чунки ҳамонтавре медонем рӯзҳои зимистон кӯтоҳ аст.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Бар касе, ки рӯзаи рӯзҳое аз Рамазонро хӯрдааст, воҷиб мебошад, ки пеш аз фаро расидани Рамазони дигар, қазои он рӯзҳоро анҷом бидиҳад, хоҳ дар рӯзҳои зимистон бошад ё дар дигар рӯзҳои сол, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِّنْ أَيَّامٍ أُخَرَ

سورة البقرة: ١٨٥

**«Ва ҳар кас бемор ва ё дар сафар бошад, бояд ба теъдоди рӯзҳои фавтшуда дар рӯзҳои дигар рӯза бидорад».** (Сураи Бақара: 185).

Аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) собит шудааст, ки ӯ қазои рӯзаи Рамазон дошт, вале ба хотири мақоми расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) қазои онро танҳо дар моҳи Шаъбон адо мекард.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз .. Шайх Абдурраззоқ Афифӣ .. Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён. "Фатово-л-лаҷнату-д-доима. Ал-Маҷмуъату-с-сония" (9/278).

## Хуне, ки аз байни дандонҳо берун меояд, рӯзаро фосид намекунад

Савол

Оё хуне, ки тасодуфан аз байни дандонҳо берун меояд, рӯзаро фосид мекунад ва ё на? Агар ин аз ҷониби худи шахс рух надода бошад, яъне аз ҷониби шахси дигаре рух бидиҳад, ки ӯро иштибоҳан бизанад. Моро роҳнамоӣ кунед, Аллоҳ бароятон подоши некӯ диҳад.

Матни ҷавоб

Хуне, ки аз байни дандонҳо берун меояд, рӯзаро фосид намекунад, хоҳ худ аз худ берун ояд, хоҳ аз сабаби задани инсоне ба он.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва даруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод.

Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ (10/267).

Вале фурӯ бурдани ин хун бар рӯзадор ҳаром аст. Агар онро қасдан фурӯ барад, рӯзааш фосид мешавад.

## Ҳукми истифодаи дорупошаки бинӣ барои рӯзадор

Савол

Ҳукми истифодаи дорупошаки бинӣ дар рӯза чист?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Дар ҳолатҳои зарурӣ ҳеҷ боке надорад, аммо агар имконияти ба таъхир андохтан он то шаб вуҷуд дошта бошад, ин кор эҳтиётноктар аст". Поёни сухан.

Шайх Абдулазиз ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод).

"Маҷмуъу фатово"-и Шайх Ибни Боз (15/264).

Дар қарори "Маҷмаъу-л-фиқҳи-л-исломӣ" омадааст:

"Умури зерин аз шиканандаҳои рӯза ба ҳисоб намеравад: ... қатраи чашм, қатраи гӯш, шустани гӯш, қатраи бинӣ ва

дорупошаки бинӣ, агар аз фурӯ бурдани чизе, ки ба ҳалқ мерасад, парҳез кунад". Поёни сухан.

"Маҷаллату-л-маҷмаъ" (10/2/454).

Аллоҳ донотар аст.

## Ҳукми касе ки аз рӯи фаромӯшӣ ифтор бикунад

Савол

Аз рӯи фаромӯшӣ ифтор кардан дар рӯзаи нофила чӣ ҳукм дорад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бухорӣ (6669) ва Муслим (1155) аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки мегӯяд: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар рӯзадоре, ки аз рӯи фаромӯшӣ бихӯрад ва ё бинӯшад, рӯзаи худро идома бидиҳад, зеро Аллоҳ ӯро хӯронидаву нӯшонидааст».**

Ҳамчунин воҷиб набудани каффорат ва қазо ба таври возеҳ ворид шудааст.

Ибни Хузайма (1999) аз Абуҳурайра ривоят кардааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Касе ки дар моҳи Рамазон аз рӯи фаромӯшӣ ифтор кунад (чизе бихӯрад ва ё бинӯшад), қазо ва каффорае бар ӯ воҷиб нест».** Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу Ибни Хузайма" ҳасан шуморидааст.

Дорақутнӣ аз Абусаид ривоят кардааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд: **«Касе ки дар моҳи Рамазон аз рӯи фаромӯшӣ чизе бихӯрад, қазое бар ӯ воҷиб нест».**

Ҳофиз гуфтааст: Ҳарчанд санади он ҳадис заиф бошад ҳам, вале метавон онро ҳамчун мутобаат истифода бурд. Дараҷаи он ҳадис бо ин лафзи зиёдатӣ ҳадди ақал ҳасан мебошад, ки метавон онро ҳамчун далел истифода кард. Ҳадисҳое, ки дараҷаашон аз ин ҳадис пасттар аст, дар бисёре аз масъалаҳо ҳамчун далел истифода шудаанд. Ҳамчунин ин ҳадис бо фатвои гурӯҳе аз саҳобагон, ба монанди Алӣ ибни Абутолиб, Зайд ибни Собит, Абуҳурайра ва Ибни Умар тақвият меёбад, ки ҳеҷ яке аз онҳо ба ин фатво мухолифат наварзидааст, ҳамонтавре ки Ибни Мунзир, Ибни Ҳазм ва дигарон онро баён кардаанд.

Илова бар ин, он ҳадис мутобиқи сухани Аллоҳ таъоло аст:

وَلَكِنْ يُؤَاخِذُكُمْ بِمَا كَسَبَتْ قُلُوبُكُمْ (سورة البقرة: ٢٢٥).

**«Вале шуморо ба хотири он чи дар дил доред, бозхост хоҳад кард».** (Сураи Бақара: 225).

Фаромӯшӣ кори дил нест.

Инчунин бо қиёс мувофиқ аст, ки агар қасдан на аз рӯи фаромӯшӣ бихӯрад, намоз фосид мешавад, рӯза ҳам чунин аст. Дар он ҳадис меҳрубонии Аллоҳ нисбат ба бандагонаш, осонӣ ба онон ва бартараф намудани машаққату сахтӣ аз онон баён шудааст. Поёни сухан бо ихтисор.

Аксарияти донишмандон он ҳадисҳоро далел карда гуфтаанд, ки касе аз рӯи фаромӯшӣ ифтор кунад (чизе бихӯрад ва ё бинӯшад), рӯзааш дуруст мебошад, бояд рӯзаашро идома бидиҳад, қазо ва каффорае бар ӯ воҷиб нест. Умумияти ҳадис рӯзаи фариза ва нофиларо дар бар мегирад ва миёни онҳо ҳеҷ фарқе вуҷуд надорад.

Шофеӣ дар китоби "Ал-Умм" (2/284) гуфтааст:

**"Ҳар гоҳ рӯзадор дар рӯзаи Рамазон, рӯзаи назрӣ, рӯзаи каффорат, рӯзаи воҷибшуда бо сабабе ва ё рӯзаи нофила аз рӯи фаромӯшӣ бихӯрад ва ё бинӯшад, рӯзааш комил буда, қазое бар ӯ воҷиб намебошад".** Поёни сухан.

Нававӣ гуфтааст: Ин далел барои мазҳаби аксарият мебошад: Ҳар гоҳ рӯзадор аз рӯи фаромӯшӣ бихӯрад, бинӯшад ва ё ҳамбистарӣ намояд, ифтор намекунад (яъне рӯзааш фосид намешавад). Ин дидгоҳи Шофеӣ, Абуҳанифа, Довуд ва дигарон аст. Поёни сухан.

Аз ҷумлаи қиссаҳои нодиру ҷолиб ин аст, ки Абдурраззоқ аз Амр ибни Динор ривоят кардааст, ки марде ба назди Абуҳурайра омада, гуфт: Субҳ рӯза гирифтам, пас фаромӯш карда, хӯрдам. Абуҳурайра гуфт: Ҳеҷ боке надорад. Он мард гуфт: Сипас ба назди марде ворид шудам ва фаромӯш карда, хӯрдаму нӯшидам. Абуҳурайра гуфт: Ҳеҷ боке надорад. Аллоҳ таъоло туро хӯронидаву нӯшонидааст. Сипас он мард гуфт: Ба назди марди дигаре ворид шудам ва фаромӯш карда, хӯрдам. Абуҳурайра гуфт: Ту инсоне ҳастӣ, ки ба рӯзадорӣ одат накардаӣ.

## Ҳукми касе, ки дар моҳи Рамазон духтари бегонаеро бӯса кардааст

Савол

Ҳукми касе, ки дар моҳи Рамазон духтари бегонаеро бӯса кардааст, чист? Оё қазои он рӯз бар ӯ воҷиб аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бешак ин марде, ки зани бегонаеро бӯса намудааст, ҳикмати рӯзаро дарк накардааст, зеро ин мард кирдори ботилеро анҷом додааст. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар кас гуфтору кирдори ботил ва ҷаҳолатро тарк накунад, Аллоҳ ба тарки хӯрдану нӯшидани ӯ, ҳеҷ ниёзе надорад».**

Агар духтарро маҷбур намуда, ин корро анҷом дода бошад, дар ҳаққи ӯ кирдори ботил ва ҷаҳолат бо ҳам ҷамъ шудаанд. Аз ин рӯ, дар воқеъ рӯзаи ӯ ҳикмату ҳадафи худро гум кардааст ва бидуни шак савоби он ноқису нопурра буда, вале дар назди аксари донишмандон рӯзааш фосид намешавад. Ин ба ин маъност, ки мо ба ӯ намегӯем, ки қазои он рӯзро адо намо.

## Ҳукми қасдан бӯй кашидани бӯи таом

Савол

## Ҳукми касе ки дар ҳоли рӯзадорӣ қасдан бӯи таомро истишмом (бӯй) мекунад, чист?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳеҷ боке нест, ки шахси рӯзадор бӯйҳои хушро истишмом намояд, хоҳ он бӯи хӯрок бошад, бӯи хушбӯӣ ва ё бӯи чизи дигар. Вале бухур (дуди хушбӯӣ) ва ё бухори хӯрокро истишмом намекунад, зеро он моддае дорад, ки метавонад (бо воситаи бинӣ) ба меъда ворид шавад.

Дар "Ҳошияту-д-дасуқӣ" (1/525) омадааст:"Ҳар гоҳ дуди бухур ва ё бухори хӯрок ба ҳалқи инсон бирасад, қазои рӯза воҷиб мегардад . Ҳар гоҳ он дуд бо воситаи истишмом (ба ҳалқ) бирасад, хоҳ он шахси истишмомкунанда худ онро омода карда бошад ва ё шахси дигар. Аммо агар яке аз он ду беихтиёри инсон ба ҳалқ бирасад, бино бар мӯътамадтарин дидгоҳ қазои он ба омодакунанда ва ё ба дигарон воҷиб нест". Поёни сухан бо ихтисор.

Аз Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсиданд:

"Оё истифода бурдани хушбӯӣ, ба монанди равғани уд, одеколон ва бухур дар рӯзи Рамазон ҷоиз аст?

Чунин посух дод:"Бале, истифода бурдани он ҷоиз аст, ба шарте бухур (дуди хушбӯӣ)-ро ба бинӣ накашад". Поёни сухан."Фатово"-и Ибни Боз (15/267).

Аз Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсиданд:Истифода бурдани хушбӯиҳо дар рӯзи Рамазон барои рӯзадор чӣ ҳукм дорад?

Чунин посух дод:"Ҳеҷ боке нест, ки хушбӯиро дар рӯзи Рамазон истифода барад ва онро истишмом кунад, ба ҷуз бухур (дуди хушбӯӣ), ки онро истишмом намекунад, зеро он моддае дорад, ки метавонад (бо воситаи бинӣ) ба меъда ворид шавад, ки он дуд мебошад". Поёни сухан.

"Фатово Рамазон" (саҳ 499).

Дар фатовои Кумитаи доимӣ (10/271) омадааст:

"Ҳар кас бо ҳар намуди хушбӯӣ дар рӯзи Рамазон дар ҳоли рӯзадорӣ худро хушбӯй намояд, рӯзааш фосид намешавад, вале бухур ва хӯшбӯиҳои кӯбидашуда, аз қабили хокаи мушкро истишмом намекунад". Поёни сухан.

Хулоса:

Танҳо бӯй кардани хӯрок дар ҳоли рӯзадорӣ ҳеҷ боке надорад (яъне рӯзаро намешиканад), вале набояд бухорҳои хӯрокро истишмом бикунад.

Аллоҳ донотар аст.

## Аз рӯи фаромӯшӣ хӯрдану нӯшидан дар рӯзи Рамазон

Савол

Ҳукми касе, ки аз рӯи фаромӯшӣ дар рӯзи Рамазон бихӯрад ва ё бинӯшад, чист?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳеҷ боке надорад ва рӯзааш дуруст мебошад, зеро Аллоҳ таъоло дар охири сураи Бақара фармудааст:

«رَبَّنَا لا تُؤَاخِذْنَا إِنْ نَسِينَا أَوْ أَخْطَأْنَا

(سورة البقرة: ٢٨٦)

**«Парвардигоро! Агар фаромӯш намудем ё хато кардем, моро бозхост макун».** (Сураи Бақара: 286).

Дар ҳадиси саҳеҳ аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки Аллоҳ таъоло фармудааст: **«Ба таҳқиқ иҷобат намудам».**

Ҳамчунин аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки мефармояд: **«Ҳар рӯзадоре, ки аз рӯи фаромӯшӣ бихӯрад ва ё бинӯшад, рӯзаи худро идома бидиҳад, зеро Аллоҳ ӯро хӯронидаву нӯшонидааст».** Муттафақун алайҳ. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Инчунин агар аз рӯи фаромӯшӣ ҳамбистарӣ намояд, рӯзааш тибқи саҳеҳтарин дидгоҳи донишмандон бо далели ояти собиқ ва ин ҳадиси шариф ва сухани зерини паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дуруст мебошад, ки фармудааст: **«Касе ки дар моҳи Рамазон аз рӯи фаромӯшӣ ифтор кунад (чизе бихӯрад ва ё бинӯшад), қазо ва каффорае бар ӯ воҷиб нест».** Ҳоким ин ҳадисро ривоят

карда, онро саҳеҳ донистааст. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-л-ҷомиъ" (6070) ҳасан шуморидааст.

Лафзи ин ҳадис ҳамбистарӣ ва дигар шикanaндаҳои рӯзаро дарбар мегирад, агар рӯзадор онро аз рӯи фаромӯшӣ анҷом бидиҳад. Ин аз раҳмат ва лутфу эҳсони Аллоҳ аст, ки бар ин неъмат Ӯро ҳамду сипос мегӯем.

## Чӣ гуна метавон кӯдаконро ба рӯзадорӣ одат кунонид?

Савол

Ман фарзанди нӯҳсола дорам. Мехоҳам ба ман кӯмак намоед, чӣ гуна писарамро ба рӯзаи моҳи Рамазон одат кунонам, иншоаллоҳ (агар Аллоҳ бихоҳад). Зеро ӯ дар Рамазони гузашта танҳо 15 рӯз рӯза гирифтааст.

Ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

**Аввал:** Дидани чунин савол хеле хурсандибахш аст. Ин савол ба зиёд аҳамият додан нисбати фарзандон ва тарбияи онон бар тоати Аллоҳ таъоло далолат мекунад. Ин ҳамон насиҳат намудани зердастон аст, ки Аллоҳ волидайнро бар онҳо сарвар қарор додааст.

**Дуввум:**

Писарчаи нӯҳсола аз рӯи шариат ба рӯзадорӣ мукаллаф нагардидааст, чунки ба синни балоғат нарасидааст. Аммо Аллоҳ таъоло падару модарро вазифадор намудааст, ки

фарзандонро ба ибодатҳо тарбия кунанд. Аллоҳ таъоло ба онон дастур додааст, ки ба писарон дар синни ҳафтсолагӣ намозхониро таълим бидиҳанд ва дар синни даҳсолагӣ агар намоз нахонданд, бизананд. Саҳобагони гиромиқадр (Аллоҳ аз онон хушнуд бод) кӯдаконашонро дар хурдсолӣ рӯза медоронданд, то ба ин ибодати бузург одат кунанд. Ҳамаи ин муносибатҳо ба аҳамияти ҷиддӣ нисбати фарзандон барои нашъунамои онон бар кирдору рафтори беҳтарин далолат мекунанд.

**Дар бораи намоз чунин омадааст:**Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳангоме ки фарзандонатон ба ҳафтсолагӣ расиданд, ба намоз хондан амр намоед. Чун ба даҳсолагӣ расиданду намоз нахонданд, онҳоро бизанед ва (дар даҳсолагӣ) ҷойгаҳашонро аз ҳамдигар ҷудо кунед».** Ривояти Абудовуд (495). Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу Абидовуд" саҳеҳ донистааст.

**Дар бобати рӯза омадааст:** Аз Рубаййиъ бинти Муаввиз ибни Афро (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шахсонеро дар рӯзи Ошуро ба деҳаҳои Ансориён, ки дар атрофи Мадина қарор доранд, мефиристод ва онон мегуфтанд: **«Ҳар касе, ки рӯза дошта бошад, рӯзаашро идома бидиҳад ва ҳар касе, ки имрӯз рӯза надошта бошад, боқимондаи рӯзро рӯза бигирад».** (Рубаййиъ бинти Муаввиз гуфт:) Пас мо дар он рӯз рӯза медоштем ва кӯдакони хурдсоламонро низ рӯза медоронидем, иншоаллоҳ (агар Аллоҳ бихоҳад). Ва ба масҷид мерафтем ва барои онҳо аз пашм бозичае месохтем. Агар яке аз онҳо барои хӯрок гиря кунад,

бозичаро ба ӯ дода, то ҳангоми ифтор ӯро машғул месохтем. Ривояти Бухорӣ (1960) ва Муслим (1136).

Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ба масте дар моҳи Рамазон хитоб карда гуфтааст: **"Вой бар ҳоли ту! Кӯдаконамон рӯзадор ҳастанд".** Ин суханро гуфту ӯро зад. Бухорӣ ин ривоятро ба таври муаллақ дар боби рӯзаи кӯдакон ривоят кардааст.

Умре, ки падару модар бояд ба фарзандонашон рӯзаро таълим бидиҳанд, ин умрест, ки фарзанд барои рӯзадорӣ тоқат карда тавонад. Синну соли рӯзагирӣ барои кӯдакон вобаста ба инкишоф ва қувваашон, аз ҳамдигар фарқ дорад. Баъзе аз донишмандон даҳсолагиро ба рӯзадорӣ синни муносиб донистаанд.

Лутфан тафсилоти ин масъаларо дар ҷавоби саволи рақами (**65558**) бубинед. Дар он ҷо фоидаҳои муҳиме зикр шудааст.

**Саввум:**

Аммо василаҳои одат кунонидани кӯдакон бар рӯзадорӣ, умури зерин мебошад:

Дар бобати фазилатҳои рӯза сӯҳбат кардан аст, ки рӯза яке аз сабабҳои асосии даромадан ба биҳишт аст ва дар биҳишт даре бо номи Райён вуҷуд дорад, ки аз он дар танҳо рӯзадорон ворид мешаванд.

Пешакӣ ба рӯзадорӣ одат кунонидан, ба монанди якчанд рӯз рӯза гирифтан дар моҳи Шаъбон, то рӯзаи Рамазон ногаҳонӣ ва душворӣ накунад.

Рӯзаи як қисми рӯз. Бо тадриҷ метавон соатҳои рӯзадориро зиёд кард.

Саҳархӯрӣ кардан дар охирин лаҳзаҳои шаб, ин амал бар рӯзадорӣ кӯмак мекунад.

Ҳавасманд кардани кӯдакон ба рӯзадорӣ бо додани тӯҳфаҳо ҳар рӯз ё ҳар ҳафта.

Мадҳу ситоиш кардани онон ҳангоми ифтор ё саҳарӣ ва ин чиз рӯҳияи ононро баланд мекунад.

Волидайне, ки беш аз якто фарзанд доранд, метавонанд рӯҳияи мусобиқа карданро дар онҳо бедор созанд, аммо набояд шахси мағлубро маломат кунанд.

Кӯдаконеро, ки эҳсоси гуруснагӣ мекунанд, бо хоб кардан ё ки бо бозиҳои иҷозатшуда машғул сохтан, чуноне ки саҳобагони гиромӣ бо фарзандонашон ҳамин тавр муносибат доштанд. Барномаҳои муносиби кӯдакона вуҷуд доранд ва инчунин филмҳои тасвирие дар шабакаҳои мӯътамди исломӣ пахш мешаванд, ки бо ин чизҳо метавон кӯдаконро машғул сохт.

Чи хуш аст, ки падар писарашро – хусусан пас аз аср - ба масҷид барад, то намоз бихонад, дар ҳалқаҳои дарсӣ иштирок кунад ва ба хотири қироати Қуръон ва зикри Аллоҳ таъоло дар масҷид бимонад.

Ҳамроҳи кӯдак чӣ рӯз ва чӣ шаб ба зиёрати хонадоне, ки фарзандонашон рӯза мегиранд, биравад, ки ин чиз онҳоро ба рӯзадории бардавом ташвиқ менамояд.

Тақдим намудани мукофот ба онон, масалан баъди ифтор ба сайру гашт барвардан ё омода кардани таому ширинӣ ва меваҳову афшураҳои дилхоҳу дӯстдоштаашон.

Як нуктаи муҳимро набояд фаромӯш кард, ки агар фарзанд аз ҳад зиёд хаста шавад, набояд исрор кард, ки ӯ рӯзаро ба итмом бирасонад, то дар дилаш бадбинӣ нисбати ибодат пайдо нашавад ва ё ба дурӯғгӯӣ маҷбур нашавад ва ё ба беморӣ гирифтор нашавад, дар ҳоле ки ӯ ҷумлаи мукаллафшудагон нест. Бояд ба ин ҷониб аҳамият дод ва сахтгирӣ кардан дар амри рӯза дуруст нест.

Аллоҳ донотар аст.

## Ҳамбистарӣ дар шабҳои моҳи Рамазон

Савол

Оё ҳамбистарӣ дар шабҳои моҳи Рамазони муборак ҷоиз аст?

**Матни ҷавоб:**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳамбистарӣ бо ҳамсар дар Рамазон аз шом то бомдод ҷоиз мебошад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

“أُحِلَّ لَكُمْ لَيْلَةَ الصِّيَامِ الرَّفَثُ إِلَى نِسَائِكُمْ هُنَّ لِبَاسٌ لَكُمْ وَأَنْتُمْ لِبَاسٌ لَهُنَّ عَلِمَ اللَّهُ أَنَّكُمْ كُنْتُمْ تَخْتَانُونَ أَنْفُسَكُمْ فَتَابَ عَلَيْكُمْ وَعَفَا عَنْكُمْ فَالآنَ بَاشِرُوهُنَّ وَابْتَغُوا مَا كَتَبَ اللَّهُ لَكُمْ وَكُلُوا وَاشْرَبُوا حَتَّى يَتَبَيَّنَ لَكُمُ الْخَيْطُ الأَبْيَضُ مِنَ الْخَيْطِ الأَسْوَدِ مِنَ الْفَجْرِ ثُمَّ أَتِمُّوا الصِّيَامَ إِلَى اللَّيْلِ وَلا تُبَاشِرُوهُنَّ وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ تِلْكَ حُدُودُ اللَّهِ فَلا تَقْرَبُوهَا كَذَلِكَ يُبَيِّنُ اللَّهُ ءايَاتِهِ لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَتَّقُونَ” سورة البقرة: ١٨٧

**«Ҳамбистарӣ бо занонатон дар шаби рӯза барои шумо ҳалол шуд. Онҳо либоси шумоянд ва шумо либоси онҳоед. Аллоҳ медонист, ки шумо бар худ хиёнат мекардед, пас, тавбаатонро пазируфт ва аз шумо даргузашт. Пас, акнун (дар шабҳои Рамазон метавонед) бо онҳо ҳамбистарӣ кунед ва он чиро, ки Аллоҳ барои шумо муқаррар кардааст, талаб намоед ва бихӯреду бинӯшед, то риштаи сафеди субҳ аз риштаи сиёҳи шаб бароятон ошкор шавад. Пас рӯзаро то шаб комил бикунед. Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед, бо ҳамсаронатон ҳамбистарӣ накунед. Ин марзҳои Аллоҳ аст, пас ба онҳо наздик нашавед. Аллоҳ ҳамчунин оёти худро барои мардум равшан месозад, бошад, ки парҳезкор шаванд». (Сураи Бақара: 187).**

## Хамираи дандон агар ба ҳалқ нарасад, ба рӯза зараре надорад

Савол

Оё истеъмол намудани хамираи дандон барои тоза кардани даҳон дар рӯзи Рамазон, рӯзаро фосид мекунад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар хамираи дандон ба ҳалқ нарасад, рӯзаро фосид намекунад. Беҳтар аст, ки дар шаб хамираи дандон истифода бурда шавад ва дар рӯз мисвок истифода бурда шавад.

Аллоҳ мову шуморо ба анҷом додани тоату ибодати худ муваффақ созад.

## Зиёрати қабристон дар ҳангоми рӯза

Савол

Оё рафтан ба қабристон дар ҳангоми рӯза бароямон ҷоиз аст?

**Ҷавоб .** Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рафтан ба қабристон барои зиёрати он, дар ҳангоми рӯза ҳеҷ монеияте надорад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) сароҳатан фармудааст: **«Огоҳ бошед, пас онро зиёрат бикунед». Зоҳири ин ҳадис далолат мекунад, ки вақти он ом аст. (Яъне ҳар вақт, ки бихоҳӣ, метавонӣ ба зиёрати қабристон биравӣ).**

Аз Абуҳурайра ривоят шудааст, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба саҳобагони худ гуфт: **“Чӣ касе аз шумо имрӯз рӯза гирифтааст? Абубакр гуфт: Ман. Фармуд: Чӣ касе аз шумо имрӯз дар ҷанозае иштирок кардааст? Абубакр гуфт: Ман. Фармуд: Оё касе аз шумо бемореро аёдат намудааст? Абубакр гуфт: Ман. Фармуд: Оё касе аз шумо садақае кардааст? Абубакр гуфт: Ман. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: «Ин сифатҳо дар марде ҷамъ намешаванд, магар ин, ки ворид бихишт мешавад».** Ривояти Муслим.

Аллоҳ донотар аст.

## Ғусл кардан барои рӯзадор ҷоиз аст

**Савол**

Оё ҳаммом кардан рӯзаро мешиканад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Барои рӯзадор ҷоиз аст, ки ғусл намояд (ҳаммом кунад) ва ин ба рӯзааш ҳеҷ таъсире надорад.

Ибни Қудома дар китоби "Ал-Муғнӣ" (3/18) гуфтааст:

Ҳеҷ боке надорад, ки рӯзадор ғусл кунад.

Ва ба ҳадиси зерин истидлол кардааст, ки онро Бухорӣ (1926) ва Муслим (1109) аз Оиша ва Умми Салама ривоят кардаанд, ки **гоҳо субҳ дар ҳоле медамид, ки Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба иллати ҳамбистарӣ бо ҳамсаронаш ҷунуб буд. Онгоҳ ғусл мекард ва рӯза медошт.**

Ва Абудовуд (2365) аз баъзе саҳобагони паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят карда, ки мегӯяд: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро дидам, ки аз сабаби ташнагӣ ва гармӣ бар сари худ об мерехт, дар ҳоле ки ӯ рӯзадор буд.  Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу Абидовуд" саҳеҳ донистааст.

Дар китоби "Авну-л-маъбуд" омадааст:

Дар ин ҳадис далел аст, ки рӯзадор метавонад гармиро бо рехтани об бар баъзе аз қисмати бадан ва ё ҳама ҷои он

бартараф кунад. Аксари донишмандон бар ин назаранд ва онҳо байни ғусли воҷиб ва ё суннат ва ё мубоҳ фарқе нагузоштаанд. Поёни сухан.

Имом Бухорӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: Боби ғусл кардани рӯзадор.

Ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) пироҳанеро тар карда ба худ мекашид дар ҳоле, ки рӯзадор буд. Шаъбӣ дар ҳоли рӯзадорӣ вориди ҳаммом шуд .

Ҳасан мегӯяд, ки барои рӯзадор мазмаза ва хунукшавӣ ҳеҷ боке надорад.

Ҳофиз гуфтааст: Бухорӣ гуфтааст: "Боби ғусл кардани рӯзадор". Яъне боб дар баёни ҷоиз будани ғусл. Аззайн ибни Ал-Мунаййир гуфтааст: Килимаи иғтисол (ғусл кардан)-ро мутлақан зикр намудааст, то ғуслҳои суннат, воҷиб ва мубоҳро дар бар бигарад. Гӯё ӯ ба заиф будани ривояте ишора намудааст, ки он аз Алӣ оиди наҳӣ намудани рӯзадор аз дохил шудани ҳаммом ривоят шудааст. Абдурраззоқ он ҳадисро ривоят кардааст. Санади он заиф аст. Поёни сухан.

Аллоҳ донотар аст.

## Баъзе аз суннатҳои рӯза, ки барои рӯзадор муҳофизат кардани он мустаҳаб мебошад.

Савол

Суннатҳои рӯза кадомҳоянд?

Ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рӯза аз бузургтарин ибодатҳост. Аҷру савоби рӯзадори боихлосро танҳо Аллоҳ медонад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: Аллоҳ таъоло фармудааст: **"Ҳар як амали фарзанди одам барои ӯст, ба ҷуз рӯза, ки барои Ман аст ва Ман мукофоти онро медиҳам".** Ривояти Бухорӣ (1904) ва Муслим (1151)

Рӯзаи Рамазон рукне аз рукнҳои дин аст, ки бояд мусулмон бар рӯзааш муҳофизат кунад ва новобаста аз он, ки рӯзаи фарзӣ аст ё нафлӣ эҳтиёт намояд, то ин ки Аллоҳ мукофоти олиеро барои ӯ ато кунад.

Рӯза суннатҳои зиёде дорад. Ин ҷо ба чанде аз он ишора хоҳем кард:

**Аввал:** Агар бандаи рӯзадореро касе дашном диҳад, ё бо ӯ ситеза кунад, бар ӯ суннат аст, ки дар муқобили бадӣ бо накӯӣ посух диҳад ва бигӯяд: Ман рӯзадорам.

**Дуввум:** Саҳарихӯрӣ барои рӯзадор суннат аст, зеро саҳарихӯрӣ барака аст.

**Саввум**: Зуд ифтор намудан ва дер саҳархӯрӣ кардан суннат аст.

**Чаҳорум:** Суннат аст, ки бо рутаб (хурмои тар) ифтори худро оғоз намояд, агар онро пайдо накунад, бо тамр (хурмои хушк) ифтори худро шрӯъ кунад, агар онро ҳам пайдо накунад, бо об ифтори худро оғоз намояд.

**Панҷум:** Барои рӯзадор мустаҳаб аст, ки ҳангоми ифтор дуои зеринро бигӯяд:

ذَهَبَ الظَّمَأُ، وَابْتَلَّتِ الْعُرُوقُ، وَثَبَتَ الْأَجْرُ إِنْ شَاءَ اللَّهُ

**"Заҳаба-з-замаъу ва-б-таллати-л-ъуруқу ва сабата-л-аҷру иншоаллоҳ".**

**(Ташнагӣ рафт, рагҳо тар гардид, агар Аллоҳ хоста бошад, мукофот сабт гардид).**

Барои ошноӣ бо далелҳои ворид шуда ба масъалаҳои мазкур, ба ҷавоби саволи рақами (39462) нигаред.

**Шашум:** Барои рӯзадор бисёр дуо кардан мустаҳаб аст. Чуноне ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст**: "Дуои се гурӯҳ рад карда намешавад. Дуои пешвои одил, дуои рӯзадор то ин ки ифтор кунад ва дуои мазлум".** Ривояти Аҳмад (8043). Муҳаққиқони "Муснад" ин ҳадисро бо ҳамаи турук ва шавоҳиди он саҳеҳ номидаанд.

Нававӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: **"Барои рӯзадор мустаҳаб аст, ки дар ҳоли рӯзадорӣ муҳимтарин хостаҳои ухравӣ ва дунявиро барои худ ва барои касоне, ки онҳоро**

**дӯст медорад ва барои мусулмонон дуо кунад".** Поёни сухан аз китоби "Ал-Маҷмуъ" (6/375).

**Ҳафтум:** Оиди рӯзаи Рамазон, амалҳои зерин мустаҳаб аст:

- Нишастан дар масҷид ба хотири тиловати Қуръон ва зикри Аллоҳ.

- Эътикоф дар даҳаи охири Рамазон.

- Намози таровеҳ.

- Бисёр садақа кардан ва зиёд иҷро намудани амалҳои хайр.

- Мудорасаи Қуръон.

Бухорӣ (6) ва Муслим (2308) аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки гуфтааст: **"Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) саховатмандтарини мардум буд ва беш аз ҳама дар Рамазон ҳангоме, ки Ҷабраил (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) бо ӯ дидор мекард, саховатмандтар мегардид. Ҷабраил (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳар шаби Рамазон бо ӯ дидор мекард ва бо ӯ Қуръонро мудораса мекард. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) (дар моҳи Рамазон) аз боди вазанда низ саховатмандтар буд".**

Рӯзадор вақти худро бо корҳои беҳудаву бефоида нагузаронад, зеро хоби зиёд, шӯхии зиёд ва ингуна амалҳо ба рӯзааш таъсир хоҳад гузошт. Инчунин тамоми фикру хаёлашро ба хӯрдани хӯрокҳову нӯшокиҳои рангоранг банд

насозад, зеро ин гуна хаёлот ӯро аз бисёр корҳои нек дар айёми рӯзадорӣ боз медорад.

Барои фоидаи бештар ба ҷавоби саволи рақами (12468) ва (26869) нгаред.

Аллоҳ таъоло донотар аст.

## Чӣ гуна метавон кӯдаконро ба рӯзадорӣ одат кунонид?

Савол

Ман фарзанди нӯҳсола дорам. Мехоҳам ба ман кӯмак намоед, чӣ гуна писарамро ба рӯзаи моҳи Рамазон одат кунонам, иншоаллоҳ (агар Аллоҳ бихоҳад). Зеро ӯ дар Рамазони гузашта танҳо 15 рӯз рӯза гирифтааст.

Ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

**Аввал:** Дидани чунин савол хеле хурсандибахш аст. Ин савол ба зиёд аҳамият додан нисбати фарзандон ва тарбияи онон бар тоати Аллоҳ таъоло далолат мекунад. Ин ҳамон насиҳат намудани зердастон аст, ки Аллоҳ волидайнро бар онҳо сарвар қарор додааст.

**Дуввум:**

Писарчаи нӯҳсола аз рӯи шариат ба рӯзадорӣ мукаллаф нагардидааст, чунки ба синни балоғат нарасидааст. Аммо Аллоҳ таъоло падару модарро вазифадор намудааст, ки фарзандонро ба ибодатҳо тарбия кунанд. Аллоҳ таъоло ба

онон дастур додааст, ки ба писарон дар синни ҳафтсолагӣ намозхониро таълим бидиҳанд ва дар синни даҳсолагӣ агар намоз нахонданд, бизананд. Саҳобагони гиромиқадр (Аллоҳ аз онон хушнуд бод) кӯдаконашонро дар хурдсолӣ рӯза медоронданд, то ба ин ибодати бузург одат кунанд. Ҳамаи ин муносибатҳо ба аҳамияти ҷиддӣ нисбати фарзандон барои нашъунамои онон бар кирдору рафтори беҳтарин далолат мекунанд.

**Дар бораи намоз чунин омадааст:**Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳангоме ки фарзандонатон ба ҳафтсолагӣ расиданд, ба намоз хондан амр намоед. Чун ба даҳсолагӣ расидандy намоз нахонданд, онҳоро бизанед ва (дар даҳсолагӣ) ҷойгаҳашонро аз ҳамдигар ҷудо кунед».** Ривояти Абудовуд (495). Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу Абидовуд" саҳеҳ донистааст.

**Дар бобати рӯза омадааст:**Аз Рубаййиъ бинти Муаввиз ибни Афро (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шахсонеро дар рӯзи Ошуро ба деҳаҳои Ансориён, ки дар атрофи Мадина қарор доранд, мефиристод ва онон мегуфтанд: **«Ҳар касе, ки рӯза дошта бошад, рӯзаашро идома бидиҳад ва ҳар касе, ки имрӯз рӯза надошта бошад, боқимондаи рӯзро рӯза бигирад».** (Рубаййиъ бинти Муаввиз гуфт:) Пас мо дар он рӯз рӯза медоштем ва кӯдакони хурдсоламонро низ рӯза медоронидем, иншоаллоҳ (агар Аллоҳ бихоҳад). Ва ба масҷид мерафтем ва барои онҳо аз пашм бозичае месохтем. Агар яке аз онҳо барои хӯрок гиря кунад,

бозичаро ба ӯ дода, то ҳангоми ифтор ӯро машғул месохтем. Ривояти Бухорӣ (1960) ва Муслим (1136).

Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ба масте дар моҳи Рамазон хитоб карда гуфтааст: **"Вой бар ҳоли ту! Кӯдаконамон рӯзадор ҳастанд".** Ин суханро гуфту ӯро зад. Бухорӣ ин ривоятро ба таври муаллақ дар боби рӯзаи кӯдакон ривоят кардааст.

Умре, ки падару модар бояд ба фарзандонашон рӯзаро таълим бидиҳанд, ин умрест, ки фарзанд барои рӯзадорӣ тоқат карда тавонад. Синну соли рӯзагирӣ барои кӯдакон вобаста ба инкишоф ва қувваашон, аз ҳамдигар фарқ дорад. Баъзе аз донишмандон даҳсолагиро ба рӯзадорӣ синни муносиб донистаанд.

Лутфан тафсилоти ин масъаларо дар ҷавоби саволи рақами (**65558**) бубинед. Дар он ҷо фоидаҳои муҳиме зикр шудааст.

**Саввум:**

Аммо василаҳои одат кунонидани кӯдакон бар рӯзадорӣ, умури зерин мебошад:

Дар бобати фазилатҳои рӯза сӯҳбат кардан аст, ки рӯза яке аз сабабҳои асосии даромадан ба биҳишт аст ва дар биҳишт даре бо номи Райён вуҷуд дорад, ки аз он дар танҳо рӯзадорон ворид мешаванд.

Пешакӣ ба рӯзадорӣ одат кунонидан, ба монанди якчанд рӯз рӯза гирифтан дар моҳи Шаъбон, то рӯзаи Рамазон ногаҳонӣ ва душворӣ накунад.

Рӯзаи як қисми рӯз. Бо тадриҷ метавон соатҳои рӯзадориро зиёд кард.

Саҳархӯрӣ кардан дар охирин лаҳзаҳои шаб, ин амал бар рӯзадорӣ кӯмак мекунад.

Ҳавасманд кардани кӯдакон ба рӯзадорӣ бо додани тӯҳфаҳо ҳар рӯз ё ҳар ҳафта.

Мадҳу ситоиш кардани онон ҳангоми ифтор ё саҳарӣ ва ин чиз рӯҳияи ононро баланд мекунад.

Волидайне, ки беш аз якто фарзанд доранд, метавонанд рӯҳияи мусобиқа карданро дар онҳо бедор созанд, аммо набояд шахси мағлубро маломат кунанд.

Кӯдаконеро, ки эҳсоси гуруснагӣ мекунанд, бо хоб кардан ё ки бо бозиҳои иҷозатшуда машғул сохтан, чуноне ки саҳобагони гиромӣ бо фарзандонашон ҳамин тавр муносибат доштанд. Барномаҳои муносиби кӯдакона вуҷуд доранд ва инчунин филмҳои тасвирие дар шабакаҳои мӯътамди исломӣ пахш мешаванд, ки бо ин чизҳо метавон кӯдаконро машғул сохт.

Чи хуш аст, ки падар писарашро – хусусан пас аз аср - ба масҷид барад, то намоз бихонад, дар ҳалқаҳои дарсӣ иштирок кунад ва ба хотири қироати Қуръон ва зикри Аллоҳ таъоло дар масҷид бимонад.

Ҳамроҳи кӯдак чӣ рӯз ва чӣ шаб ба зиёрати хонадоне, ки фарзандонашон рӯза мегиранд, биравад, ки ин чиз онҳоро ба рӯзадории бардавом ташвиқ менамояд.

Тақдим намудани мукофот ба онон, масалан баъди ифтор ба сайру гашт барвардан ё омода кардани таому ширинӣ ва меваҳову афшураҳои дилхоҳу дӯстдоштаашон.

Як нуктаи муҳимро набояд фаромӯш кард, ки агар фарзанд аз ҳад зиёд хаста шавад, набояд исрор кард, ки ӯ рӯзаро ба итмом бирасонад, то дар дилаш бадбинӣ нисбати ибодат пайдо нашавад ва ё ба дурӯғгӯӣ маҷбур нашавад ва ё ба беморӣ гирифтор нашавад, дар ҳоле ки ӯ ҷумлаи мукаллафшудагон нест. Бояд ба ин ҷониб аҳамият дод ва сахтгирӣ кардан дар амри рӯза дуруст нест.

Аллоҳ донотар аст.

## Умра дар тамоми (рӯзҳои) Рамазон мустаҳаб аст

Савол

Оё умра дар даҳ рӯзи охири моҳи Рамазон мустаҳаб аст?

Ҷавоб. Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба анҷом додани умра дар моҳи Рамазон тарғибу ташвиқ намудааст. Бухорӣ (1782) ва Муслим (1256) аз Ибни Аббос ривоят кардаанд, ки ӯ гуфтааст: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Умра дар Рамазон баробари як ҳаҷ аст».**

Ин ҳамаи (рӯзҳои) Рамазонро дарбар мегирад ва махсуси даҳаи охири Рамазон намебошад.

Аллоҳ донотар аст.

## Оё бо ҳамроҳи мардуми кишвари худ рӯза дорад, ё бо ҳамроҳи кишваре, ки моҳро дидааст?

Савол

Агар моҳро дар баъзе аз кишварҳои исломӣ дида бошанд, вале кишваре, ки ман дар онҷо кор мекунам, моҳи шаъбон ва Рамазонро сӣ рӯз пурра намоянд, ман бояд чӣ кор кунам? Сабаби ихтилофи мардум дар Рамазон чист?

Ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бояд ҳамроҳи аҳли кишвари худ бошӣ. Агар рӯза доранд, ҳамроҳи онҳо рӯза дор. Агар ифтор кунанд, ҳамроҳи онҳо ифтор намо. (Яъне агар рӯза надоранд, ҳамроҳи онҳо ту низ рӯза надор). Зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Рӯза рӯзест, ки рӯза медоред ва ифтор рӯзест, ки ифтор менамоед ва қурбонӣ рӯзест, ки қурбонӣ мекунед".**

Зеро ихтилоф кардан кори зишт аст. Аз ин хотир, бояд ҳамроҳи аҳли кишварат бошӣ. Агар мусулмонон дар кишварат ифтор кунанд, ҳамроҳи онҳо ифтор намо. (Яъне агар рӯза надоранд, ҳамроҳи онҳо ту низ рӯза надор). Агар рӯза доранд, ҳамроҳи онҳо рӯза дор.

Сабаби ихтилоф он аст, ки баъзе аз мардум моҳро мебинанд ва баъзе намебинанд. Баъзан ба онҳое, ки моҳро дидаанд, мардум бовар карда, онро қабул мекунанд ва мувофиқи он амал менамоянд. Вале баъзан мардум ба онҳо бовар намекунанд ва мувофиқи он амал

наменамоянд. Аз ин рӯ хилоф ба вуҷуд меояд. Баъзан дар кишваре моҳро мебинанд ва мувофиқи он рӯза медоранд ё ифтор мекунанд (яъне рӯза намедоранд). Кишвари дигар бошад, ба моҳбинии он кишвар қаноатманд намешаванд ва ба он кишвар бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла сабабҳои сиёсӣ бовар намекунанд.

Бар мусулмонон воҷиб аст, ки ҳангоми дидани моҳ ҳамагӣ рӯза бидоранд ва ҳангоми дидани моҳ ифтор бикунанд (яъне рӯза надоранд), зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Агар моҳро бубинед, рӯза бидоред. Агар моҳро бубинед, ифтор бикунед (яъне рӯза надоред). Агар ҳаво абрнок бошад, моҳро сӣ рӯз пурра намоед".**

Агар ҳама қаноатманд шаванд, ки моҳро дидаанд ва он ҳақиқӣ ва собит аст, воҷиб аст, ки ҳамагӣ рӯза бидоранд, ё ифтор бикунанд (яъне рӯза надоранд). Аммо агар мардум ихтилоф намоянд ва ба якдигар бовар накунанд, бояд бо ҳамроҳи мусулмонони кишварат рӯза дорӣ ва бо ҳамроҳи онҳо ифтор бикунӣ (яъне рӯза надорӣ), зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **"Рӯза рӯзест, ки рӯза медоред ва ифтор рӯзест, ки ифтор менамоед ва қурбонӣ рӯзест, ки қурбонӣ мекунед".**

Аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) собит шудааст, ки марде ӯро хабардор намуд, ки мардуми Шом рӯзи ҷумъа рӯза доштаанд. Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) фармуд: Мо онро рӯзи ҷумъа дидем. Мо ҳамеша бо дидани моҳ рӯза хоҳем дошт, ё моҳро сӣ рӯзи пурра хоҳем кард.

Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ба дидани мардуми Шом амал накард, зеро Шом аз Мадина дур аст ва тулӯъи моҳ низ байни онҳо фарқ мекунад. Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) дидани моҳро аз иҷтиҳод донистааст. Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ва дигар олимоне, ки чунин суханро гуфтаанд, барои ту намунаи хубе мебошанд, ки бо мардуми кишварат рӯза дорӣ ва ва бо ҳамроҳи онҳо ифтор бикунӣ (яъне рӯза надорӣ). Аллоҳ ҳамаи моро мувафақ гардонад. Поёни сухан.

Шайх Абдулазиз ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод).

Китоби "Маҷмӯу фатово ва мақолотун мутанаввиа" (15/100-102).

## Моҳи нави Зулҳиҷҷаро надиданд, чӣ кор бояд кунанд?

Савол:

Ман як мусулмони суннӣ ҳастам, дар Ҷопон истиқомат мекунам. Ман ба шумо нависта истодаам, то оиди руъяти моҳи нави Зулҳиҷҷа бипурсам, чун мусулмонон оиди таъйини рӯзи ид ихтилоф доранд. Саволи ман дар инҷо ин аст, ки оё бо ҳамроҳи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ид бигирем ва ё ба наздиктарин кишвар пайравӣ кунем?

Ҷавоб:

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Барои шумо кофист, ки руъяти шаръии моҳро, ки дар сарзамини Ҳарамайн собит шудааст, пайравӣ намоед.

Аллоҳ донотар аст.

## Модараш вафот кард вале бар зиммаи ӯ қазои рӯзаи ду Рамазон боқӣ мондааст

Савол

Модарам вафот кард ва ӯ дар вақти зинда буданаш ба ман мегуфт, ки бар зиммаи ӯ рӯзаи ду моҳи Рамазони ду сола боқӣ мондааст, моҳи рӯза фаро расида буд ва ӯ дар ҳоли таваллуд қарор дошт. Ӯ вафот кард, вале рӯзаи қазоии худро адо накарда буд. Оё ман бояд аз номи ӯ рӯза бигирам ё (ба мискинон) таом бидиҳам? Тариқаи таом додан чӣ гуна аст? Баъзе бузҳоро забҳ карда, онро ба шаст хонавода тақсим кунам, ё арзиши хӯрокро бо маблағ пардохт кунам?

**Ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Беҳтарин кор ин аст, ки аз номи модаратон рӯза бигиред, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар кас бимирад ва рӯзае бар зиммааш боқӣ монда бошад, валии ӯ аз номи ӯ рӯза бигирад».** Муттафақун алайҳ (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Валӣ хешованд аст. Агар барои шумо ва барои хешовандони дигари ӯ рӯза гирифтан муяссар нашавад, пас аз мероси ӯ ва ё аз моли худ барои ҳар як рӯз як мискинеро таом  бидиҳед. Миқдори он ним соъ аз ғизои аслии кишвар мебошад. Агар

шумо ҳамаашро ҷамъ карда, ба як камбағал бидиҳед, ин низ қобили қабул аст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз.

Шайх Абдурраззоқ Афифӣ .

Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён.

## Зуд ифтор намудан суннат аст

Савол

Ман савол дорам: Оё ифтор фарз аст, ё на?

Ҳангоме, ки мусулмон дар вақти намози шом ба масҷид меояд, дар вақти ифтор, бояд аввал ифтор бикунад ва сипас ба намоз ҳамроҳ бишавад ва ё аввал намоз бихонад ва сипас ифтор бикунад?

**Ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Суннат ин аст, ки инсон зуд ифтор намояд. Ҳадисҳо ба ин чиз далолат мекунанд.

Аз Саҳл ибни Саъд ривоят шудааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст**: «Мардум дар хайру хубӣ ҳастанд, то замоне ки дар ифтор кардан шитоб**

**бикунанд (яъне дар аввали вақт ифтор бикунанд)».** Ривояти Бухорӣ (1821) ва Муслим (1838).

Шоиста аст, ки ба ифтор бо хурдани луқмаҳои кӯчаке, ки гуруснагиашро бо он бартараф мекунад, шитоб намояд, сипас ба сӯи намоз бармехезад ва пас аз он агар бихоҳад, боз ба сӯи хӯрок бармегардад, то ниёзи худро аз он бароварда созад.

Ин кирдори паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) буд. Аз Анас ибни Молик ривоят шудааст, ки мегӯяд: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пеш аз он ки намози шомро бихонад, бо чанд рутаб (хурмои тару тоза) ифтор мекард ва агар рутаб набошад, бо чанд тамр (хурмои хушк) ва агар тамр ҳам набошад, бо ҷуръаи об ифтор менамуд. Ривояти Тирмизӣ (Рӯза / 632). Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу Абидовуд" (рақами 560) саҳеҳ донистааст.

Муборакфурӣ дар шарҳи ин ҳадис гуфтааст:

Ин ҳадис ба мустаҳаб будани шитофтан ба ифтор бо муболиғаи комил далолат мекунад.

## Вақти дуо дар ҳангоми ифтор

Савол

Рӯзадор дар ҳангоми ифтор дуои мустаҷоб дорад. Ин дар кадом вақт аст? Пеш аз ифтор ё дар ҳангоми ифтор ё пас аз он? Оё дуоҳое аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ворид шудааст, ё ба дуое ишора мекунед, ки дар ин вақт хонда шавад?

Ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин саволро ба Шайх Муҳаммад ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пешниҳод кардем, дар ҷавоб гуфт:

Вақти ин дуо пеш аз ифтор, ҳангом ғуруб аст, зеро дар ин ҳангом шикастагии нафсу фурӯтании он ва рӯзадорӣ бо ҳам ҷамъ мешаванд ва ҳамаи инҳо асбоби иҷобати дуоанд. Аммо пас аз ифтор нафс роҳат намуда, шод мешавад ва мумкин аст ғафлат ҳосил гардад. Вале дуое аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ворид шудааст, ки агар он саҳеҳ бошад, вақти дуо пас аз ифтор аст ва он дуо чунин аст:

ذَهَبَ الظَّمَأُ، وَابْتَلَّتِ الْعُرُوقُ، وَثَبَتَ الْأَجْرُ إِنْ شَاءَ اللَّهُ

**"Заҳаба-з-замаъу ва-б-таллати-л-ъуруқу ва сабата-л-аҷру иншоаллоҳ".**

**(Ташнагӣ рафт, рагҳо тар гардид, агар Аллоҳ хоста бошад, мукофот сабт гардид). (Ривояти Абудовуд. Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу сунани Абидовуд" (2066) ҳасан донистааст).** Ин дуо пас аз ифтор хонда мешавад. Инчунин аз баъзе саҳобагон дуои зерин ворид шудааст:

اللهُمَّ لَكَ صُمتُ وَعَلى رِزقِكَ أفطَرت

**"Аллоҳумма лака сумту ва ъало ризқика афтарту".**

**(Эй Аллоҳ! Бароят рӯза гирифтам ва бар ризқат ифтор намудам).**

Аз ин хотир, ту кадомеро ки муносиб бидонӣ, дуо бикун.

## Бархе аз суннатҳои рӯза

Савол

Суннатҳои рӯза чист?

Ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Суннатҳои рӯза зиёд аст, аз ҷумла:

**Аввал:** Суннат аст, ки агар касе ӯро дашном бидиҳад ва ё бо ӯ даргир шавад, ба бадии ӯ бо некӯӣ ҷавоб гардонад ва бигӯяд, ки ман рӯзадор ҳастам, зеро Бухорӣ ва Муслим аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд**: «Рӯза сипар аст, пас набояд (рӯзадор дар он рӯз) носазогӯӣ кунад ва амалҳои ҷоҳилонаро анҷом бидиҳад. Ва агар марде бо ӯ даргир шавад ва ё ӯро дашном бидиҳад, бояд бигӯяд: Ман рӯзадор ҳастам, ду маротиба. Қасам ба зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, бӯи даҳони рӯзадор дар назди Аллоҳ таъоло аз бӯи мушк хуштар аст. Хӯроку нӯшокӣ ва шаҳвати худро ба хотири Ман тарк мекунад. Рӯза барои Ман аст ва Ман мукофоти онро медиҳам ва ба ҳар некӯӣ даҳ баробар савоб дода мешавад».** Ривояти Бухорӣ (1894) ва Муслим(1151).

**Дуввум:** Саҳарихӯрӣ барои рӯзадор суннат аст, зеро дар "Саҳиҳ"-и Бухорӣ ва "Саҳиҳ"-и Муслим аз Анас ибни Молик (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) собит шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Саҳарихӯрӣ бикунед,**

**чунки дар саҳарихӯрӣ барака аст».** Ривояти Бухорӣ (1923) ва Муслим (1095).

Саввум: Дер саҳархӯрӣ кардан суннат аст, зеро Бухорӣ аз Анас аз Зайд ибни Собит ривоят кардааст, ки гуфт: “**Бо ҳамроҳи Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) саҳарихӯрӣ кардем ва сипас ӯ ба намоз бархост. Гуфтам: Миёни азону саҳарихӯрӣ чанд қадар буд? Дар ҷавоб гуфт: Ба андозаи тиловати панҷоҳ оят буд”.** Ривояти Бухорӣ (1921).

**Чаҳорум:** Зуд ифтор намудан суннат аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Мардум дар хайру хубӣ ҳастанд, то замоне ки дар ифтор кардан шитоб бикунанд (яъне дар аввали вақт ифтор бикунанд)».** Ривояти Бухорӣ (рақами 1957) ва Муслим (рақами 1098).

Панҷум: Суннат аст, ки бо рутаб (хурмои тар) ифтори худро оғоз намояд, агар онро пайдо накунад, бо тамр (хурмои хушк) ифтори худро шурӯъ кунад, агар онро ҳам пайдо накунад, бо об ифтори худро оғоз намояд, зеро дар ҳадиси Анас (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) омадааст, ки мегӯяд: “**Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пеш аз он ки намози шомро бихонад, бо чанд рутаб (хурмои тару тоза) ифтор мекард ва агар рутаб набошад, бо чанд тамр (хурмои хушк) ва агар тамр ҳам набошад, бо ҷуръаи об ифтор менамуд”**. Ривояти Абудовуд (рақами 2356) ва Тирмизӣ (696). Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Ал-Ирво" (4/45) ҳасан донистааст.

**Шашум:** Суннат аст, ки ҳангоми ифтор зикрҳои воридшударо бихонад. Аз ҷумлаи зикрҳое, ки дар ин бора ворид шудааст, ин "Бисмиллоҳ" мебошад, ки бар асоси дидгоҳи саҳеҳ воҷиб аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба он амр намудааст.

Инчунин дуои зерин ворид шудааст:

اللهُمَّ لَكَ صُمتُ وَعَلى رِزقِكَ أفطَرتُ، اللَّهُمَّ تَقَبَّلْ مِنِّي إِنَّكَ أَنْتَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ

**"Аллоҳумма лака сумту ва ъало ризқика афтарту. Аллоҳумма тақаббал миннӣ, иннака анта-с-самиъу-л-ъалим".**

***(Эй Аллоҳ! Бароят рӯза гирифтам ва бар ризқат ифтор намудам. Эй Аллоҳ! Аз ман қабул намо, ҳамоно Ту шунавою биноӣ).***

Аммо ин ривоят заиф аст, чуноне ки Ибни Қайим заиф будани онро дар китоби "Зоду-л-маъод" (2/51) баён кардааст.

Ҳамчунин дуои зерин ворид шудааст:

ذَهَبَ الظَّمَأُ، وَابْتَلَّتِ الْعُرُوقُ، وَثَبَتَ الْأَجْرُ إِنْ شَاءَ اللهُ

**"Заҳаба-з-замаъу ва-б-таллати-л-ъуруқу ва сабата-л-аҷру иншоаллоҳ".**

***(Ташнагӣ рафт, рагҳо тар гардид, агар Аллоҳ хоста бошад, мукофот сабт гардид).*** Ривояти Абудовуд (2357) ва Байҳақӣ (4/239). Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Ал-Ирво" (4/39) ҳасан донистааст.

Ҳадисҳое дар фазилати дуои рӯзадор ворид шудаанд, аз ҷумла:

1. Аз Анас (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Се дуо рад намешавад. Дуои падар, дуои рӯзадор ва дуои мусофир».** Ривояти Байҳақӣ (3/345). Албонӣ ин ҳадисро дар "Ассилсилату-с-саҳиҳа" (1797) саҳеҳ донистааст.

2. Аз Абуумома ба таври марфуъ ривоят шудааст: **«Аллоҳ ҳангоми ҳар ифтор озодшудагоне дорад».** Ривояти Аҳмад (21698). Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-т-тарғиб" (1/491) саҳеҳ донистааст.

3. Аз Абусаиди Худрӣ ба таври марфуъ ривоят шудааст: **«Аллоҳ таъоло дар ҳар рӯзу шаб, яъне дар Рамазон, озодшудагоне дорад. Ҳар мусулмоне дар ҳар рӯзу шаби Рамазон дуои мустаҷоб дорад».** Ривояти Баззор. Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-т-тарғиб" (1/491) саҳеҳ шумоидааст.

Лутфан ба саволҳои зерин руҷӯъ кунед: (13999 , 14103 ).

## Оё ин ҷавондухтар падарашро фармонбардорӣ намуда, рӯза нагирад?

Савол

Ман 29-сола мебошам ва дар рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе мунтазам рӯза мегирам. Падарам мехоҳад, ки ман танҳо ба як рӯзи он иктифо кунам, аммо ман рӯзаро таҳаммул карда

метавонам. Агар ман ӯро мухолифат намоям, оқи падар (фарзанди саркашу нофармон) мешавам?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ. "Агар воқеият ҳамон тавре бошад, ки шумо зикр кардед, пас шумо дар ин ҳолат, ба хотири мухолифат варзиданатон ба ӯ, ки шуморо аз якҷоя рӯза гирифтани душанбе ва панҷшанбе наҳй намудааст, оқи падар (фарзанди саркашу нофармон) ҳисобида намешавед, зеро рӯзаи ин ду рӯз (яъне рӯзаи рӯзи душанбе ва панҷшанбе) тоат аст, модоме ки ба анҷом додани он қодиру тавоно бошед. Фармонбардории махлуқ ҷоиз нест, агар аз тоати Аллоҳ манъ намояд. Илова бар ин, ба назар мерасад, ки ӯ бо шумо меҳрубонӣ кардан мехоҳад ва шуморо ба тарк намудани рӯза маҷбур намекунад.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз. Шайх Абдурраззоқ Афифӣ . Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён.

"Фатово-л-лаҷнату-д-доимату ли-л-буҳуси-л-илмийяти ва-л-ифто" (25/198).

Аллоҳ донотар аст.

## Рӯзаи нофила пеш аз қазои рӯзаи Рамазон

Савол

Ҳукми рӯзаи нофила пеш аз қазои рӯзаи фарзии Рамазон чист?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Донишмандон дар ҳукми рӯзаи нофила пеш аз рӯзаи қазоӣ ихтилоф кардаанд.

Баъзе аз донишмандон бар ин назаранд, ки анҷом додани нофила пеш аз қазо дуруст нест ва анҷомдиҳандаи он гунаҳкор аст. Иллати онро чунин баён кардаанд: Нофила пеш аз фариза анҷом дода намешавад.

Баъзе аз донишмандон ин амалро ҷоиз медонанд, модоме ки вақти фариза кам нашавад. Онҳо гуфтаанд: Модоме ки вақт васеъ бошад, метавонад нофиларо анҷом бидиҳад, чуноне ки пеш аз намози фариза намози нофила мехонад. Масалан вақти намози пешин пас аз завол дохил мешавад ва ҳар гоҳ сояи ҳар чиз мисли худаш шавад, ба охир мерасад. Инсон метавонад намози пешинро то охири вақт ба таъхир бияндозад ва дар ин муддат бароят ҷоиз аст, ки намози нофила бихонад, зеро вақт васеъ аст.

Ин дидгоҳи аксарияти фақеҳон аст ва Шайх Муҳаммад ибни Усаймин ин дидгоҳро баргузида, гуфтааст: "Ин дидгоҳ дурусттар ва ба ҳақиқат наздиктар аст. Аз ин рӯ, рӯзаи ӯ

дуруст буда ва ӯ гунаҳгор намешавад, зеро қиёс дар ин масъала возеҳ аст.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوْ عَلَى سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِّنْ أَيَّامٍ أُخَرَ .سورة البقرة: ١٨٥

**«Ва ҳар кас бемор ва ё дар сафар бошад, бояд ба теъдоди рӯзҳои фавтшуда дар рӯзҳои дигар рӯза бидорад».** (Сураи Бақара: 185).

Яъне бояд ба теъдоди рӯзҳои фавтшуда дар рӯзҳои дигар рӯза бидорад. Аллоҳ таъоло қайд накардааст, ки он бояд пайдарпай анҷом дода шавад. Агар пайдарпай анҷом додани он тақйид карда мешуд, бар мо лозим мешуд, ки онро фавран анҷом бидиҳем. Пас ин далолат мекунад, ки масъала дар ин маврид васеъ аст.

Сарчашма: Ниг: Китоби "Ашшарҳу-Л-Мумтиъ".

(Ҷилди 1, Саҳифаи 448).

## Баргузории ифторҳои дастаҷамъӣ барои ташвиқи мардум ба рӯзадорӣ

Савол

Дидгоҳи шумо оиди ташвиқи мардуми оддӣ ба рӯзаи нофила ва баргузории ифторҳои дастаҷамъӣ чист?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ман фикр мекунам, ки ин чиз ҳеҷ ишколе надорад, аммо тарк намудани он беҳтар аст, зеро саҳобагон (Аллоҳ аз онҳо хушнуд бод) чунин услубу равишро истифода намекарданд. Агар мардум бо гуфтор ба рӯзаи нафила ташвиқ карда шаванд, ин кофист ва ба ташвиқи амалӣ ниёзе нест.

Сарчашма: "Лиқоу-Л-Боби-Л-Мафтуҳ"-И Ибни Усаймин: 247.

## Пайваст намудани моҳи Шаъбон ба моҳи Рамазон

Савол

Аллоҳ маро бубахшад. Ман сигоркаширо тарк кардам. Ман аз 7-уми Раҷаб оғоз карда, то охири моҳи Шаъбон рӯза гирифтам. Шаъбон ва Рамазонро аз ҳам ҷудо накардам, зеро фатвоҳо дар ин бора гуногунанд.

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳамду сано барои Аллоҳ, ки шуморо барои тарк намудани ин кори ҳаром муваффақ кардааст. Аз Аллоҳ таъоло мехоҳем, ки мову шуморо то марг дар дини худ устувор нигаҳ дорад.

Пайваст намудани шумо рӯзаи моҳи Шаъбонро ба моҳи Рамазон ҷоиз аст. Шумо бо ин амал суннатро риоя кардаед.

## Оё рӯза дар моҳи Раҷаб фазилати муайяне дорад?

Савол

Оё оиди фазилати рӯзаи моҳи Раҷаб ҳадисҳое ворид шудааст?

**Хулосаи ҷавоб**

Моҳи Раҷаб яке аз моҳҳои ҳаром аст, вале оиди фазилати рӯза гирифтани ин моҳ ба хусус ҳадиси саҳеҳе собит нашудааст. Аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳадисе оиди мустаҳаб будани рӯза дар моҳҳои ҳаром омадааст. Аз ин рӯ, агар касе ба ин хотир дар моҳи Раҷаб рӯза бигирад ва одатан дар дигар моҳҳои ҳаром рӯза мегирифт, ҳеҷ боке надорад. Аммо махсус дар моҳи Раҷаб рӯза гирифтан раво нест.

**Матни ҷавоб**

Мундариҷа

Моҳи Раҷаб яке аз моҳҳои ҳаром аст.

Оё оиди фазилати рӯзаи моҳи Раҷаб ҳадисҳое ворид шудааст?

Ҳукми рӯзаи рӯзи бисту ҳафтуми моҳи Раҷаб чист?

Моҳи Раҷаб яке аз моҳҳои ҳаром аст.

Моҳи Раҷаб яке аз моҳҳои ҳаром аст, ки Аллоҳ таъоло оиди он фармудааст:

إِنَّ عِدَّةَ الشُّهُورِ عِنْدَ اللهِ اثْنَا عَشَرَ شَهْرًا فِي كِتَابِ اللهِ يَوْمَ خَلَقَ السَّمَوَاتِ وَالْأَرْضَ مِنْهَا أَرْبَعَةٌ حُرُمٌ ذَلِكَ الدِّينُ الْقَيِّمُ فَلَا تَظْلِمُوا فِيهِنَّ أَنْفُسَكُمْ. سورة التوبة: ٣٦

**«Ҳамоно шумораи моҳҳо назди Аллоҳ таъоло аз он рӯзе, ки осмонҳо ва заминро офарид, дар китоби Аллоҳ таъоло дувоздаҳ моҳ аст. Аз ин (дувоздаҳ моҳ) чаҳор моҳ ҳаром аст. Ин дини дурусту устувор аст. Пас, дар ин (чаҳор моҳ) бар худ зулм накунед».** (Сураи Тавба: 36).

Моҳҳои ҳаром инҳоянд: Раҷаб, Зулқаъда, Зулҳиҷҷа ва Муҳаррам.

Бухорӣ (4662) ва Муслим (1679) аз Абубакра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят кардаанд, ки фармудааст: **«Сол дувоздаҳ моҳ аст, ки чаҳор моҳи он моҳҳои ҳаром аст, се моҳ пайдарпай, ки Зулқаъда, Зулҳиҷҷа ва Муҳаррам аст ва Раҷаби Музар, ки байни моҳҳои Ҷумодо ва Шаъбон аст».**

Ин моҳҳо бо ду сабаб ҳаром номида шудаанд:

1. Ба сабаби ҳаром будани ҷанг дар ин моҳ, магар ин ки душман ҷангро оғоз кунад.

2. Зеро ҳурмати поймол намудани ҳаромҳо дар ин моҳҳо нисбати дигар моҳҳо бузургтар аст.

Барои ҳамин, Аллоҳ таъоло моро аз анҷом додани гуноҳон дар ин моҳҳо манъ намуда, фармудааст:

فَلَا تَظْلِمُوا فِيهِنَّ أَنْفُسَكُمْ سورة التوبة: ٣٦

**«Пас, дар ин (чаҳор моҳ) бар худ зулм накунед».**

(Сураи Тавба: 36).

Ҳарчанд анҷом додани гуноҳ дар ин моҳҳо ва ҳамчунин дар дигар моҳҳо ҳаром ва мамнӯъ аст, аммо ҳаром будани он дар ин моҳҳо шадидтар аст.

Саъдӣ раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод (саҳ 373) гуфтааст:

فَلَا تَظْلِمُوا فِيهِنَّ أَنْفُسَكُمْ. سورة التوبة: ٣٦

**«Пас, дар ин (чаҳор моҳ) бар худ зулм накунед».**

(Сураи Тавба: 36).

Эҳтимол дорад замир ба дувоздаҳ моҳ баргардад ва Аллоҳ таъоло баён кардааст, ки ин моҳҳоро барои бандагон мақодир қарор додааст, то бо тоатҳои Ӯ обод карда шавад ва Аллоҳ таъоло ба хотири миннаташ ва ба хотири муҳайё намудани он барои масолеҳи бандагон шукр карда шавад. Пас дар он аз зулму ситам намудани худ барҳазар бошед.

Ҳамчунин эҳтимол дорад замир ба ин чаҳор моҳ баргардад. Бо вуҷуди он ки (бандагон) аз зулм дар ҳама вақтҳо манъ шудаанд, аммо дар ин моҳҳо ба таври хос манъ шудаанд, зеро ҳаром будани он дар ин моҳҳо бештар буда, зулму ситам дар ин моҳҳо нисбат ба дигар моҳҳо шадидтар аст. Поёни сухан.

Дуввум:

Оё оиди фазилати рӯзаи моҳи Раҷаб ҳадисҳое ворид шудааст?

Аммо оиди рӯзаи моҳи Раҷаб бошад, дар фазилати рӯза гирифтани он ба хусус ва ё қисмати он ҳадиси саҳеҳе собит нашудааст.

Он коре, ки баъзе аз мардум анҷом медиҳанд, махсус дар баъзе рӯзҳои моҳи Раҷаб бо эътиқоди фазилат доштани он ба дигар моҳҳо рӯза мегиранд, ягон асоси шаръӣ надорад.

Ба ҷуз ин ки аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳадисе оиди мустаҳаб будани рӯза дар моҳҳои ҳаром (ки Раҷаб низ аз моҳи ҳаром ба ҳисоб меравад) омадааст. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Бахше аз моҳҳои ҳаромро рӯза бигир ва (рӯзаи баъзе аз рӯзҳои онро) тарк кун». Абудовуд ин ҳадисро (2428) ривоят кардааст. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Заифу Абидовуд" заиф донистааст.

Ин ҳадис агар саҳеҳ бошад, - бар мустаҳаб будани рӯза дар моҳҳои ҳаром далолат мекунад. Аз ин рӯ, агар касе ба ин хотир дар моҳи Раҷаб рӯза бигирад ва одатан дар дигар моҳҳои ҳаром рӯза мегирифт, ҳеҷ боке надорад. Аммо махсус дар моҳи Раҷаб рӯза гирифтан раво нест.

Шайху-л-ислом Ибни Таймия (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Маҷмуъу-л-фатово" (25/290) гуфтааст:

"Аммо дар мавриди рӯзаи моҳи Раҷаб ҳадисҳое ворид шудаанд, ки ҳама заиф, балки мавзуъ (бофта) мебошанд, ки донишмандон ба ягонтои он эътимод намекунанд. Он ҳадисҳо аз ҳадисҳои заифе нест, ки дар фазоили аъмол ривоят карда шаванд, балки аксарияти он ҳадисҳо мавзуъ ва дурӯғин мебошанд. Дар муснад ва дигар китобҳо ҳадисе аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят шудааст, ки ӯ ба рӯзаи моҳҳои ҳаром, ки Раҷаб, Зулқаъда, Зулҳиҷҷа ва Муҳаррам мебошад, дастур додааст. Ин ҳадис оиди рӯза

дар ин чаҳор моҳ (яъне Раҷаб, Зулқаъда, Зулҳиҷҷа ва Муҳаррам) мебошад ва махсус барои рӯзаи моҳи Раҷаб намебошад". Поёни сухан бо ихтисор.

Ибни Қайим (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:

"Тамоми ҳадисҳое, ки оиди рӯзаи Раҷаб ва намози баъзе шабҳои он омадаанд, дурӯғи бофташуда мебошанд". Поёни сухан аз китоби "Ал-Манору-л-мuниф" (саҳ 96).

Ҳофиз Ибни Ҳаҷар дар китоби "Табйину-л-ъаҷаб" (саҳ 11) гуфтааст: "Оиди фазилати моҳи Раҷаб ва рӯзаи ҳама рӯзҳо ва ё баъзе рӯзҳои муайяни он ва ё намози шабҳои махсуси он ҳадиси саҳеҳе ворид нашудааст, ки шоистаи истидлол бошад". Поёни сухан.

Шайх Сайид Собиқ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Фиқҳу-с-сунна" (1/383) гуфтааст:

"Рӯзаи Раҷаб аз рӯзаи дигар моҳҳо фазилати зиёде надорад, ҷуз ин ки Раҷаб аз моҳҳои ҳаром ба ҳисоб меравад. Дар ҳадисҳои саҳеҳ фазилати хоссе оиди рӯзаи ин моҳ наомадааст. Ривоятҳое, ки дар ин боб омадаанд, шоистаи истидлол намебошанд". Поёни сухан.

## Ҳукми рӯзаи рӯзи бисту ҳафтуми моҳи Раҷаб чист?

Аз Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) оиди рӯзаи рӯзи бисту ҳафтуми моҳи Раҷаб ва қиёми шаби он пурсиданд.

Чунин посух дод: "Рӯзаи рӯзи бисту ҳафтуми моҳи Раҷаб ва қиёми шаби он ва тахсис намудани он бидъат аст ва ҳар бидъат гумроҳӣ мебошад". Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Ибни Усаймин (20/440).

Аллоҳ донотар аст.

## Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) оиди рӯзадории яҳудиён дар Ошуро кай огоҳ шуд?

Савол

Оё расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) оиди рӯзадории яҳудиён дар Ошуро танҳо дар соли охирини худ огоҳ шуд? Зеро ӯ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Агар то соли оянда боқӣ бимонам, ҳатман дар рӯзи нӯҳум рӯза мегирам». Ривояти Муслим.

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар аввалин соле, ки ба Мадина омад, Ошуроро рӯза гирифт ва ин корро идома дод. Сипас ӯ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар охирин соли ҳаёти худ хост, ки бо ҳамроҳии рӯзаи рӯзи даҳум дар рӯзи нӯҳум ҳам рӯза гирифта, бо яҳудиён мухолифат варзад. Ҳадисҳое, ки дар мавриди рӯзаи Ошуро ворид шудаанд, ба ин чиз далолат мекунанд.

Аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят шудааст, ки гуфт: **"Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба**

**Мадина омад ва дид, ки яҳудиён дар рӯзи Ошуро рӯза мегиранд, пас фармуд: Ин чист? Гуфтанд: Ин рӯзи нек аст. Дар ин рӯз Аллоҳ Банӣ Исроилро аз душманашон наҷот дод, пас Мӯсо онро рӯза гирифт. Паёмбар фармуд: Ман аз шумо ба Мӯсо сазовортар мебошам. Пас онро рӯза гирифт ва ба рӯза гирифтани он рӯз амр кард".** Ривояти Бухорӣ (2004).

Ҳамчунин аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят шудааст, ки ӯ мегӯяд: Ҳангоме, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар рӯзи Ошуро рӯза гирифт ва ба рӯза гирифтани он амр намуд, саҳобагон гуфтанд: Эй расулуллоҳ, ин рӯзест, ки яҳудиён ва насрониён онро бузург медонанд. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Агар соли оянда биёяд, агар Аллоҳ бихоҳад, дар рӯзи нӯҳум низ рӯза мегирем. Ибни Аббос гуфт: Соли оянда наомад, магар ин ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) вафот кард. Ривояти Муслим (1134).

Ибни Қайим (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:

"Ин далолат мекунад, ки воқеаи рӯзаи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва ба рӯза гирифтани он амр намудани ӯ (яъне ҳадиси дуввум) як сол пеш аз вафоташ рух додааст. Аммо ҳадиси собиқ ҳангоми ба Мадина омадани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба вуқӯъ пайвастааст". Поёни сухан аз китоби "Зоду-л-маод" (2/67).

Ҳамчунин оиди ҳадиси дуввуми Ибни Аббос (2/81) гуфтааст:

"Ҳеҷ шакке нест, ки ин дар охирҳои ҳаёти паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) буд. Аммо дар ибтидо, ӯ дӯст медошт, ки бо аҳли китоб мувофақат кунад, модоме ки дар он масъала аз ҷониби Аллоҳ дастуре набошад". Поёни сухан.

Шайху-л-ислом Ибни Таймия (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Сипас ҳангоме ки камтар пеш аз маргаш ба ӯ гуфта шуд: Ин рӯзест, ки яҳудиён ва насрониён онро бузург медонанд, ӯ дастур дод, ки боз як рӯзи дигар рӯза гирифта, бо онон мухолифат варзанд ва ӯ бар анҷом додани ин чиз тасмим гирифт..". Поёни сухан аз китоби "Иқтизоу-с-сироти-л-мустақим" (1/87).

Аллоҳ донотар аст.

## Агар зани ҳайзшуда рӯзаи Ошуроро аз даст бидиҳад, оё метавонад қазои онро баъдтар анҷом бидиҳад?

Савол

Агар зан дар рӯзҳои нӯҳум, даҳум ва ёздаҳуми моҳи Муҳаррам ҳайз бошад, оё барояш ҷоиз аст, ки қазои он рӯзҳоро пас аз ғусл анҷом бидиҳад?

**Матни ҷавоб**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар касе рӯзаи Ошуроро аз даст бидиҳад, қазои онро анҷом намедиҳад, зеро ин чиз собит нашудааст ва инчунин он аҷру савоб ба рӯзаи рӯзи даҳуми моҳи Муҳаррам алоқаманд аст ва вақти он гузаштааст.

Аз Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсиданд: Агар рӯзи Ошуро ояд ва зан дар он вақт ҳайз бошад, оё метавонад қазои он рӯзаро анҷом бидиҳад? Оё ягон қоидае оиди ибодатҳои нафлие, ки қазо доранд ва ибодатҳои нафлие, ки қазо надоранд, вуҷуд дорад? Аллоҳ бароятон подоши некӯ бидиҳад.

Чунин ҷавоб дод: "Ибодатҳои нафлӣ ду навъ мебошанд: Навъе сабаб дорад ва навъи дигаре сабаб надорад. Ибодати нафлие, ки сабаб дорад, пас аз фавт шудани сабаб фавт мешавад ва қазо надорад. Мисоли он таҳияи масҷид мебошад. Агар мард (ба масҷид) омада нишинад ва муддати дарозе нишинад, сипас бихоҳад, ки таҳияи масҷид бихонад, ин намоз таҳияи масҷид ҳисобида намешавад, зеро ин намоз сабаб дорад ва ба сабабе вобаста аст, пас ҳар гоҳ он сабаб фавт шавад, машрӯъияти ин намоз ҳам фавт мешавад. Он тавре ки ба назар мерасад, рӯзи Арафа ва рӯзи Ошуро низ мисли он аст. Аз ин рӯ, агар инсон рӯзаи рӯзи Арафа ва рӯзи Ошуроро бе узр ба таъхир андозад, бидуни шак, қазои онро анҷом намедиҳад ва агар қазои онро ба ҷо ҳам оварад, ба ӯ манфиат намеоварад, яъне ҳамчун рӯзаи рӯзи Арафа ва ё рӯзаи рӯзи Ошуро ҳисобида намешавад.

Аммо агар ин рӯзҳо дар ҳоле фаро расад, ки инсон узре дошта бошад, ба монанди зани ҳайзшуда, зани нифосшуда

ва ё бемор, ба назар мерасад, ки дар ин ҳолат ҳам қазои онро анҷом намедиҳад, зеро он ба як рӯзи муайян тахсис дода шудааст, ки пас аз фавт шудани он рӯз ҳукми он ҳам фавт мешавад". Поёни сухан аз китоби "Маҷмӯи фатово"-и Ибни Усаймин (20/43).

Аммо агар касе барои рӯза надоштан узр дошта бошад, ба монанди зани ҳайзшуда, зани нифосшуда, бемор ва мусофир, ки одатан дар он рӯз рӯза мегирифт ва ё ният дошт, ки дар он рӯз рӯза бигирад, он гоҳ барои ӯ бар асоси ниятaш аҷру савоб дода мешавад, зеро Бухорӣ (2996) аз Абумусо (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки мегӯяд: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Агар банда бемор шавад ва ё сафар бикунад, барояш монанди аҷру савоби корҳое, ки дар ҳоли муқимию солимӣ анҷом медод, сабт хоҳад шуд».**

Ибни Ҳаҷар (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: «Барояш монанди аҷру савоби корҳое, ки дар ҳоли муқимию солимӣ анҷом медод, сабт хоҳад шуд». Ин барои касест, ки ибодатеро анҷом медод, аммо бо монеъе рӯбарӯ шуд, дар ҳоле ки ниятaш ин буд, ки агар он монеъ намебуд, он ибодатро идома медод. Поёни сухан.

"Фатҳу-л-борӣ".

Аллоҳ донотар аст.